Сомнительными кажутся заявления другой плеяды авторов о том, что якобы «в результате войны в Афганистане США научились играть по местным правилам, которые были чужды для западного мира. В процессе адаптации к региональной дипломатической культуре разрешения вопросов, США потеряли много времени и средств и «ныне США стали действовать также как и другие региональные державы в построении взаимосвязей с властями государств региона».

Сложно оценить вероятность и результаты новых переговоров с талибами, где в центре повестки дня вопрос полного вывода иностранных войск из Афганистана. Результаты социологических опросов показывают, что большинство афганского населения выступает категорически против присутствия иностранного контингента. Не случайно в этой связи и заявление президента страны Хамида Карзая о том, что действия НАТО больше нацелены на убеждении в обратном и оправдании своего присутствия» [10].

Стамбульский процесс, оформившийся в 2011 году, нашел свое продолжение в третьей министерской конференции, которая в мае 2013 года состоялась в городе Алматы, куда съехались делегации из 50 разных стран мира, выражающих готовность расширять свое сотрудничество с Афганистаном. Президент Казахстана Нурсултан Назарбаев, открывая министерскую конференцию в Алматы, с тревогой говорил о грядущем в 2014 году выводе контингента Международных сил содействия безопасности из Афганистана. Он отметил, что это обстоятельство не должно рассматриваться как «признак ослабления внимания мира к Афганистану».

Сильно беспокоит мировых геополитических центров и ряд региональных держав информация о том, что после вывода из Афганистана сил НАТО американцы собираются оставить в стране девять военных баз в Кабуле, Баграме, Мазари-Шарифе, Джалалабаде, Нардезе, Кандагаре, Гильменде и Герате, который подтверждается заявлениями Президента Афганистана Х. Карзая. Мировыми и региональными лидерами, а также научным сообществом логично актуализируется вопрос о том, что война обходилась и обходится слишком дорого для госбюджета участников афганской кампании.

Например, французские аналитики указывают, что начиная с 2010 года на войну в Афганистане, уходит более половины ежегодных бюджетных ресурсов Франции, предназначенных на проведение операций за пределами страны (Чад, Ливан, Гаити), – 1,3 млн. долларов США в день. Но эти цифры не включат в себя незапланированные дополнительные расходы (увеличение жалований, транспортные расходы, новое вооружение, боеприпасы и т.д.). На вывод 3600 французских солдат, размещенных в Афганистане, уйдет от 300 до 500 млн. евро. На сегодняшний день на транспортировку воздушным путем российскими транспортными самолетами Ан-124 на 60-80 рейсов будет потрачено от 36 до 40 млн. евро. Наземные пути – через Пакистан – пока еще не открыты. Начиная с 2002 года, война уже обошлась Франции в 5-7 млрд. евро» [11].

Но как показывает опыт военных конфликтов, полную цену войны сложно определить цифрами. По имеющимся сведениям 56% ветеранов войн в Ираке и Афганистане будут обеспечены медицинским обслуживанием и довольствием до конца их жизни. Каждый второй ветеран уже получил пожизненную инвалидность. За 11 лет от 60 до 70 тыс. французских солдат вернулись из Афганистана. 88 были убиты, 700 раненых воспользовались дополнительным месячным отпуском [12].

По статданным сегодня выживают 90% раненых против 50% во времена Вьетнама и 30% в годы Второй мировой войны. Многие военные лишились двух или даже трех конечностей. Во Франции пособие взрослому инвалиду составляет около 10 тыс. евро в год. Если предположить что продолжительность жизни 600-700 раненых составит 40 лет, только на пенсии по инвалидности уйдет от 240 до 280 млн. бюджетных средств [13].

Полемика, возникшая на данную тему среди экспертов по Афганистану, равно как и желание понять основные тенденции развития страны и региона хотя бы в среднесрочной перспективе с точки зрения интересов безопасности Центральной Азии, заставляет обратиться к некоторым историческим ретроспективам. Одним из таких моментов является проблема федерализации Афганистана как вероятный путь разрешения вопроса.

Идея фрагментирования Афганистана имеет свою историю. Например, можно вспомнить о британском проекте создания таджикско-узбекского государства на Севере Афганистана в 1929 году, когда в Кабуле недолго сидел эмиром таджик Бачаи Сакао, он же Хабибулло Гази (креатура Лоуренса Аравийского, известного в Афганистане и Британской Индии как Пир Карам-шах). Ярким сторонником административно-территориального деления Афганистана с простым копированием советской модели союзного государства был Хафизулла Амин, мечтавший о создании союзных республик по простому этническому принципу – пуштунская, белуджская, таджикская и так далее. Федерализация Афганистана рассматривалась в свое время в советском руководстве–как вариант урегулирования межэтнических, этнополитических проблем и стабилизации ситуации в стране после вывода советских войск. В частности, изучалась возможность создания «в рамках единого Афганистана таджикской автономии на базе районов проживания таджиков с включением в нее территорий провинций Бадахшан, Тахар, Баглан, части Парван и Каписа», обсуждались вопросы представительства таджиков в высших органах власти страны и формирования Исламским Обществом Афганистана «регулярных войск таджикской автономии с включением их в состав ВС РА» [14]. Отказ советского руководства от подобного переформатирования Афганистана был связан как с пониманием конфликтности этой инициативы с пуштунским окружением Наджибуллы, так и с осознанием высокой дисперсности расселения этногрупп и очевидной нереальностью администрирования по этническим критериям.

По мнению российского эксперта А. Князева не являясь единственно доминирующим противоречием в развитии афганского общества, этнический фактор, в то же время, играл и играет чрезвычайно важную роль, особенно в случаях и в периоды общеполитических кризисов, стимулируемых, как правило, воздействием внешних центров силы. Пуштунский вариант решения национального вопроса – под флагом унитарного Афганистана – был и остается источником дополнительной напряженности в стране.

По мнению ряда исследователей, этнополитический баланс афганского общества, начавший формироваться на рубеже XIX-XX вв., обеспечивался применением модели гегемонистского доминирования в сочетании с исторически установившимися, естественными механизмами интеграции и ассимиляции, что создавало условия для постепенного преодоления трайбалистских и этнических противоречий в процессе модернизации афганского национального государства.

Вторая половина 2010-го–первая половина 2011-го года демонстрируют резкий рост межэтнических противоречий, эволюционизирующий в общественных настроениях и в пристрастиях непуштунских политических элит в сторону сепаратизма. [15]

В то же время, инициируемая окружением Хамида Карзая и нарастающая пуштунизация госструктур вызывает отрицательную реакцию непуштунского населения. Это в косвенных признаках было очевидно в ходе электоральной кампании 2009 г., и очень ярко проявилась по результатам парламентских выборов 2010 г., когда пуштуны потерпели скандальное фиаско, уступив определяющее большинство в парламенте другим этническим группам. Дальнейшая пуштунизация госвласти, неизбежная в случае включения во власть талибского (то есть пуштунского) компонента способна привести только к усложнению конфигурации конфликта в целом, а значит, и к сужению поля потенциального переговорного процесса.

История Афганистана никогда не была собственно афганской историей. Она всегда была, остается и будет и историей борьбы внешних факторов на афганской территории, во внутриафганских процессах. Мировая история, по крайней мере в ключевых регионах мира, окончательно утратила свой естественный характер. История стала проектной. И Афганистан – это тоже проект. В американских аналитических центрах рассматривается еще один проект сходного характера – «Независимый Белуджистан», декларируемая задача которого–объединить в единое государство белуджское население Афганистана, Пакистана и Ирана. Практически впервые в истории Афганистана, и уж во всяком случае –в новейшее время, афганские белуджи начинают заявлять о себе как о самостоятельной политической силе. В первую очередь, этот проект направлен на хаотизацию ситуации в Пакистане и Иране. В современном американском геополитическом проектировании раздела Афганистана главные звенья – Пуштунистан, а на севере – Афганский Туркестан. [15]

Успех и процветание странам Центральной и Южной Азии гарантирует только единый, стабильный развивающийся Афганистан. А вот опора на этничность и раздел страны – есть показатель других, латентных, но подлинных целей западной коалиции, заключающихся в продолжении распада и экспорте нестабильности в Центральную Азию.

Этот процесс уже идет, и остановить его со стороны внешних факторов, приверженных целостности границ, уже попросту невозможно. Здесь можно только согласиться с мнением Владимира Пластуна, о том, что «в любом случае, решение остается за США как ведущим игроком на афганском направлении». Другие игроки, в частности, Россия, так и не сформировав внятной, системной политики на афганском, да и на среднеазиатском в целом, направлении, в предстоящий период будут вынуждены лишь принимать как данность происходящие в Афганистане, а во многом и во всем регионе, процессы. Проектный характер происходящего подразумевает не простой раздел на Север и Юг, что уже было в 1990-х, но и использование Севера для переноса нестабильности в сопредельную Среднюю Азию. [16]

Таким образом, следует резюмировать, что война в Афганистане это настоящий системный провал западной коалиции. Если согласно Клаузевица война – это продолжение политики другими средствами, то война в Ираке, Афганистане, Ливии, Сирии и т.д. это продолжение отсутствия политики другими методами.

### ЛИТЕРАТУРА

1. Положение в Афганистане оптимизма не вызывает. Коммерсантъ, 2013.25.04. -№73 (5104).
2. [Электронный ресурс]. http://www.centrasia.ru/newsA.php?st=1366856880
3. Положение в Афганистане оптимизма не вызывает. Коммерсантъ, №73 (5104), 25.04.2013.
4. [Электронный ресурс]. http://www.centrasia.ru/newsA.php?st=1366856880
5. Мирное урегулирование в Афганистане не может развиваться без ШОС. [Электронный ресурс]. http://www.centrasia.ru/newsA.php?st=1367896080
6. Мирное урегулирование в Афганистане не может развиваться без ШОС. [Электронный ресурс]. http://www.centrasia.ru/newsA.php?st=1367896080
7. Мирное урегулирование в Афганистане не может развиваться без ШОС. [Электронный ресурс]. http://www.centrasia.ru/newsA.php?st=1367896080
8. Мирное урегулирование в Афганистане не может развиваться без ШОС. [Электронный ресурс]. http://www.centrasia.ru/newsA.php?st=1367896080
9. [Электронный ресурс]. http://www.centrasia.ru/newsA.php?st=1367809380
10. [Электронный ресурс]. http://www.centrasia.ru/newsA.php?st=1367809380
11. [Электронный ресурс]. http://www.centrasia.ru/newsA.php?st=1368035100
12. Там же.
13. Там же.
14. Гай Д. Вторжение / Д. Гай, В. Снегирев // Знамя, 1991. –№3. –С.195-217; "Архив генерала армии В.И. Варенникова", приводится по: Ляховский А.А. Трагедия и доблесть Афгана. – Ярославль, 2004. –С.664.
15. Князев А.А. Международные процессы / А.А. Князев // Теория международных отношений и мировой политики. – М., 2009. -Том 7. - № 1 (19).
16. Пластун В.Н. Деятельность экстремистских сил и организаций в странах Востока / В.Н. Пластун. – М., Сова, 2005. – 476 с.

### АФГАНИСТАН ПОСЛЕ УХОДА ЗАПАДНОЙ КОАЛИЦИИ: НЕКОТОРЫЕ АСПЕКТЫ РАЗВИТИЯ СИТУАЦИИ

С приближением 2014 года и вывода войск западной коалиции Афганистан переходить на новый уровень своего исторического и трагического развития. Соединенные Штаты Америки и ее союзники, как и все другие державы, завоевавшие эту страну, не смогли решить афганскую проблему. Уровень конфликтогенности региона намного выросла, нестабильность Афганистана угрожает национальной и региональной безопасности.

**Ключевые слова.** Афганистан, антитеррористическая кампания, западная коалиция, безопасность, мировые державы, Аль-Каида, ШОС.

### AFGHANISTAN AFTER LEAVING OF THE WESTERN COALITION: SOME ASPECTS OF DEVELOPMENT OF THE SITUATION

With the approach of 2014 and the withdrawal of the Western coalition Afghanistan goes to the next level of its historic and tragic development. The United States and its allies, as well as all other powers, who won the country, were not able to solve the Afghan problem. The level of conflict potential in the region is much increased the instability in Afghanistan a threat to national and regional security.

**Key words:** Afghanistan, the anti-terrorist campaign, the Western coalition, security, world powers, al-Qaeda, the SCO.

**Сведения об авторе:** ***Махмадшоев Р.*** – доктор исторических наук, заведующий кафедрой архивоведения и историографии Таджикского национального университета

# ҶУНБИШИ МАОРИФПАРВАРӢ ВА АНДЕШАҲОИ ИСЛОҲТАЛАБОНАИ АҲМАДИ ДОНИШ

*Манижа Муслимифар*
**Пажӯҳишгоҳи улуми инсонии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Аҳмади Дониш (1826-1897) фарзанди Мулло Мирносир, андешаманди бузург, адиби тавоно, бунёдгузори ҷунбиши маорифпарварии Осиёи Миёна ва донишманди боломанозеи Бухорои қарни Х1Х дар як хонаводаи камдаромад дар Бухоро зода шуд. Ватани падари ӯ тумани Шофирком буд, ки бо ҳадафи таҳсил дар мадрасаи исломӣ дар Бухоро, мондагори он диёр мебошад. Номи ӯ Аҳмад тахаллусаш Дониш, шуҳраташ Маҳдум аст. Махдум номи эътоии дарбори Бухоро ба андешамандони дарборӣ буд. Ӯ яке аз фозилтарин инсонҳои Бухоро ба шумор мерафт. Падару модари Аҳмади Дониш босавод ва алоқаманд ба адабиёт буданд. Модари ӯ бонуи доно ва донишманд буд. Аҳмад ягона фарзанд буд ва таҳсили ибтидоиро дар маҳзари модари фарҳехтаи худ фаро гирифт. «Модар ба воситаи алоқаи шадидие, ки бо писараш дошт, аз рафтан ба мактабу масҷид ӯро боздошт ва дар сафи мактаби хонагии худ, ки аксар дӯшизагони хурдсол буданд, ворид кард» ва дар синни 9-солагӣ барои омӯзиши «Қуръон» вориди мадрасаи динӣ шуд, то ҳофизи Қуръон ва қории Қуръон шавад.

Дониш солҳои баъд барои фарзандони худ аз саводомӯзӣ ва истеъдоди фитрии худ сухан мегӯяд: «Бидонед, ки ҷадди шуморо ба ҷуз ман фарзанде набудааст ва пас аз он ки моро ба дабиристон барои таълим ниҳанд, дар хона бо ҳузури атфоли пеши модар ба муколамаи абҷад ва тахта ва лавҳ ба хатту хондани он ва гоҳе мавзун сохтани қофия, бе он ки маъное бошад, бинобар ин, истеъдоди фитрӣ ба ҳосил буд… Он гоҳ падар маро ба дабиристон фиристод, то ҳифзи Қуръон кунам ва он бар мизоҷи ман сахт ва нолозим омад, чунки лакнати забон доштам, ба душворӣ ҳифз мекардам ва ҳавсалаи такрори бисёр надоштам… Ҳамин ки аз мактаб берун омадам, дар маъракаи таъриххонҳо ҳозир мешудам, чун дар ин маҷлисҳо аҳволи гузаштагонро муфассал мешунидем ва тарзи мамлакатдории салотинро медонистам, аммо бо ранҷи фаровон дар муддати се сол як бор хатми Қуръон намудам. Он чи ки аз ёд карда будам дарҳол фаромӯш кардам».

Дониш баъд аз тарки мадраса назди омӯзгорони хусусӣ ба фарогирии улуми ҳандаса, нуҷум, риёзиёт, таърих, хаттотӣ, наққошӣ ва фалсафаи исломӣ пардохт. Аз кӯдакӣ ба шоирӣ, наққошӣ, рассомӣ ва хаттотӣ бисёр алоқаманд буд. Дониш бо ташвиқи падар барои фарогирии улуми роиҷи замони худ ба яке аз мадориси Бухоро меравад. Алорағми вазъи номуносиби иқтисодӣ, бо ҷиддият ва маҳорат ба ҷамъоварӣ ва мусаввarасозии назму насри девони шоирони гузашта ва андешамандони пеш аз худ пардохт ва осори онҳоро барои дӯстдорони шеър бо хатти хеш китобат ва бо наққошии зебо меорояд. Дониш нусхаҳои қадимиро рӯйнавис мекард ва дар хушнависии рӯйи деворҳо бо мазмуни табиат ва майдони ҷангӣ чирадаст буд ва бо даромади ҳосил аз ин маҳорат, имрори маош мекард. Ӯ бештари умри худро дар роҳи ҳунар гузаронд ва дар хушнависӣ ва нигоришгарии наққошии аморат, мутабаҳҳир буд ва Дониш тарроҳӣ ва лавоҳӣ ва наққошии амoратро бо раҳнамоии устоде, ки ҳеҷ гоҳ аз он ном набурд, такмил кард. Дониш дар заминаи пизишкӣ, мусиқӣ ва меъморӣ низ осоре халқ кардааст.

Шуҳрати маҳорат ва тахассус дар улуми мухталифи Аҳмади Дониш ба дарбори ҳукумати Манғитиён, амир Насруллоҳ(1826-1860) мерасад ва амири Бухоро дар соли 1850 Дониши 23-соларо ба дарбор даъват карда, зери назари устоде, ки меъмори қобил ва нигоргари моҳир буд, ба омӯзиш мегуморад. Ӯ баъд аз даргузашти устодаш бо ҳуқуқи баробари ҳазор дирам, ҷонишини устоди хеш мешавад: «Султон маро талаб кард ба хатти хуб китоберо интихоб намуда ва аз улуми тиб ва масъалаҳои мухталифи таърих китобат мефармуд ва ҳар чизеро то даҳ дирам музд таъйин мекард.

Маро дар урдуи салотин аз субҳ то бегоҳ нигоҳ медошт ва аз корҳое, ки дар хусуси он аз устоди ман муроҷиат менамуд, аз ман савол мекард ва маъмурон ва наққошон бо савоби диди ман кор мекарданд». Аммо Дониш бештар ба самти китобати рисолаҳо ва умури девонӣ мепардозад.

**Санкт-Петербург дар сафари нахуст.** Аҳмади Дониш солҳои хидмат дар дарбори Бухоро се маротиба ба Санкт-Петербург пойтахти Русия сафар кардааст. Аввалин сафари ӯ дар давраи хукмронии амир Насруллоҳ (1820-1826 )дар синни 30-солагӣ дар

ҳайате аз фиристодагони амири Бухоро аз поизи соли 1857 то 12 январи соли 1858 меанҷомад. Амири Бухоро ин ҳайатро бинобар даъвати вазири дарбори императори Русия ба Санкт-Петербург фиристод. Сафари ҳайат бо ҳадафи тақдими тасаллият ба муносибати даргузашти император Николайи I ва табрикот ба муносибати тоҷгузорӣ ва ба тахт нишастани Александри I буд. Аҳмади Дониш дар ин сафар бо кишвари тавсеаёфта ва муҷаҳҳаз ба роҳи оҳан, барқ, корхонаҳои саноатӣ, қасрҳои бошукӯҳ, хиёбонҳои мумфарш пизишкии пешрафта рӯ ба рӯ мешавад, ки на танҳо бо Бухоро бисёр мутафовут буд, балки қарнҳо аз Бухоро аз ҷиҳати бисёре пештар буд. Ҷаҳонеро медид, ки гомҳои баландеро дар заминаҳои иқтисодӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ, ҳунар ва сармоядорӣ бардошта буд. Чашмони ҳайратзадаи Дониш Бухорои саросар ҷаҳл ва нодонеро пеши рӯ меовард. Аморати Бухорое, ки амир Насруллоҳ ва дарбориёни ҳалқа ба гӯшаш, онро ба бухориён ва ҷаҳониён бошукӯҳ ва муқтадир муаррифӣ мекарданд, акнун вайронае беш набуд, ки Дониш орзуи пешрафт ва ободии онро дошт.

Дониш мепиндошт, ки агар дидгоҳҳои худро бо ангезаи ислоҳоти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва санъатӣ барои амири Бухоро баён кунад, шояд амир дар ҷиҳати ислоҳот ва беҳбуди авзои ҷомеа ва мардуми фалокатзада тадбире биандешад, аммо амири ғарқ дар зулм ва ситам ва фасод, он бахше аз пешниҳодҳои ӯро, ки муртабит бо маосили низомӣ ва манофеи иқтисодӣ буд, пазируфт ва назароти ӯро дар мавриди пиёда кардани ислоҳот дар ҳавзаҳои иҷтимоӣ, фарҳанг, таълим ва тарбият рад кард ва таваҷҷуҳе ба талошҳои ӯ дар таъвизи рӯҳониёни нодон ва дарбориёни нолоиқ накард. Дар ин бора Аҳмади Дониш мегӯяд: «Замоне нагузашта, ки амир Насруллоҳ чашм аз ҷаҳон фурӯ баст ва амир Музаффар (1860-1886), писари ӯ бар тахт нишаст. Ҳангоми ҳукумати ин амири нодон ва сустирода сарнавишти идораи кишвар ба дасти афроди бесавод ва судҷӯ ва рӯҳониёни фосид ва мутаассиб афтод. Андешамандони ориф ва рӯшанфикрони огоҳ дар ин замон дар фаромӯшӣ ва узлат мезистанд».

Аҳмади Дониш камокон дар дарбор хидмат мекарданд «Музаффар ӯро ҳамчун як мунаҷҷим дар дарбор нигоҳ медошт, ҳарчанд ӯро аз умури давлатӣ ва хукуматӣ дур карда буданд, аммо талоши Дониш бар он буд, ки амири ҷадидро ба густариши илм ва ривоҷи маърифат тарғиб кунад ва дар қасидаи пешкашӣ ба амир Музаффар аз ӯ мехоҳад, ки аз машварати донишпажӯҳон, динпарварон ва ҳунармандон дар созмондиҳӣ ба умури мамлакат баҳра гирад:

Шунидам зи ҳикмат, ки подшоҳеро<br>
Ба чанд тоифа бояд кушуд роҳи васоил.<br>
Ҳама ҳунару донишпажӯҳ ва динпарвар,<br>
Ҳама суханвари санҷида ва малеҳ мисол…<br>
Дигар мусаввири Беҳзод аст ва мониқалам,<br>
Ки нақши фалак ва арзро кашад тимсол.<br>
Ва вуҷуди ҳар яке аз ин қавм зисти мамлакат аст,<br>
Ҳузури ҳар як аз ин фирқа мулкрост ҷамол.

Аммо дар амири худком ва нолоиқ панду андарзҳои Дониш дар баробари лаззати чоплусии дарбориён бетаъсир буд. То ҷое ки донишманд ва рӯшанфикроне, ки даврони ҳукумати амир Насруллоҳ мансубият доштанд, барканор мешуданд, ҳатто Аҳмади Дониш ба шуғли сатҳи поине таназзул меёбад.

Дар ин сафар Дониш он чи дар тавли сафар дида ва шунида буд, дар рисолае ба унвони «Дар сафорати Абдулқодирбой ва аҷоиботи ҷашни Русия» бо васвос ва диққати хосе тавсиф кардааст. Дониш дар сафари сеюм қасидаи кӯтоҳе дар васфи арӯс ва домод, бо тарҷумаи русӣ ба тизори Русия ҳадя мекунад. Дониш дар ин бора менависад: «Ба тақозои мутарҷим дар арзи роҳ сурати арӯси император дар риштаи назм даромад ва онро ба забони русӣ тарҷума намуд ва ба ҳама рӯзномаҳо дар фарангистон бурданд». Дар оғози маснавӣ омадааст:

Шоҳ адл дар мулки ноёб хост,<br>
Шоҳонро ба ҷуз адли миллат куҷост.<br>
Зи шоҳон ҳамин адл пурсанду бас,<br>
На аз дин ва давлат на аз дастрас.

Пас аз сафари савум, амир Музаффар бори дигар мартабаи муҳимеро дар давлат ба Дониш пешниҳод мекунад, аммо шарти Дониш камокон таҳаввул дар равиши идории мамлакат ва ислоҳи умур аст, то шояд аз ин роҳ давлат муназзам ва басомон шуда, осоиш ва роҳати мардум ва ободиву тараққии кишвар фароҳам ояд. Ӯ бовар дошт, ки дар ин шароити нобасомони кишвар пазируфтани мансаби давлатӣ

суде барои кишвар надорад ва тасмим мегирад дар рисолае пешниҳодҳои худро дар боби равиши мамлакатдорӣ ба унвони «Рисола дар назми тамаддун ва таовун» навишта, ба амир Музаффар тақдим кунад. Ӯ дар муқаддима овардааст: «Боре дар мавриди тақозое навиштам, ки ин мулозимате, ки абнои рӯзгор дар хидмати дарбор бар худ лозим донистанд, ман ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонам… Ман рисолае таълиф мекунам, ки таркибе аст аз низоми ӯзбекӣ ва фарангӣ… Пас ин рисоларо мудавван кардам. Худоро миннат, ки баъд аз тамоми ин рисола ҳеҷ кас аз он напурсид ва ҳеҷ эҳтиёҷе ба назми аскардорӣ наяафтод».

Аҳмади Дониш тасмим ба ташкили вазоратхона ва маҷлиси шӯрои Бухоро бо ҳузури амир гирифт, то умурот ва қавонин баъд аз баёни назари маҷлис ба имзо ва таъйиди амир бирасад. Дарвоқеъ амир ҳокими мутлақ набошад ва дигар он ки дар ҳуқуқи ӯ маҳдудият вуҷуд дошта бошад. Дониш менависад: «Султонро гурез набуд ал-мушовира таъйин кунад ва барои он раиси қавӣ мансуб гарданд. Амир набояд ҳокими мутлақ бошад. Амир монанди ҳама мардум аст, кор мекунад ва музде мегирад».

Дониш дар сафари нахуст ба Русия бо андешаи таҳаввул ва ислоҳот назди амир Насруллоҳи худкома меравад, аммо амир ӯро аз ҳар тағйире ба ҳар шакле ноумед месозад. Бинобар ин, дар сафари сеюм нобудии ҳукумати Манғитиёнро мехоҳад. Афкор ва нуфузи Дониш бо зоиқаи амир созгор набуд ва тасмим гирифт, ки Донишро аз Бухоро дур кунад. Амир ба наздикони худ гуфт: «Ман фалониро бо сафирони давлат ба ҷониби Русия равон кардам, ӯ ба ман насиҳатгар шуд, аз ин ба баъд ӯро нафиристам». Дониш дар посух мегӯяд: «Ман ҳам ба нукарии ин гуна харон толиб нестам».

Саранҷом, ҳангоме ки амир пешниҳодҳои Донишро рад мекунад, ӯ аз хидмати дарбор канорагирӣ карда, иҷборӣ ба Ғузор меравад ва се солро дар он ҷо мегузаронад ва дар соли 1885, ҳангоме ки амир Абдулаҳад бар тахт менишинад, ночор баргашта, китобдори яке аз мадориси Бухоро мешавад ва дар ҳуҷрае ба таълиф ва тадвини осори илмӣ ва адабӣ мепардозад ва китоби «Наводир-ул-вақоеъ» (1875-1882), ки баргирифта аз «Сафарнома»-и Носири Хисрав ва «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ мебошад, ба итмом мерасонад. Ӯ менависад: «Лозим набуд шуморо, ки тамоми мухтасари вақоеъро тарҷума тавонед кард, зеро он сурати масъалаҳо, ки мусанниф вазъ карда, аксаран аз вазъи ҳол сурати вуқӯъ нагирифта ва баъд аз ин ҳам воқеъ нахоҳад шуд, бо тафаккур шояд воқеъ шавад…»

Рӯҳоният бо афкор ва андешаи Дониш мувофиқ набуд ва ӯро мулҳид ва зидди дин эълом кард. Дониш дар посух ба ин иддао рисолае ба номҳои «Меъёр-ул-тадвин» ва «Номус-ал-эъзом»-ро навишт ва ба таҳлили аҳкоми динӣ пардохт. Аҳмади Дониш бовар дошт, ки ҳукумат ба ислоҳоти асосӣ ниёз дорад ва дигаргуниҳои кӯчак ба дарде аз ҷомеа даво намекунад. Бинобар ин, пешниҳодҳои худро дар «Рисолаи таърихӣ» охирин асари худ ба риштаи таҳрир даровард. Аҳмади Дониш бо андешаҳои ҷасуронааш як растохези фикрии бузург буд, ки бо таъсир дар андешамандони замони худ сабаби бедории ҷавонони рӯшанфикр ва навгаро шуд.

Садриддин Айнӣ дар мавриди андешаҳои Аҳмади Дониш ва муҳимтарин асари ӯ «Наводир-ул-вақоеъ» ин гуна менависад: «Ман ин китобро сар то по бодиққат хондам. Мутолиаи ин китоб ба ин ҷониб лаззати фаровоне ҳадя намуд. Такрор ба такрор хондам ва фаҳмидам, ки чаро муллоён ӯро кофир гирифтаанд.

Аҳмади Махдум дар ин китоб, муллоёни расмиро бераҳмона интиқод намуда, фасоди олимон ва амирро фош кардааст. Хулоса дар сояи мутолиаи ин китоб ақидаҳои ман ба ҷунбиш омад ва инқилобе дар фикри ман ба вуҷуд омад».

Дониш рамзи пешрафт ва таҳаввул ва исботкунандаи ҷумлаи хостан ва тавонистан аст. Пешрафти фардӣ аз табақаи фурудасти ҷомеа, ба фарди маъмуле дар идороти давлатӣ то роҳбари ҷунбиши маорифпарварӣ, таҳвилгари фарҳангӣ, мунтақиди ҳукуматӣ, ки саранҷом ба мусолеҳи ҷасур дар авохири қарни XIX Осиёи Миёна табдил мешавад. Ӯ бо кӯмаки шогирдон монанди Савдо, Шоҳин, Ҳайрат, Музтариб ва Садриддин Айнӣ роҳбарии азимтарин ҷунбиши маорифпарвариро ба уҳда мегирад. «Афкори маорифпарваронаи Аҳмади Дониш ба васили шогирдони ӯ идома ёфт ва амир ва дарбориён ва уламои дарборӣ, маорифпарваронро дар байни мардум бадном мекарданд, аммо ин афкор таъсири худро бахшид ва дар ибтидои қарни XX рушд ёфт». Дониш вопасин солҳои умри худро дар шаҳри Бухоро, шаҳре, ки пешрафт ва ободии он орзуи деринаи ӯ буд, гузаронд ва дар соли 1897 Бухоро ғуруби марде аз ҷинси маърифат ва донишро назорагар шуд.

**Таълифоти Аҳмади Дониш**. Аз Аҳмади Дониш, ки лақаби фахрии илмии дарборро гирифта буд, таълифоти мутааддиде бар ҷо мондааст, аз ҷумла: «Дар сафорати Абдулқодирбой ва аҷоиботи ҷашни Русия» дар тайи сафари сеюми Дониш ва ширкат дар ҷашни арӯсии духтари Александр, ҷашни арӯсӣ, либосҳои муҷаллал, рақсҳо, шуъбадабозиҳо, сиркбозон, навозандагон, сохтмонҳоро бо зарофати хосе тавсиф кардааст ва онро заминаи муҳимтарини асари худ «Наводир-ул-вақоеъ» кардааст». Дар «Меъёр-ул-тадовин»-ро дар посух ба суханони ёва ва беҳудаи рӯҳониёни ноогоҳ ва вобастаи дарбор навиштааст. «Рисола дар назми тамаддун ва таовун» шомили пешниҳодҳо дар боби равиши мамлакатдорӣ аст.

«Номус-ал-аъзам»-ро дар бораи дини ислом ва таҳлил аҳкоми динӣ нигоштааст.

«Манозир-ул-кавокиб», «Рисола фӣ аъмол-ил-кура», «Таодули хамсаи мутаҳайира» ва «Манозир-ул-кавокиб», ки ба супориши амир Музаффар дар илми нуҷум навишта шуда, охирини асари ӯ «Рисолаи таърихӣ» мебошад, ки он дар бораи амиронри манғитӣ маълумот додааст.

«Наводир-ул-вақоеъ» муҳимтарин асари Дониш аст, ки чун гавҳари тобнок бар торикии адабиёти тоҷик медурахшад. Ин китоб шомили як мукаддима, 20 боб ва як хотима мебошад ва дар он масоили фарҳангӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, адабӣ, фалсафӣ, пешниҳодҳои созанда, ҷустуҷӯҳо, тавсифи дидаҳо ва шунидаҳо ва авҷи тафаккуроти Аҳмади Дониш бо забони сода баён шудааст: «Забони ин китоб ба хонандагон нисбат ба дигар китобҳо ва чизҳое, ки иншонависони ҳамон забон менависанд, хеле осон буд». Дониш дар ин асараш ҳукумати феодалӣ, низоми арбоб ва раисӣ, таассуби динӣ ва худкомиҳои ҳокимро ба чолиш кашида, диловарона амири Бухороро сарзаниш мекунад ва шоирон ва маддоҳони дарбориро ин гуна таҳия месозанд:

Эй, ки таърифи салотин кардаӣ,
Машқи таълими шаётин кардаӣ.

Нусхаҳои китоби «Наводир-ул-вақоеъ»-ро андешамандони мутаҷаддид даст ба даст мегардонданд ва мехонданд ва посухи пурсишҳои ҷомеаи худро дар он меёфтанд.

Мақолаи ҳозир бо ҳадафи ироаи тасвири воқеӣ аз раванди зиндагии Аҳмади Дониш ва таъсири он дар бедории афкори умумӣ ва ҷомеа навишта шудааст. Дониш кӯдаки гурезпои мадраса, муқимии маъракаи таърихонон, фарде аз табақаи фурудасти ҷомеа, корманди маъмулӣ дар идороти давлатӣ ба мунтақиди ҳукуматӣ ва бо ёрии шогирдоне чун Савдо, Шоҳин, Ҳайрат, Музтариб ва Садриддин Айнӣ ба роҳбари ҷунбиши маорифпарварии Бухоро табдил мешавад. Бинобар ин, метавон гуфт, ки охири қарни XIX оғози дигаргунӣ дар Осиёи Миёна аст.


**АДАБИЁТ**

1. Ғафуров Б. Тоҷикон. / Б. Ғафуров. –Душанбе: Ирфон, -1998. –Ҷ.2. -827с.
2. Шеърдӯст Алиасғар. Таърихи адабиёти навини Тоҷикистон / Алиасғар Шеърдӯст. –Теҳрон: Интишороти илмӣ- фарҳангӣ, 1390. –С.46-47.
3. Расулзода Ҳодӣ. Гулчине аз асарҳои Аҳмади Дониш / Расулзода Ҳодӣ. –Душанбе: Дониш, -1977. –С.132-133.
4. Кайҳон Фарҳангӣ. Вижаи фарҳанги Тоҷикистон / Кайҳон Фарҳангӣ.-Теҳрон, 1372. –С.70.
5. Аҳмади Дониш. Рисола дар назми тамаддун ва таовун / Аҳмади Дониш, 1976. –С.2.
6. Аюбзода Салим. Тоҷикистон дар қарни XX / Аюбзода Салим. -Олмон, 2006. –С.57-58.
7. Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вақоеъ / Аҳмади Дониш. –Душанбе, -1989. –С.95.
8. Айнӣ С. Ёддоштҳо / Айнӣ С. –Теҳрон: Огоҳ, 1362. –С.163.


**ПРОСВЕТИТЕЛЬСКОЕ ДВИЖЕНИЕ И РЕФОРМАТОРСКИЕ ИДЕИ АХМАДА ДОНИША**


В данной статье автор рассматривает особенности возникновения и распространения просветительства в Средней Азии, которому способствовала активизация открытой борьбы против социальной несправедливости и угнетения, царящих в этом регионе. Основатель просветительства в Средней Азии Ахмад Дониш, является выдающимся представителем реформаторства и в своих трудах обращается к политическим, социальным, философским, экономическим, культурным и религиозным достижениям своих предшественников. Источником его социально-политических и просветительско-реформаторских идей, также стали впечатления мыслителя от путешествий в Россию, а также наблюдения за политическим, экономическим и культурным состоянием Центральной Азии и Бухарского эмирата второй половины XIX в.



**Ключевые слова:** просветительство, просветительское движение, реформаторские идеи, основатель просветительства в Средней Азии, Ахмад Дониш.


**EDUCATIONAL MOVEMENT AND AHMAD DONISH'S REFORMATORY IDEAS**


In this article the author considers features of emergence and enlightenment distribution in Central Asia which was promoted by activization of open fight against social injustice and the oppression, reigning in this region. The founder of enlightenment in Central Asia Ahmad Donish, is the outstanding representative of a reformatorstvo

and in the works addresses to political, social, philosophical, economic, cultural and religious achievements of the predecessors. Impressions of the thinker of travel to Russia, and also supervision over a political, economic and cultural condition of Central Asia and the Bukhara emirate of the second half of the XIX century became a source of his socio-political and educational and reformatory ideas, also.
**Key words:** enlightenment, educational movement, reformatory ideas, the founder of enlightenment in Central Asia, Ahmad Donish.

**Сведения об авторе:** ***Манижа Муслимифар*** – соискатель Института гуманитарных наук АН РТ

# НИГОҲЕ БА АВЗОИ ҶУҒРОФӢ, ТАЪРИХӢ ВА ФАРҲАНГИИ ШАҲРИ БУХОРО ДАР САРЗАМИНИ ФАРОРӮДОН (МОВАРОУННАҲР)

***Мусавӣ Саравӣ Сейед Раҳим Сейед Ҳасан***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Сарзамини Фарорӯдон, ки миёни рӯдҳои Амударё (Ҷайҳун) ва Сирдарё (Сайҳун) қарор дошта, дар нақшаи ҷуғрофӣ-сиёсии имрӯз шомили кишварҳои Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва бахши кӯчаке аз Қазоқистон ва Туркманистон мешавад ва дар ҷуғрофиёи ҷаҳонии Осиёи Марказӣ хонда мешавад. Муҳимтарин шаҳрҳои он ба ривояти муаррихон ва ҷуғрофидонони куҳан Бухоро, Чоч, Суғд, Кеш, Нахшаб, Истаравшан, Самарқанд, Тирмиз, Чағониён, Зомин, Хуҷанд, Фарғона, Хоразм ва Хатл аст. Бархе аз ҷуғрофидонон ин минтақаро аз бахшҳои чаҳоргунаи Хуросони бузург ба шумор овардаанд. Ин чаҳор бахш иборатанд аз: 1) Марвшоҳгон ва навоҳии он; 2) Балх ва Тахористон; 3) Ҳирот, Пушанг ва Бодғису Сиҷистон; 4) Мовароуннахр. Ибни Руста ҳамаи шаҳрҳои Хуросонро ном мебарад, ки номи шаҳрҳои Фарорӯдон низ миёни онҳо аст.

Дар китоби «Ҳудуд-ул-олам» нависандаи он талош мекунад, то ҳудудҳои ҷуғрофии Фарорӯдро таъйин намояд: «Мовароуннаҳр сарзаминест, ки аз шарқ ба ҳудуди Тибет ва ҷануб ба Хуросон ва аз ғарб ба Ғур ва аз шимол ба Халиҷ маҳдуд аст». Дар китоби куҳан аз зебоиҳо ва фаровонии неъмат ва накӯии ин сарзамин суханҳои бисёр ҷой доранд. Чунончи Ибни Ҳавқал гуфтааст: «Мовароуннаҳр дар саросари дунё ба фарохии неъмат ва сафо ва хуррамӣ ва пурбаракат будан маъруф аст. Мардумони он ба некӣ роғиб ва дорои ҳадафи муқаддасанд». Дигарон низ аз онҳо ва рӯдҳо ва фаровонии маҳсулоти кишоварзӣ ва боғҳои навишта ва ҳамчунин ба равнақи бозоргонӣ ва доду ситад ва тавлиди ҷомаҳои олӣ аз пашм, абрешим, пахта ва карбос ишора кардаанд. Маъдани оҳан, тилло, нуқра дар Фарорӯдон шуҳрат доштааст. Гуфтаанд, ки ҳеҷ вақт дар ин сарзамин қаҳтӣ нахоҳад омад. Тавлиди коғази марғуб ва бемонанд низ аз вижагиҳои ин минтақа буд, ки дар манобеъ ба он ишора шудааст.

Шаҳрҳои Фарорӯдон, бавижа Самарқанд ва Бухоро дар гузашта порае аз сарзамини густурдаи Эрон ба шумор мерафтанд ва ҳамбастагии таърихӣ ва фарҳангии онҳоро бо Эрон наметавон инкор кард. Гарчи беш аз як қарн пеш аз ҳавзаи иқтидори сиёсии Эрон берун рафта бошанд ҳам, пайвандҳои фарҳангӣ ва таърихии мардумонашон бо эрониён барҷо мондааст. Ин пайванди таърихӣ ва ҷуғрофиёӣ зарурати сомондиҳии пажӯҳишҳои мустақилро дар ин бора исбот мекунад. Ин навиштор ба нақл аз манбаъҳои муътабар ва осори ҷуғрофидонони пешин аз ваҷҳи тасмия, пешина ва аҳамияти таърихӣ, фарҳангӣ ва ҳунарии шаҳрҳои Самарқанду Бухоро гузориш медиҳанд.

**Бухоро.** Ин шаҳр аз ободтарин ва машҳуртарин шаҳрҳои Фарорӯдон ба шумор меравад, ба гунае ки ҳангоми футуҳоти аъроб аҳамияти сиёсӣ иқтисодиаш беш аз дигар шаҳрҳои ин сарзамин ва дар асри исломӣ солҳои доруламора буд ва ҳамини вижагӣ муҷиб шуд, ки ҷойгоҳи таърихии худро нигоҳ дорад. Ҳарчанд бештарин шаҳрҳои ин ноҳия бо омадани ислом рушд карданд, ҳеҷ як аз онҳо ба азамат ва аҳамияти Бухоро нарасиданд. Пайоии мадорис ва марокизи илмӣ дар Бухоро онро ба авҷи бартарӣ расонид ва аз ин рӯ, дар давраи таърихӣ вижаи қуббат-улислом хонда, зодгоҳи фарҳанг ва тамаддуни эронӣ-исломӣ бадал шуд.

**Пешинаи номҳои Бухоро.** Манобеи таърихӣ ва ҷуғрофии гузашта бо номҳои гуногуне Бухороро ёд карда, ҳар як аз муаррихон ва ҷуғрофидонон дар бораи ваҷҳи тасмияи он чизе гуфтаанд. Наршахӣ дар «Таърихи Бухоро» номҳои Набмаҷкаст, Бумкаст, Мадинатуттиҷор, Мадинатулсафарияро Бувмаҷкас ё Нумавҷкас, Ламҷикат ва Бунҷикат медонанд. Намҷикат бар пояи баррасии нақшаҳои исломии даврони

гузашта ба арк гуфта мешудааст. Бархе аз таърихдонон Намҷикатро маркази Бухоро хондаанд.

Мусофирони чинӣ дар қарни панҷи пеш аз мелод ин шаҳрро Нумӣ (Numi) мехонданд. Шояд ин ном шакли мухаффафи Нувмаҷкас бошад. Ёқут Ҳамавӣ ҷуғрофидони бузурги исломӣ дар ин бора менависад: «Ваҷҳи тасмияи ин шаҳр (Бухоро)–ро ҳарчанд таҷсис кардам, наёфтам». «Таърихи Бухоро» ва осори ал-Билод бо истинод ба ҳадисе аз паёмбар(с) дар бораи ин шаҳр номи аслии онро «Фохира» донистаанд, ки дар гузари замон ба Бухоро бадал гаштааст. Ёқут Ҳамавӣ низ дар ин бора мегӯяд, ки Аюб пайғамбар ба Бухоро расид ва аҳли Бухоро аз ӯ ба хубӣ пазироӣ карданд ва ӯ низ дар дар ҳаққи мардумони ин шаҳр дуо кард ва аз ин рӯ, ин шаҳр ба Фохира мулаққаб шуд.

Бархе аз муҳаққиқон низ бар онанд, ки решаи Бухоро, вожаи будоии «Виҳоро» (Vihara) аст. Ин вожа аз санскрит аст, ки ба маъбади буддоӣ гуфта мешавад. Бухоро ба далели вуҷуди дайрҳои буддоӣ фаровонаш чунин ном гирифт. Гумон меравад, ки ин назария ба ҳақиқат наздиктар бошад. Бархе аз муҳаққиқин аз шаҳре дар Ҳинд ба номи «Бухоро» дар иёлоти Беҳор хабар додаанд, ки решаи ҳардуи номро «Ваҳора» гуфтаанд, ки бар маобиди буддоӣ гуфта мешуд. Атомалик Ҷувайнӣ низ дар ваҷҳи тасмияи Бухоро менависад: «Иштиқоқи Бухоро аз Бухоро аст, ки ба луғати муғон, маҷмӯи илм бошад ва ин лафз ба луғати бутпарастони ӯйғур ва хитоӣ наздик аст, ки маобиди эшонро, ки мавзеи бутон аст, Бухоро гӯянд». Муаллифи «Бурҳони қотеъ» низ дар бораи вожаи Бухоро мегӯяд: «Шаҳре аст, машҳур аз Мовароуннаҳр ва муштақ аз Бухорост ба маънии бисёри илм ва чун дар он шаҳр аллома ва фузало бисёр буданд, бинобар ин, бар ин ном мавсум шудааст».

**Пешинаи таърихӣ.** Бухоро пешинаи таърихии бисёр куҳан дорад ва аз нахустин минтақаҳое аст, ки қавмҳои биёбонгарди он сӯйи Ҷайҳун дар он ҷо монданд ва якҷонишиниро оғоз карданд. Донишҳои андак ва ночизе дар бораи таърихи ин шаҳр пеш аз ислом ёфта мешавад. Муҳаққиқон Бухороро аз ҳазораҳои пеш аз мелод маскунӣ медонанд. Куҳантарин маъхази таърихӣ, ки дар он номи Бухоро омадааст, сафарномаи зоири буддоии чинӣ мебошад, ки дар ҳудуди соли 630-и мелодӣ навишта шудааст. Бархе аз ховаршиносон монанди Бартолд таъкид мекунад, ки Бухоро ба рағми бисёре аз шаҳрҳои ин минтақа ҳамвора дар ҳамин ҷойи кунунӣ буда, бар асари гузашти замон маконаш тағйир наёфтааст. «Авесто», ки манобеи куҳан дар бораи шаҳрҳои бостонӣ шумурда мешавад, номе аз он наоварда ва танҳо аз иёлоти Суғд ном бурдааст. Достонҳои устуравӣ Бухороро аз шаҳрҳои муҳими ин даврон хондаанд.

Гарчи ноҳияи Фарорӯдон аз даврони Ҳахоманишон (559-330) ба саҳнаи таърих омада, номи воҳаи Бухоро на дар Катибаи Бесутун гунҷида ва на Ҳеродот аз он ёд кардааст. Албатта, мадорик ва осори фаровоне дар ин рӯзгор дар бораи иқтидори ҳукумати Ҳахоманишиён (Сатрапи Суғдиён) дар он ҷо вуҷуд дорад. Катибаи Бесутун дар банди шаши Дориюш ба сарзаминҳои тахти фармонаш ишора мекунад, ки Суғд ва Хоразму Бохтар дар миёни ин шаҳрҳо аст.

Бар пояи манобеи таърихӣ Искандар ва ҷонишинони вай (330-250 п.м.) низ солҳое бар Бухоро ҳукм рондаанд ва онро ба фармонпазирии сиёсии худ водоштаанд. Катибаҳои буддоӣ, ки бостоншиносон кашфашон кардаанд, низ аз фарогири қудрати Кӯшониён дар Бухоро ҳикоят мекунанд. Куҳантарин осори марбут ба сукунати инсон дар ноҳияи Бухоро низ то кунун аз ҳамин давра буда ва гарчи Бухоро аз гузаштаи пешинаи фарҳангӣ ва иқтисодӣ дошта, аз охири қарни панҷуми мелодӣ равнақ ёфта ва ба яке аз шаҳрҳои муҳимми минтақа бадал шудааст.

Ҳангоме ки Ҳайтолиён (450-563) ба ин ноҳия даст ёфтанд, Бухоро дар он рӯзгор Навмаҷкаст хонда мешуд. Ҳайтолиён бар воҳияи Бухоро ва бахши густурдаи ҳавзаи ҷуғрофиёии фарҳанги шарқи Эрон ҳукм рондаанд. Туркон низ чанде (авосити қарни шашуми мелодӣ) воҳияи Бухоро ба қаламрави худ пайвастанд, аммо қудрати воқеии ин сарзамин дар дасти ҳукмронони маҳаллӣ буд. Бухорохудотҳо то давраи ислом ҳукумат карданд ва тасаллути арабон ба Бухоро аз низ тасаллути туркон буд, яъне онҳо низ ба ҳамин фармонравоёни маҳаллӣ (бухорохудотҳо) бар ин сарзамин ҳукм ронданд. Бухоро пас вуруди ислом ба ин минтақа ба яке аз муҳимтарин маркази тамаддуни исломӣ бадал гашт.

Ин сарзамин дар рӯзгори ҳукумати Сомониён (892-999м. 279-389ш.қ.) ба авҷи равнақи худ расид ва дар он замон пойтахти давлати Сомониён ба шумор рафт. Академик Бобоҷон Ғафуров менависад: «Дар авосити қарни нуҳуми мелодӣ Бухоро

басе бузург шуд ва дар соли 850-879 мелодӣ дар атрофи он деворе сохтанд, ки ёздаҳ дарвоза дошт».

Бухоро то замони муғулон шукӯҳ ва азаматашро нигоҳ доштааст, аммо фатҳи муғул (616қ. 1219м.) ин шаҳр ва бахши муҳиме аз бузургони он ва ҳазорон ҷилд аз китобҳои донишмандони эронӣ низ тӯъмаи ғорати Чингиз ва ёронаш ва дар оташи ҷаҳлу кинаи муғулон хокистар шуд ва як аср дар харобӣ монд.

Сафарномаи Ибни Батута сайёҳи маъруфи румӣ, ки дар қарни ҳаштум аз Бухоро гузашт, ин суханро тайид мекунад. Бухоро дар ин як қарн ба шаҳре матрук ва бидуни фаъолият бадал шуд, аммо подшоҳони темурӣ пас аз қудрат ёфтан(1369-1510м. 771-916қ.) ва баргузидани Самарқанд ба пойтахти силсилаи худ, ба далели ҳамсоягии ин шаҳр бо Самарқанд ба он таваҷҷуҳ карданд. Бухоро дар рӯзгори онон дуюмин шаҳр ва маркази бозаргонии минтақа шуд ва ба ободонӣ рӯ ниҳод. Албатта, Бухоро ҳеҷ гоҳ он шукӯҳи пештараашро бознаёфт ва чеҳраи шикастааш беҳбуд наёфт.

**Тавобеъ ва бахшҳо.** Бухоро тавобеҳ ва рустоҳои фаровоне дошт. Хуҷодеҳ, Мағакон, Бунҷикат, Тавовис ва Зандана шаҳрҳои шинохташудаи даруни девори Бухоро буданд, аммо Тавовис аз дигар шаҳрҳо муҳимтар менамуд. Номи бостонии Тавовис «Арқуд» аст, аммо арабҳо пас аз рафтан ба он ҷо номи Тавовисро ба он ниҳоданд. Наршахӣ дар бораи далели ин кор чунин менависад: «ва дигар Тавовис ном аз Арқуд аст ва дар вай мардумон буданд бонеъмат ва таҷаммул (ва аз таҷаммул) ҳар касе дар хонаи яке ду товус медоштаанд ва араб пеш аз ин товус надида буданд. Чун дар он ҷо товусҳои бисёр диданд, он деҳаро «Зот-ат-тавовис» ном карданд ва номи аслии он бархост ва баъд аз он зотро низ раҳо карданд ва Тавовис гуфтанд».

Тавовис бар пояи манобеи таърихӣ бозори маъруфе дошт, ки ҳар сол наздик ба даҳ рӯз баргузор мешудааст ва мардуми зиёде аз сар то сари Мовароуннаҳр барои доду гирифти маҳсулот ва тиҷорат ба он ҷо мерафтаанд. Зандана дар асри Сомониён ба бофтани навъи поча ба номи «зинданаҷӣ» маъруф буда, коргоҳҳои минтақа дар бофтани ин порча завқ ва салиқаи вижае ба кор мебурданд. Ин маҳсул ба хориҷ аз Эрон, ҳатто Ҳиндустон низ бурда мешуд ва баҳои он бо дебо баробар буд ва подшоҳон онро бисёр мехостанд.

Ромтин ва Байкант низ аз шаҳрҳои муҳим перомуни Бухоро буданд. Байкант аз муҳимтарин минтақаҳои тиҷорӣ ва бозаргонӣ шумурда ва «мадинатуттуҷор» хонда мешуд. Муаррихон шумори работҳои фаровони ин шаҳр, меҳроби зебои масҷиди ҷомеи онро дар сар то сари Мовароуннаҳр беҳамто донистаанд. Рометан низ аз диди пешина ҷойгоҳи вижае дошт ва ба гуфти Наршахӣ пойтахти зимистонии амирони Бухоро ба шумор мерафт.

**Аҳамияти таърихӣ ва фарҳангӣ.** Бухоро дар таволи таърих аз муҳимтарин шаҳрҳои иёлоти Суғд ва ноҳияи Фарорӯдон буд ва кашфиёти бостоншиносон ин даъворо исбот кардааст. Ҳама муаррихон ва ҷуғрофидонони пешин низ аҳамияти таърихии шаҳри Бухороро эътироф кардаанд. Истахрӣ онро «доралмулки ҳамешагии Мовароуннахр» -хондааст: «…ва ба ҳар вақт сарои аморати Бухоро будааст».

Бухоро аз рӯзгорони пеш аз ислом низ муҳим шуморида мешуд ва ҷойгоҳи фарҳангии он аҳамияти таърихиашро низ ҳифз мекард. Мардумони ин ноҳия аз гузаштаи дур дорои тамаддун буданд. Ковишҳои бостоншиносон ва баррасиҳои таърихӣ дар ин солҳо ин гуфтаро таъйид мекунад. Албатта, Бухоро пас аз вуруди ислом ба ин ҷо ва дар даврони исломӣ рушд кард ва дар густариши тамаддуни исломӣ бисёр таъсиргузор ва ба яке аз марказҳои муҳими фарҳангӣ, сиёсӣ ва иқтисоди ҷаҳони ислом бадал гашт.

Пас аз баргузида шудани Бухоро ба пойтахти силсилаи Сомониён, заминаи рушд ва пешрафт барои донишмандон ва фозилон фароҳам омад. Мадрасаҳо ва мактабҳои ин шаҳр шуҳраи офоқ шуданд. Донишмандон ва уламо дар ин давра аз Шарқ ба Бухоро сафар мекарданд.

Абӯмансур Саолабӣ дар «Ятимат-уд-даҳр» мегӯяд, ки Бухоро адибон ва олимони фаровонеро ба сӯйи худ ҷалб мекард. Ин шаҳр дар домани худ ба андозае адиб, шоир, олим ва донишманд парварид, ки бархе аз нависандагони давраи баъд осори ба ангеза гирдоварӣ ва ёдоварии номи онон падид оварданд. Бухоро пас аз рӯй овардани донишмандон ба ин ҷо ва равнақ ёфтани маркази илмиааш ба андозае аз рушд ва таолӣ расид, ки билоди Шарқ қибҳ-ал-ислом мулаққаб шуд ва ба гуфти Саолабӣ: «…маҷмӯи азамат ва Каъбаи кишвар ва маҳалли иҷтимоии мардони рӯзгор» гардид. Ин шаҳрро маҳди ислом ва «Мадинат-ул-ислом» низ хондаанд.

Рӯзгори Сомониён давраи таолии Бухоро ба шумор меравад, аммо ин шаҳр пас аз мунқариз шудани ин силсила низ аҳамияташро аз даст надод. Барои намуна Атомалики Ҷувайнӣ – муаррихи номдори қуруни ҳафтуми ҳиҷрӣ солҳо пас аз инқирози онон Бухороро чунин тавсиф мекунад: «Бухоро аз билоди шарқӣ қубат-ул-ислом аст ва дар миёни он навоҳӣ ба масобаи Мадинатулислом. Саводи он ба баёзи нур олимон ва фақеҳон ороста ва атрофи он ба тарафи таолӣ пероста ва аз қадим боз дар ҳар қарне маҷмаи ниҳоии уламои ҳар дини он рӯзгор будааст». Бухоро дар давраҳои гуногуни таърихӣ пеш аз ҳузури сиёсии русҳо дар Осиёи Миёна ба далели вуҷуди маркази мухталифи улуми динӣ дар он бо номи Бухорои Шариф шинохта мешуд.

**Ободонӣ ва равнақ.** Ҷуғрофидонони қадим дар осори худ андаке дар бораи авзои иқтисодии Бухоро навъи маишат, вазъи бозорҳо, содирот ва воридоти он сухан гуфтаанд, аммо ду шаҳр Самарқанд ва Бухоро ба далели бархурдоришон аз ҷойгоҳи муносиб ва мусоиди роҳбурдӣ, иқлимӣ, ҳамвора аз равнақи иқтисодии бисёре баҳраманд буданд.

Бухоро аз обу ҳавои бисёр хуб ва рӯдхонаи Амударё (Ҷайҳун) низ суд мебурд ва аз ин рӯ, шаҳри бисёр сарсабз ва босафо буд. Ин шаҳр хоки ҳосилхезе дошт ва рӯди Суғд мазраҳои онро сероб мекард ва бинобар ин, кишоварзӣ дар он ҷо зиёд ривоҷ ёфта буд. Муаллифи «Ҳудуд-ул-олам» дар бораи ободонии Бухоро менависад: «Бухоро шаҳри бузург аст ва ободтарин шаҳрест, ки андар Мовароуннаҳр ва мустақари мулки Шарқ аст». Истахрӣ дар васфи Бухоро чунин менависад: «Дар ҳама иқлимҳо ҳеҷ ҷойгоҳе хуштар ва боназҳаттар аз Мовароуннаҳр нест, ба хосса Бухоро ва агар касе ба куҳандизи Бухоро бар шавад, чандон касе чашми кор кунад, ҷуз сабз ҳеҷ чиз набинад». Ёқут дар «Маҷмаъ-ул-булдон» ҳадисе аз пайғамбар(с) дар бораи Бухоро меоварад. Эшон афзун бар ваъда додани мусалмонон ба фатҳи Бухоро, зебоиҳо ва сарсабзии ин шаҳрро тавсиф мекунанд. Ибни Ҳавқал низ, ки ба бисёре аз билоди исломӣ сафар кард, дар «Сурат-ул-арз» мегӯяд, ки дар миёни сарзаминҳои исломӣ шаҳре босафотар ва зеботар аз Бухоро надидааст. Ӯ менависад: «Меваҳои Бухоро солимтарин ва лазизтарин меваҳои Мовароуннаҳр аст ва ҳосилхезии Бухоро ба андозае аст, ки агар касе ба қадри як ҷарибі замин дошта бошад, зиндагии ӯ бо гурӯҳи муносибон ва хонаводаи вай таъмин хоҳад шуд».

Густура ва шумори мардумони Бухоро низ дар минтақа беназир буд. Бештари ҷуғрофидонони мусалмон, ки аз ин шаҳр боздид кардаанд, ба ин матлаб пардохтаанд. Ҷайҳунӣ дар ин бора менависад: «Дар ҳамаи Хуросон ва Мовароуннаҳр ҳеҷ шаҳр анбӯҳтар аз мардум ва иморот чун Бухоро набошад». Деҳхудо низ дар луғатнома зери мадхалли «Бухоро» чунин менависад: «…гӯянд, ки Бухоро дар замони пешиниён чунон шаҳри азим буд, ки дар олам аз он некӯтар камтар буд».

**Аҳамияти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ.** Бухоро ба далели ҷойгоҳи ҷуғрофии муносиб, яъне ҷой гирифтанаш дар масири роҳи абрешим ва вуҷуди бозорҳои фаровон дар он ва бар асари анбӯҳи ҷамъияташ аз равнақи иқтисодӣ ва тиҷории вижае бархурдор буд. Бинобар ин, бештар ба кишоварзӣ ва домдорӣ, тиҷорат низ дар ин шаҳр бисёр муҳим шуморида мешуд. Дастовардҳои нафиси ин шаҳрро то Шом ва Миср ва ҳатто Рум мебурданд ва мусалмонони Бухороро аз ҳамин рӯ, «мадинат-ул-туҷҷор» мехонданд. Корҳои тиҷории он ҷо аз давраи Кӯшониён оғоз мешавад. Бухоро дар ҳама давраҳои таърихӣ шаҳри муҳим барои арзаи маҳсулоти чинӣ ва Осиёи ғарбӣ буд ва корвонҳое, ки аз Осиёи Марказӣ мегузаштанд, дар ин шаҳр итроқ мекарданд.

Равобити бозаргонии мардуми Фарорӯдон бо чиниён дар давраи императории Кӯшониён бештар густариш ёфта, ойини буддоӣ бар асари ин пайвандҳо ба сарзамини Чин роҳ ёфт. Қудратёбии бозаргонони суғдӣ ва чинӣ дар поёни қарни панҷуми мелодӣ муҳаббати бузурге буд, зеро ҳангоме ки онон бар бахши густурдае аз Осиёи Марказӣ ҳоким шуданд, амнияти роҳҳои корвонрав (гузаргоҳи молу маҳсулоти тиҷории манотиқи дурдаст) ва аҳамияти тиҷории Бухоро афзунтар шуд.

Бухоро бозорҳои фаровоне дошт, ки муҳимтарини онро бозори маъруфи «Мох» метавон баршумурд. Ин бозорро солона ду бор барпо мекарданд. Наршахӣ дар ин бора менависад: «Ба Бухоро (бозоре будааст, ки онро бозори Моҳрӯз хондаанд, соле ду бор, ҳар боре як рӯз) бозор кардандӣ ва ҳар боре, ки бозор буд, зиёда аз панҷоҳ ҳазор дирам бозаргонӣ шудӣ». Ибни Ҳавқал дар бораи равиши бозаргонӣ дар Бухоро менависад: «Дар андарун ва беруни беруни шаҳр бозорҳое ба ҳам пайвастааст, ки мавоқеи муайяне воқеъ мешаванд ва дар онҳо ба доду ситади чорпо

ва либос ва барда ва колоҳои дигар аз рӯй ва масс ва зуруфи лавозим ва захираӣ мепардозанд».

**Ҳунари меъморӣ.** Бухоро дорои осори бадеии меъморӣ бо сабк ва равиши меъмории эронӣ аст ва аз ин дид дар ҷиргаи гунбадҳои арзишманд ва ёдгориҳои ҳунари меъморони гумноми эронӣ ҷой мегирад. Созмони илмӣ-фарҳангии Милали Муттаҳид(ЮНЕСКО) дар соли 1997 бо таваҷҷуҳ ба осори арзишманди таърихи Бухоро онро дар феҳрасти мероси тамаддуни ҷаҳонӣ гунҷониданд. Беш аз сад осори меъмории ягона монанди мадрасаҳои улуми динӣ, масҷидҳо, оромгоҳҳо ва корвонсароҳои зебо дар ин шаҳр ҳаст, ки зарофат ва ҳунари бакор рафта дар онҳо бинандаро ҷоду мекунад. Бинои арки Бухоро, оромгоҳи амир Исмоили Сомонӣ, бинои лаби ҳавзи Девон Бегӣ, масҷиди Мирзо Улуғбек ва намозгоҳ, иморати Чаҳор манор ва маҷмӯаи Ситора Моҳи Хоса намунаҳое аз зебоиҳои Бухороянд.

Ба гуфти муҳаққиқон шаҳри Бухоро оғозгари шеваҳои меъмории дар миёни сабкҳои меъморӣ дар Эрон аст. Оромгоҳи амир Исмоил Сомонӣ ҳудуди солҳои 892-942 комилан оҷири пухта барпо шуда, бар номи он гунбади марказии бузурге бино шуда, чаҳор гунбади кӯчак ҳам дар чаҳор гӯшаи он қарор гирифтааст.

**Донишдӯстии мардумони Бухоро.** Бухоро пешинаи бисёр ғании фарҳангӣ дорад ва олимон ва донишмандони фаровоне аз ин сарзамин бархостаанд ва домани пурбаракати ин шаҳр ононро парвариш додааст. Ҳама муаррихон ва ҷуғрофидонони пешин аз фазл ва دониши мардумони Бухоро ёд кардаанд. Ҷайҳунӣ дар ин бора менависад: «Мардумони Бухоро дар одоб ва фазл беҳтарин аз ҷойҳои дигаранд ба Мовароуннаҳр». Муқаддасӣ низ дар ин бора мегӯяд: «Тӯдаи мардум бо фиқҳ ва адабиёт сарукор доранд. Довталаби марзбонӣ бисёр, нодонон андак аст. Он ҷо пойгоҳи шоҳони мусалмон ва маркази донишмандони бисёр аст. Ҷуз донишмандӣ ва тафсирдони андарзгӯйӣ накунанд».

Сарзамини Фарорӯдон (Мовароуннаҳр) аз гузаштаҳои дур ҳуввият ва шуҳраташро аз иёлоти Суғд ва ду шаҳри бузурги он – Самарқанд ва Бухоро гирифтааст. Самарқанд ва Бухоро дар таърихи сиёсӣ ва иҷтимоии минтақа бисёр таъсиргузоранд. Ин ду шаҳри бузург тамаддуни куҳан ва мероси фарҳангии бисёр дурахшон доштанд ва рӯзгори дарозе маҳди тамаддун, одоб ва фарҳангӣ ва солҳо аз эътибори сиёсӣ, иқтисодӣ ва ҳунарӣ бархурдор буданд. Имрӯз низ онҳоро аз бузургтарин ва муҳимтарин шаҳрҳои Осиёи Марказӣ мешуморанд ва бегумон ин аҳамият аз мероси дурахшони фарҳангӣ ва ҷойгоҳ ва пешинаи таърихии онҳо сарчашма мегирад, ки пайванди куҳан бо таърих ва фарҳанги Эронзамин дорад.

**АДАБИЁТ**


1. Ибни Ҳавқал Муҳаммад. Сурат-ул-арз/ Ибни Ҳавқал Муҳаммад; тарҷумаи Ҷаъфар Шиор. – Теҳрон: Интишороти бунёди фарҳангии Эрон, 1345.
2. Ибни Хурдодбеҳ Абдулқосим Ибодуллоҳ ибни Абдуллоҳ. Ал-Масолик вал мамолик / Ибни Хурдодбеҳ Абдулқосим Ибодуллоҳ ибни Абдуллоҳ; мутарҷим Ҳусейн Қарочонлу. –Теҳрон, 1370.
3. Истахрӣ Абӯисҳоқ Иброҳим. Масолик вал мамолик / Истахрӣ Абӯисҳоқ Иброҳим. –Теҳрон: Илмӣ ва фарҳанг, 1368.
4. Бартолд В.В. Обёрӣ дар Туркистон. Тарҷумаи Карим Кишоварзӣ / В.В. Бартолд.–Теҳрон: Интишороти Огоҳ, 1366.
5. Ҳудуд-ул-олам минал машриқ илал мағриб–Теҳрон: Донишгоҳи Алзаҳро; тарҷумаи Мирҳусейншоҳ, 1372.
6. Пирниё Муҳаммадкарим. Сабкшиносии меъмории эронӣ / Пирниё Муҳаммадкарим. –Теҳрон: Сурӯш, 1387.
Таким образом, анализ истории развития военно-уголовного законодательства об ответственности за уклонение от прохождения военной службы, позволил сделать вывод о том, что со времени образования СССР законодательство, касающееся уклонений от военной службы, существенно не изменялось. Еще УК РСФСР 1922 г., наряду с дезертирством, самовольной отлучкой и неявкой в срок на службу без уважительных причин из отпуска, командировки и т.п., предусматривал уклонение от несения обязанностей военной службы путем причинения себе какого-либо повреждения, симуляции болезни или иного обмана (ст. 206). Положение о воинских преступлениях 1924 г., в ст. ст. 5-9, с некоторыми изменениями и уточнениями, предусматривало эти же виды преступлений.

В Положение о воинских преступлениях 1927 г. впервые была включена специальная норма (ст. 13) об уклонении от военной службы под предлогом религиозных убеждений (в Законе 1958 г. такая норма уже не содержалась.) Нормы Указа от 15 февраля 1957 г. о преступлениях против порядка прохождения военной службы впоследствии были воспроизведены в ст. ст. 9-11 Закона СССР «Об уголовной

ответственности за воинские преступления» 1958 г., а затем - в ст.ст. 255-259УК Тадж. ССР 1961 г. В 1998 г. был принят и с 1 сентября 1998 г. вступил в силу Уголовный кодекс Республики Таджикистан. В данном уголовном законе статьи 374-376 предусматривают уголовную ответственность за уклонение от прохождения военной службы.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Декрет «О социалистическом рабоче-крестьянском Красном Флоте» от 14 февраля 1918 г. // СУ РСФСР, 1918. -№23.
2. Сборник документов по истории уголовного законодательства СССР и РСФСР (1917-1952). -М., 1955. - С.42-43.
3. Руководство к декретам и постановлениям о дезертирах и дезертирстве.– Петроград, 1919. -С. 44-45.
4. Декрет «О мерах борьбы с дезертирством». СУ РСФСР, 1919. -№ 9.
5. Приказ РВСР от 8 декабря 1919 г. -№ 2131. СУ РСФСР, 1919. -№ 63.
6. Сборник документов по истории уголовного законодательства СССР и РСФСР, 1917-1952. -С.70.
7. Декрет «О борьбе с дезертирством». СУ РСФСР, 1921. -№ 9.
8. Сборник документов по истории уголовного законодательства СССР и РСФСР.-М., 1953.-С.207-208.
9. Сборник документов по истории уголовного законодательства СССР и РСФСР.-М., 1953.-С.229-230.
10. Там же. - С. 244-245.
11. Исаев М.М. Воинские преступления / М.М. Исаев, Б.С. Утевский. -М., 1942. -С.30-31.
12. Осипов А.А. История развития военно-уголовного законодательства об ответственности за уклонение от прохождения военной службы (1917 г. - по настоящее время) / А.А. Осипов // Право в Вооруженных Силах, 2003. -№7.
13. Командиру о военно-уголовном законодательстве; под.ред. А.Г. Горного. -М.,1985.-С.68-70.


**ИСТОРИЯ РАЗВИТИЯ ВОЕННО-УГОЛОВНОГО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА ОБ ОТВЕТСТВЕННОСТИ ЗА УКЛОНЕНИЕ ОТ ПРОХОЖДЕНИЯ ВОЕННОЙ СЛУЖБЫ**


В данной статье автором рассмотрена история развития военно-уголовного законодательства об ответственности за уклонение от прохождения военной службы. Научная разработка понятия воинского преступления в Таджикистане началась лишь в XX веке. Советской властью издавались специальные военно-уголовные законы с самого начала организации Красной Армии. Понятие побега впервые было сформулировано в декрете «О социалистическом рабоче-крестьянском Красном Флоте» от 14 февраля 1918 г. (самовольное отсутствие свыше 5 дней без всяких на то основательных причин) и за его совершение предусматривалась ответственность (исключение из профессиональных союзов или из демократических организаций или направление на общественные работы).



**Ключевые слова:** военно-уголовное законодательство, Уголовный кодекс Республики Таджикистан, ответственность за уклонение от прохождения военной службы.


**THE HISTORY OF THE DEVELOPMENT OF THE MILITARY CRIMINAL LEGISLATION ABOUT RESPONSIBILITY FOR EVADING MILITARY SERVICE**


In this article the author considers the history of the development of the military criminal legislation on responsibility for evading military service on the example of the Criminal code. Scientific development of the concept of military crimes in Tajikistan started in XX century. The Soviet authorities were published in the special military criminal laws from the very beginning of the organization of the red Army. The notion of escape was first formulated in the decree «On socialist workers ' and peasants ' Red Fleet» on February 14, 1918 (unauthorized absence of more than 5 days without any good reason) and the Commission for its provided for liability (with the exception of trade unions or of the democratic organizations or community).



**Key words:** military criminal law, the criminal code of the Republic of Tajikistan, responsible for evading military service.



**Сведения об авторе:** ***Н.У.Тоиров*** - аспирант юридического факультета Таджикского национального университета. Телефон: **93-596-96-96**


# СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ УГОЛОВНОЙ ОТВЕТСТВЕННОСТИ ЗА КОНТРАБАНДУ: СРАВНИТЕЛЬНО-ПРАВОВОЙ АНАЛИЗ УК ТАДЖИКИСТАНА С УК НЕКОТОРЫХ СТРАН УЧАСТНИКОВ СНГ


***Ш.Н.Саидов***

**Таджикский национальный университет**


Расширение внешнеторгового оборота, вовлечение в него значительного числа субъектов повлекли за собой рост негативных явлений в сфере внешнеэкономической деятельности. Это потребовало изменения уголовного законодательства, адаптации его к новым социально-политическим и экономическим условиям.

Одним из наиболее опасных экономических преступлений в Республике Таджикистан являются преступления в сфере таможенной деятельности, особенно контрабанда. Контрабанда относится к преступлениям, попадающим в сферу

криминальной деятельности организованных преступных групп, участниками которых становятся товаропроизводители, участники внешнеэкономической деятельности, торговые посредники, мелкие торговцы товаром, работники транспортных предприятий, таможенных служб и др. Контрабандным путем из Таджикистана, как правило, вывозят различные товары и продовольствие. Незаконно ввозятся на территорию РТ, в основном, дешевые товары народного потребления, подержанные транспортные средства, наркотики, психотропные и сильнодействующие вещества. Наибольшее число выявленных фактов контрабанды, образующей состав соответствующего преступления, отмечено на границах с бывшими союзными республиками, а также по всему периметру сухопутных и воздушных границ Республики Таджикистан.

Борьба с контрабандой является важной составной частью обеспечения как национальной безопасности Республики Таджикистан, так и безопасности мирового сообщества в целом. Кризисная ситуация в обществе и экономике, несовершенство нормативной базы способствовали развитию указанного вида криминальной деятельности на территории Таджикистана и диктуют необходимость выработки комплекса специальных, главным образом, уголовно-правовых мер охраны общественных отношений, связанных с внешнеэкономической деятельностью. Рассмотрение вопросов обеспечения национальной экономической безопасности Республики Таджикистан применительно к внешнеэкономической деятельности приобретает в настоящее время особое значение.

Эффективность борьбы с контрабандой во многом зависит от содержания уголовного закона и его толкования при квалификации содеянного. Специфика контрабанды на современном этапе существенно усложнила применение уголовно-правовых норм, что не могло не отразиться на правоприменительной практике. Анализ судебной и следственной практики по делам о контрабанде свидетельствует о различном понимании практиками отдельных положений нормы УК РТ, устанавливающей уголовную ответственность за данное преступление. Кроме этого нужно провести сравнительно –правовой анализ национального уголовного законодательства стран СНГ, которые в отличие от нашей страны по разному решили проблемы противодействия контрабанде.

Особенностью таможенного права является совмещение в своем содержании норм национального и международного права. Это обстоятельство вызвано тем, что возникающие во внешней торговле правоотношения всегда подвергаются воздействию со стороны таможенного права иностранного партнера.

Под контрабандой практически во всех странах мира принято понимать незаконное перемещение через границу государства товаров или иных предметов, признаваемое преступлением.[1]

Проведенное исследование законодательства стран СНГ только подтвердило справедливость этого заключения. Среди этих групп немаловажное место занимают преступления против общественной безопасности и преступления против мировой финансово-экономической системы. Как известно, по таджикскому уголовному праву контрабанда относится к преступлениям, совершаемым в сфере экономики. Однако, в законодательстве стран СНГ тенденция такого разграничения не поддерживается.

Например, на современном этапе новое оригинальное решение ответственности за контрабанду закреплено в модельном УК республик; Россия, Казахстан, Узбекистан, с учетом специфики объекта посягательства. В нем различаются:

1) контрабанда как преступление против общественной безопасности, когда предметом незаконного перемещения через таможенную границу РТ являются наркотические средства, психотропные, сильнодействующие, ядовитые и другие опасные вещества, вооружение, военная техника, оружие массового поражения и другие опасные вещества, средства или предметы;

2) экономическая контрабанда как преступление против порядка осуществления предпринимательской и иной экономической деятельности, когда предметом незаконного перемещения через таможенную границу являются другие товары и предметы.

Так после принятия законопроекта от 6 декабря 2011 г. УК Российской Федерации[2] предусматривает контрабанду двух видов: контрабанда изъятых из обращения предметов, а также предметов, обращение которых ограничено, отнесена к главе 24 преступления против общественной безопасности (ст. 261 прим 1); и глава 25 преступления против здоровья населения и общественной нравственности (ст. 229 прим 1)

контрабанда других товаров и предметов считается экономической контрабандой декрименализирована.

До этого в УК Республики Казахстан[3] предусматривалась контрабанда двух видов: контрабанда изъятых из обращения предметов, а также предметов, обращение которых ограничено, отнесена к преступлениям против общественной безопасности и общественного порядка (ст. 250); контрабанда других товаров и предметов считается экономической контрабандой (ст. 209) и относится к преступлениям в сфере экономической деятельности.

В УК Республики Узбекистан[4] контрабанда подразделяется на два вида: как преступление против общественной безопасности (ст. 246) и экономическая контрабанда, определяемая как нарушение таможенного законодательства (ст. 182), которая относится к "преступлениям против основ экономики".

Обобщая вышеизложенное, можно задаться вопросом о том, есть ли необходимость Таджикистану последовать примеру стран СНГ разграничивающих в своем законодательстве контрабанду на несколько видов.

После анализа УК ряд стран-участников СНГ мы пришли к выводу, что для совершенствования изменения и дополнения действующего законодательства в сфере противодействия контрабанде дополнить статьей для ответственности за контрабанду оружия, боеприпасов, взрывчатых веществ и взрывных устройств, наркотических средств, психотропных и сильнодействующих веществ, сформулировать предложение о выделении указанных деяний в самостоятельные составы преступлений и размещения их в соответствующих главах Особенной части УК РТ. Исходя из этого предлагаем, в главу 21 УК РТ «Преступления против общественной безопасности» дополнить ст. $195^1$ «Контрабанда оружия, боеприпасов, взрывчатых веществ и взрывных устройств»:

«**Статья $195^1$. Контрабанда оружия, боеприпасов, взрывчатых веществ и взрывных устройств.** Контрабанда оружия, боеприпасов, его основных частей, взрывчатых веществ и взрывных устройств, то есть перемещение через таможенную границу Республики Таджикистан оружия, боеприпасов, его основных частей, взрывчатых веществ и взрывных устройств, совершенное помимо или с сокрытием от таможенного контроля либо с обманным использованием документов или средств таможенной идентификации либо сопряженное с недекларированием или недостоверным декларированием.

Главу 22 УК РТ «Преступления против здоровья населения» дополнить ст. $200^1$ «Контрабанда наркотических средств, психотропных и сильнодействующих веществ, их аналогов»:«**Статья $200^1$. Контрабанда наркотических средств, психотропных и сильнодействующих веществ, их аналогов.**

Контрабанда наркотических средств, психотропных и сильнодействующих веществ, их аналогов, то есть незаконное перемещение через таможенную границу РТ наркотических средств, психотропных и сильнодействующих веществ, их аналогов.

2. Деяния, предусмотренные частью первой настоящей статьи, совершенные:

а) должностным лицом с использованием своего служебного положения;

б) с применением насилия или угрозой применения насилия к лицу, осуществляющему таможенный контроль;

в) путем прорыва, выразившегося в открытом перемещении через таможенную границу Республики Таджикистан, вопреки прямому запрету присутствовавшего при этом должностного лица, осуществляющего таможенный контроль;

г) в крупном размере.

3. Деяние, предусмотренное частями первой, второй настоящей статьи, совершенные:

а) организованной группой;

б) с сокрытием в теле человека;

в) в особо крупном размере.

Кроме этого считаем целесообразность включения в Уголовный кодекс РТ статьи об ответственности за контрабанду редких животных и растений и (или) находящихся на грани исчезновения, поместив ее в главе 24 «Преступления против экологической безопасности и природной среды»: «**Статья $233^1$. Контрабанда животных и растений.**

Контрабанда животных и растений, то есть перемещение через таможенную границу Республики Таджикистан различных видов редких животных и растений и (или) находящихся под угрозой исчезновения, их частей, совершенное помимо или с сокрытием

от таможенного контроля либо с обманным использованием документов или средств таможенной идентификации, либо сопряженное с недекларированием или недостоверным декларированием.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Назаренко В.М. Таможенное обслуживание внешнеэкономической деятельности / В.М.Назаренко, К.С. Назаренко. -М.: Экзамен, 2001. -С. 586.
2. УК Российской Федерации. [Электронный ресурс]. www. codecs. ru.
3. УК Республики Казахстан. [Электронный ресурс]. URL:http://law.edu.ru/norm/norm.asp?normID=1243100&subID=100105558,100105574.
4. УК Республики Узбекистан.URL: . [Электронный ресурс]. http://law.edu.ru/norm/norm.asp?normID=1242643&subID=100101635,100101637,100101652.

**СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ УГОЛОВНОЙ ОТВЕТСТВЕННОСТИ ЗА КОНТРАБАНДУ: СРАВНИТЕЛЬНО-ПРАВОВОЙ АНАЛИЗ УК ТАДЖИКИСТАНА С УК НЕКОТОРЫХ СТРАН УЧАСТНИКОВ СНГ**

Одним из наиболее опасных экономических преступлений в Республике Таджикистан являются преступления в сфере таможенной деятельности, особенно контрабанда. Контрабанда относится к преступлениям, попадающим в сферу криминальной деятельности организованных преступных групп, участниками которых становятся товаропроизводители, участники внешнеэкономической деятельности, торговые посредники, мелкие торговцы товаром, работники транспортных предприятий, таможенных служб и др. Борьба с контрабандой является важной составной частью обеспечения как национальной безопасности Республики Таджикистан, так и безопасности мирового сообщества в целом. Кризисная ситуация в обществе и экономике, несовершенство нормативной базы способствовали развитию указанного вида криминальной деятельности на территории Таджикистана и диктуют необходимость выработки комплекса специальных, главным образом, уголовно-правовых мер охраны общественных отношений, связанных с внешнеэкономической деятельностью.

**Ключевые слова:** обеспечение национальной экономической безопасности Республики Таджикистан, эффективность борьбы с контрабандой, контрабанда, применение уголовно-правовых норм, уголовная ответственность, сравнительно–правовой анализ.

**ENHANCEMENT OF CRIMINAL RESPONSIBILITY FOR DRUG SMUGGLING: COMPARATIVE ANALYSIS OF THE CRIMINAL CODE OF TAJIKISTAN CRIMINAL CODE OF SOME COUNTRIES OF THE CIS**

One of the most dangerous economic crime in the Republic of Tajikistan are crimes in the sphere of customs activity, especially smuggling. Smuggling refers to the crimes falling within the criminal activities of organized criminal groups, the participants of which are becoming producers, participants of foreign economic activity, Resellers, retailers goods, workers of transport enterprises, customs services and the other on combating smuggling is an important part of ensuring the national security of the Republic of Tajikistan and the safety of the world community as a whole. The crisis situation in the society and economy, the imperfection of the normative base have contributed to the development of this type of criminal activity on the territory of Tajikistan and dictate the need for a complex of special mainly criminal-legal measures of protection of social relations connected with foreign economic activity.

**Key words:** ensuring national economic security of the Republic of Tajikistan, the effectiveness of the fight against smuggling, trafficking, application of criminal law, criminal liability, comparative legal analysis.

**Сведения об авторе:** ***Ш. Н Саидов*** **–** кандидат юридических наук, доцент ТНУ, докторант МГЛУ. Телефон: **98-802-10-00**

# ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ ФАРЗАНДХОНДАГӢ ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ЭРОН

***Бахмани Насер Ширага***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Фарзандхондагӣ барои истиҳком ва гармӣ бахшидан ба конуни хонаводаҳо, солимсозии ҷомеа ва рафъи мушкилоти рӯҳии кӯдакони бидуни сарпараст ва костани ноҳинҷориҳои равонии зан ва шавҳаре, ки аз неъмати фарзанддор, шудан маҳрум ҳастанд, нақш ва фоидаи чашмгир дорад. Дар қонунгузории Эрон фарзандхондагӣ ба он мафҳуме, ки дар кишварҳои дигар, минҷумла Тоҷикистон вуҷуд дорад, мавриди қабул нест ва Қонуни мадании Эрон ба пайравӣ аз ислом, фарзандохондагиро ба расмият нашинохта аст ва фақат тибқи қонуни ҳимоят аз кӯдакони бесарпараст, ки дар соли 1354 ба тасвиб расид, хонаводаҳои бефарзанд таҳти шароити хос метавонанд кӯдакони бесарпарастро ба фарзандӣ бипазиранд.

Фарзандхонда, кӯдаке аст, ки аз тариқи робитаи ҳуқуқии фарзандхондагӣ унвони фарзанд ёфтааст.

1. Фарзандхондагӣ он аст, ки тибқи он шахс ё шахсоне, кӯдакеро, ки фарзанди табиии ӯ намебошад, ба фарзандӣ бипазирад. Фарзандхондагӣ дар сурате ки ба расмият шинохта шуда бошад, навъе хешовандӣ эҷод мекунад.

2. Хешовандие, ки сирфан ҳуқуқӣ аст, на табиӣ ба иборай дигар, бо қабули фарзандхондагӣ, қонун як робитаи маснӯии падариву фарзандӣ ё модариву фарзандии байни ду нафар эҷод мекунад.

3. Теъдоде аз ҳуқуқдонон бо таваҷҷуҳ ба ин таъриф эътиқод доранд, ки чун робитаи фарзандхонда бо падархонда ва модархонда худ амри ҳукмӣ аст, лизо мумкин аст дар натиҷаи бурузи ҳаводисе аз қабили фавти падархонда ё модархонда ё фарзандхонда робитаи эҷодшуда ба ҳам хӯрда, дар ду фарзи аввал, кӯдак «фарзандхонда» дар ҳукми фарзандхондаи дигаре дарояд. Дар ҳоле ки фарзанди машрӯъ ва табииро ҳеҷ ҳодисае наметавонад аз хонавода бегона созад.

4. Дар ислом ба сабаби «Қуръон» фарзандхондагӣ мамнӯъ эълон шудааст, ки дар сураи «Аҳзоб»-и ояи 4 омадааст: «Худованд фарзандхондагони Шуморо фарзандатон қарор надодааст ин гуфтори гуфтори шумо ба забонҳоятон аст ва Худо ба ҳақ сухан мегӯяд ва ба роҳи рост ҳидоят мекунад, писархондаҳоро ба падаронашон нисбат диҳед, ки назди Худо ба адолат наздик аст» (4-5- сураи Аҳзоб). Бинобар ин фарзандхондагӣ ҷойи фарзанди асосиро иваз намекунад ва мавриди шиносоӣ воқеъ шудааст. Қонуни мадании Эрон ҳам ба пайравӣ аз ҳуқуқи исломӣ фарзандхондагиро ба расмият нашинохтааст ва лизо дар он ҳеҷ сухане дар бораи ин мавзӯъ ба миён наёма аст. Бо ин ҳол Қонуни ҳимоят аз кӯдакони бидуни сарпараст 12. 01. 1354 аввалин бор қадам ба танзими равобити ин гуна кӯдакон бо хонаводаҳои қабулкунандаи онон кард ва бар он порае аз осори ҳуқуқии махсусе ба тартиб даровард Дар моддаи аввали ин қонун омадааст: «Ҳар зан ва шавҳари муқими Эрон метавонанд бо тафовуқи якдигар тифлеро, ки тасвиби суд ва тибқи муқаррароти ин қонун сапарастӣ намоянд» сарпарастӣ унвони фарибандаҳое аст, ки барои пинҳон доштани ибтикори қонунгузор ба кор рафта, дарвоқеъ пинҳон кардан аз имкони пазируфтани фарзанд дар хонавода аст. Бо вуҷуди ин бояд донист, ки дар қонуни 1354 фарзандохонда дар радифи соири фарзандон қарор намегирад ва танҳо аз порае ҷиҳот дар ҳукми фарзанди табиист.

5. Касоне, ки тамоюл доранд тифлеро сарпарастӣ кунанд, бояд шароити зерро дошта бошанд: а) Вуҷуди пайванди завҷият байни зану шавҳари сарпарст. Дар ҳуқуқи мадании Эрон фақат касоне, ки робитаи никоҳ байни онҳо барқарор бошад, метавонанд тақозои муштараке мабнӣ бар пазириши фарзандро ба суд таслим кунанд. Бинобар ин, агар зан ва марде, ки зану шавҳар нестанд дар нигаҳдории тифли бесарпараст товофуқ кунанд, агар ин зану мард бо ҳам хешованди насабӣ ё сабабӣ дошта, аз ҷиҳати ахлоқӣ ва тавоноии молӣ афроди шостае бошанд ҳам, шоистагии сарпарастии ин кор нахоҳанд дошт. Кӯдакон набояд василаи ирзои камбудҳои отифии ашхоси муҷаррад қарор гиранд ва ба унвони ҷуброни шикастҳо ва маҳрумиятҳои табиӣ ва хонаводагӣ ба ин ва он мунтақил шаванд.

б) Иқомат доштани зану шавҳари сарпараст дар Эрон. Зан ва шавҳаре, ки қасд доранд тифлеро ба фарзандхондагӣ бипазиранд, бояд дар Эрон зиндагӣ кунанд ва маҳаллӣ зист ва маркази муҳимми умури онҳо дар Эрон бошад моддаи 1002 Қонуни маданӣ Зикри ин нукта зарур аст, ки ҳарду сарпараст бояд муқимии Эрон бошад ба иқомати яке аз онҳо дар Эрон кофӣ нест. Ҳадафи қонунгузор аз зикри шарти мазкур ҳимояти ҳарчи бештар аз пазируфташуда мебошад, то чунончи агар мавриди сӯистифодаи сарпарастон қарор гирад, аз тариқи мароҷеъи зисалоҳи Эрон ҳимоят шаванд. Дар қонуни ҳимоят аз кӯдакони бесарпараст мусаваби 1354, аз тобеияти зану шавҳари сарпараст баҳсе нашудааст ва ҷузъи шартҳои сарпарастон нест, бинобар ин, баробари зоҳири моддаи 1-и ин қонун, атбои бегонаи муқими Эрон бо доштани дигар шароит шоистагии сарпарастии атфоли бидуни сарпарастро хоҳанд дошт. Ба назар мерасад, ки дар ин замина қонунгузор дучори навъе саҳлангорӣ шуда бошад, зеро атбои бегона мумкин аст, баъд аз вогузории тифл ба онҳо ва қатъияти ҳукми сарпарастӣ аз Эрон хориҷ шавад ва тифл мавриди суистифодаи онҳо қарор гирад.

3. Тафовуқи зану шавҳари сарпараст. Яке дигар аз шартҳои сарпарастӣ тарозӣ ва тафовуқи зану шавҳари сарпараст барои пазириши фарзанд мебошад. Бинобар ин, агар яке аз зану шавҳар бо амри сарпарастӣ мухолифат дошта, ё аз тариқи дастхат ризоияти худро ба суд надиҳад, тақозои сарпарастӣ қабул намешавад.

4. Фарзанд надоштани зану шавҳари сарпараст. Шарти дигар тибқи банди а моддаи 3 Қонуни ҳимоят аз кӯдакони бесарпараст ин аст, ки пас аз гузашти панҷ сол аз таърихи зану шаҳаврӣ соҳиби фарзанде нашуда бошанд. Албатта, агар зану шавҳар ё яке аз онҳо безурёт бошад, ё ба далоили пизишкӣ натавонанд соҳиби фарзанд шаванд, баробари табсираи ду моддаи 3 аз ин шарт озод гарданд.

5. Доштани синни лозим. Яке аз шароити сарпарастӣ ин аст,ки ҳадди ақал яке аз зану шавҳари мутақозии сарпарастӣ, ба синни 30 соли тамом расида бошанд. Аз дидгоҳи қонун расидан ба ин син метавонад ба ин иллат бошад, ки мутақозии сарпарастӣ бо ин синну сол дар тасмимгирии худ бештар аз мантиқ ва фикри мантиқӣ пайравӣ хоҳад кард, то аз эҳсос ва ҳайҷоноти отифӣ, ки мумкин аст ғолибан зудгузар бошад худдорӣ кунад.

6. Шоистагии ахлоқии зану шавҳари сарпараст: бар асоси банди ҳ моддаи 3-и қонуни мазкур, зану шавҳари сарпарст бояд дорои шоистагии ахлоқӣ бошанд. Манзур аз шоистагии ахлоқӣ ин аст, ки сарпарастҳо машҳур ба фисқ ва фуҷуру фасодӣ ахлоқӣ набошанд. Ташхиси салоҳияти ахлоқӣ нисбат ба урф ва одоб ва русуми ҷомеа санҷида мешавад.

7. Аҳлияти қонунии зану шавҳари сарпараст. Баробари банди д моддаи 3 Қонуни ҳимоят аз кӯдакони бесарпараст, зану шавҳари мутақозии сарпарастӣ бояд аҳлияти қонунӣ дошта, яъне оқил ва болиғ ва рашид бошад, то таклифи сарпарастӣ ба наҳви шоиста ва матлуб анҷом гирад ва манофеи моддӣ ва маънавии тифл таҳти сарпарастӣ таъмин гардад. Ба ибораи дигар, касоне, ки худ таҳти сарпарастӣ ё кафолати дигаре бошанд, шоистагии сарпарастии кӯдакони бесарпарастро нахоҳанд дошт.

8. Надошатани собиқаи ҷиноии зану шавҳари сарпараст. Бинобар банди ҷ-и моддаи 3, шарти дигари сарпарастӣ ин аст, ки зану шавҳар набояд дорои маҳкумияти ҷиноӣ ба иртикоби ҷиноятҳои умумӣ бошад баробари моддаи воҳидаи қонун таърифи маҳкумиятҳо дар қавонини ҷазоӣ мусавваби 5.8 1368 иборат аст аз маҳкумият ба ҳад, қатъ, ё қатъи узв, маҳкумияти ҳабс аз як сол ба боло дар ҷиноятҳои барқасдона, маҳкумият дар ҷазои нақдӣ маблағи 2 миллион риёл ва болотар, собиқаи маҳкумиятҳои лозимуличро ду бор ё бештар, ба иллати ҷурмҳои амдии мушобеҳ бо ҳар мизони муҷозот, дуздӣ, қаллобӣ. Манзури қонунгузор, ин аст, ки дорандаи собиқаи ҷиноӣ, шостаигии сарарастии атфоли бесарпарастро надоранд ва ба иллати ишколоти рӯҳӣ ва доштани ҳолати шуҷоат ва рӯяи таҷовузкорӣ, эҳтимол дорад дар дар иртикоби ҷурм ва аъмоли хилофи қонун тифл мавриди сӯистифода қарор гирад ва тарбияти кӯдак низ ба ҳатар уфтад.

9. Тавонии молии зану шавҳари сарпараст. Сарпарастон ё яке аз онҳо бояд дорои тавоноии молии лозим барои таъмини зиндагии моддии тифл ба пардохти нафақа, ҳазинаи таҳсил ва тарбияти вай дар ҳудуди маълум бошанд ва битавонанд ҳазинаи зиндагии моддӣ ва тарбиятии тифли таҳти сарпарастиро таъмин ва фароҳам кунанд. Ба ҳамин далел дар моддаи 5-и қонуни мазкур омадааст: «Суд дар сурати ҳукми сарпарастӣ содир хоҳад намуд, ки дархосткунандагони сарпарстӣ ба кайфияти итминонбахши дар сурати фавти худ, ҳазинаи тарбият ва нигаҳдорӣ ва таҳсили тифро то расидан ба синии булуғ таъмин намоянд».

10. Мубтало набудани зану шавҳари сарпараст ба бемориҳои бедаво. Баробари банди з-и моддаи қонуни мазкур, ба манзури таъмин ва ҳифзи саломатии ҷисмӣ ва рӯҳии тифл ҳеҷ як аз сарпарастон ба бемориҳои сирояткунанда монанди пес, сил, спид ва ғайра мубтало набошанд. Мутақозиёни сарпарастӣ бояд ба ҳамроҳи дархости худ гувоҳии саломатӣ низ дошта бошанд, то бар суд маълум шавад, ки сарпарастҳо аз ҷиҳати саломатии ҷисмӣ мушкили асосии қонунӣ надоранд. Албатта, зарур аст, ки илова бар гувоҳии саломатии ҷисмӣ, гувоҳии саломатии равонӣ низ дошта бошад ва ба суд пешниҳод кунад.

11. Муътод набудани зану шавҳари сарпараст. Баробари банди ҷ моддаи 3–и қонуни мазкур зану шавҳари мутақозӣ набояд одат ба нӯшокиҳои спиртӣ ё ба маводи мухаддир ё дигар одатҳои бад дошта бошад. Гирифтани ин гувоҳӣ аз беморхона ва пешниҳод кардани он ба суд зарур аст.

Кӯдаке, ки ба сарпарастӣ пазируфта мешавад, баробари моддаи 6-и қонуни мазкур бояд дорои шароити зайл бошад:

1. Синни кӯдаки фарзандхонда бояд катмар аз 12 дошта бошад, зеро хурдсолон беҳтар бо хонавода ва аъзои он унс мегиранд ва омодагии интибоқи онҳо бо муҳити ҷадид ба маротиб бештар аз кӯдаконе аст, ки то ҳудуди шахсияти онҳо шакл гирифтааст. Тарбиятпазирии кӯдакон дар синну соли хурд беҳтар ва имконпазиртар

аст ва зану шавҳари сарпарст ҳам дар пазириши ин гуна атфол рағбати бештаре нишон дода, иртиботи маънавӣ байни онҳо осонтар сурат мегирад.

2. Ношинос будани хонаводаи кӯдак. Хонаводаи воқеии тифле, ки ба сарпарастӣ пазируфта мешавад, набояд қабл аз ба фарзандӣ онҳоро шиносад. Яъне қабл аз ба фарзандхондагӣ қабул кардан, хонаводаи тифлро нашиносанд. Манзур аз номаълум будани хонавода ин аст, ки аъзои хонавода «шомили падар ва модар ва бобои тифл» ношинохта бошанд, ё бобои падарӣ ва падар ва модари вай дар ғайри ҳаёт набошад ё аз ҷумлаи кӯдаконе бошад, ки ба муассисаи бепарасторон супурда шуда, се соли тамом падар модар ё бобои падарии вай ба он муассиса барои мулоқот ё ҷустуҷӯйи вазъи тифл мурочиат накарда бошанд. Банди б) моддаи 6 Қонуни ҳимоят аз кӯдакони бидуни сарпараст дар ин замина чунин муқаррар доштааст: «Ҳеҷ як аз падар, бобои падарӣ ё модари тифл шинохта нашуда, ё дар қайди ҳаёт набошанд, ё кӯдаконе бошанд, ки ба муассиса супурда шуда ва се соли тамом падар ё модар, ё бобои падарии ӯ мурочиат накарда бошанд». Мафҳуми банди б-и моддаи мазкур ин аст, ки мушаххас набудани хешовандон мисли бародар ва хоҳар ё бобо ва бибии модарӣ ё бибии падарӣ монеи сарпарастӣ нест.

Моддаи 11-и Қонуни ҳимоят аз кӯдакони бидуни сарпараст дар хусуси вазифадор будани сарпарастон муқаррар доштааст: «Вазоиф ва таколифи сарпараст ва тифли таҳти сарпарастии ӯ аз лиҳози нигаҳдорӣ ва тарбият ва нафақа ва эҳтиром назири ҳуқуқӣ ва таколифи фарзандони падар ва модар аст. Бинобар ин, ба сабаби ин модда нафақаи тифл ба уҳдаи сарпарастони ӯст, чаро ки дар равобити падару модар дар насаби машруъ инчунин аст. Ба ҳамин далел аз он ҷое ки дар равобит миёни падар ва модар бо фарзандон пардохти нафақа дар дараҷаи аввал ба уҳдаи падар аст, дар мавриди сарпарастӣ ҳам, нахуст падар вазифадор ба нафақа додан аст ва дар сурати нотавонӣ аз пардохт ё номумкин будани гирифтани нафақа аз ӯ нафақаи тифл аз амвол ва дороии зан пардохт хоҳад шуд».


**АДАБИЁТ**

1. Муҳаммад Ҷаъфар. Терминология / Муҳаммад Ҷаъфар, Ҷаъфарии Лангрудӣ. –Теҳрон: Ганҷу дониш, 1370. -Чопи 5. -С. 498.
2. Асаддулоҳ Имомӣ. Мутолиаи татбиқии насаб дар ҳуқуқи Эрон / Асаддулоҳ Имомӣ. –Теҳрон: Мусавӣ, 1349. -чопи 2. -ч.2. -С.396.
3. Асаддулоҳ Имомӣ. Вазъи ҳуқуқии фарзандхондагӣ дар Эрон / Асаддулоҳ Имомӣ. –Теҳрон: Мусавӣ, 1376. -чопи 2. -ч.2. -С.23. Сайидҳусейни Сафоӣ. Ҳуқуқи хонавода / Сайидҳусейни Сафоӣ. – Теҳрон: Донишгоҳи, 1376. -Чопи 2. - ч. 2. -С.24.
4. Носири Котузиён. Давраи муқаддимотии ҳуқуқи хонавода / Носири Котузиён. -Теҳрон. Додгустар, 1379. -чопи 1. -Ч.2. –С.381-382.
5. Носири Котузиён. Ҳуқуқи хонавода / Носири Котузиён. –Теҳрон: Додгустар, 1367. -чопи аввал. - ч.2. -С.534.
6. Сайидмуҳаммади Мусавии Бужнурдӣ. Ҳуқуқи хонавода / Сайидмуҳаммади Мусавии Бужнурдӣ.– Теҳрон: Маҷд, 1390. -чопи 2. –С.324-327.


## ПРАВОВОЕ ПОЛОЖЕНИЕ УСЫНОВЛЕНИЯ В ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВЕ ИСЛАМСКОЙ РЕСПУБЛИКИ ИРАН


Усыновление (удочерение) -форма семейного устройства ребенка сироты или ребенка, оставшегося без попечения родителей, предполагающая принятие в семью ребенка на правах кровного, со всеми вытекающими отсюда правами и обязанностями и является приоритетной формой устройства ребенка.В данной статье автором подвергнуто рассмотрению и изучению правовое положение усыновления (удочерения) в законодательстве Исламской Республики Иран.



**Ключевые слова:** усыновление, права и обязанности усыновителей, правовое отношение, законодательство ИРИ, права и обязанности родных, биологические родители, право на пенсию и пособие, смерть родителей.


## THE LEGAL STATUS OF ADOPTION IN THE LEGISLATION OF THE ISLAMIC REPUBLIC OF IRAN


Adoption - the form of family care for a child an orphan or a child left without parental care, which presupposes the adoption of a child on the rights of blood, with all the ensuing rights and obligations, and is the preferred form was very small and dirty this article, the author reviewed and the study of the legal status of adoption in the legislation of the Islamic Republic of Iran.



**Key words:** adoption, the rights and obligations of adoptive parents, the legal relations, legislation Iran, rights and duties of the family, the biological parents, the right to a pension and allowance, death of parents.



**Сведения об авторе:** ***Бахмани Насер Ширага*** – соискатель юридического факультета Таджикского национального университета. Телефон: **917-48-57-19**

# ТАНГНОҲОИ ҲУҚУҚИИ ИҶРОИ ҚОНУНИ ТИҶОРАТИ ЭЛЕКТРОНИКИИ ЭРОН

*Ғуломризои Гурзин*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Бисёре аз иқтисоддонон, мутахассисон ва ояндангарҳо бар ин ақидаанд, ки дар солҳои охир инқилобе шабеҳи инқилоби саноатӣ ба вуқӯъ пайваста, ки ҷаҳонро вориди арсаи иттилоот сохтааст. Тиҷорати электроникӣ ба далели суръат, коройӣ, коҳиши ҳазинаҳо ва баҳрабардорӣ аз фурсатҳои зудгузар арсаи ҷадидеро дар рақобат кушодааст, то он ҷо ки гуфта мешавад, ақибафтодан аз ин масири таҳаввул натиҷае ҷуз мунзавӣ шудан дар арсаи иқтисоди ҷаҳонӣ нахоҳад дошт. Бинобар ин, арсаҳои навин маъмулан, аз қонунмандии лозим бархурдор нестанд. Албатта, на ба ин маъно, ки роҳи ҳама навъи базеҳ ҳамвор аст. Зиндагии иҷтимоӣ тақозо мекунад, ки назм ва амният дар он арса низ ҳоким ва маслиҳати умумӣ таъмин гардад, ҳуқуқи тиҷорати электроникӣ яке аз ин арсаҳост. Арсаи пурбаҳс ва оганда аз наввовариҳо ва шукуфтанҳо дар ин арса аст, ки амвоҷи инқилоби интернетӣ ва инфиҷори тиҷорати электронӣ бо низоми ҳуқуқии мавҷуд бархӯрд мекунанд ва дар мафоҳими ҳуқуқи суннатӣ асари муҳиме мегузоранд. Аз ин рӯ назм ва ҳуқуқи навини мавзӯъ баҳс ва қонунгузорӣ аст.

Шояд битавон бистари фарҳанги муносиб ва низ фуқадон ё нақзи қавонини мутаносиб ва ба иборати содатар тангноҳои мавҷуд дар ҷиҳати иҷро кардани қонуни тиҷорати электроникии Эронро муҳимтарин авомил дар адами истифода аз касбу кори электроникӣ дар Эрон донист, ки рафъи ин тангноҳо азми ҷадиди воридоти миллиро металабад.

Бо таваҷҷуҳ ба ин ки Ҷумҳурии Исломии Эрон давраҳои сахт ва ҷанги таҳамиллии ҳаштсоларо сипарӣ кардааст ва ин даврон кишварро аз лиҳози иқтисодӣ дучори рукуд ва вақфаи сангин кардааст. Мозод бар ин ки таҳримҳои иқтисодӣ низ ҳамчунон идома дорад, лизо бар назар мерасад, густариши ин падида аз зарурати иҷтинобнопазир барои тавсеаи кишвар бошад.

**Аммо далоили ин заруратро метавон ин гуна баён кард:**

1. Бо таваҷҷуҳ ба ин ки низоми иқтисодии ҷаҳон наздики ду даҳа аст, ки асоси кори худро амалан бар пояи тиҷорати электроникӣ бино ниҳода аст ва низ бо таваҷҷуҳ ба ин ки узвият дар созмони тиҷорати ҷаҳонӣ зарфиятҳои хоси худро металабад, лизо бояд барои расидан ба ҳадди матлубе аз ин зарфиятҳо дар андешаи лозим дар ҷиҳати густариши ин санъат натоиҷи номатлуберо дар бар хоҳад дошт ва ниҳоятан бояд аз ҷойи густариш ин саноатро оғоз намуд.

Бинобар ин, робита бо иқдомоти анҷомгирифта тавассути Ҷумҳурии исломии Эрон дар робита бо густариши касбу кори электроникӣ бояд гуфт:

а) Агарчи Ҷумҳурии исломии Эрон дар оғоз роҳи ҷаҳонӣ шудани тиҷорати электроникиро ҳадаф гирифта ва саъй карда, то бо ворид шудан ба ин фароянд ва идғоми системаҳои иқтисодии худ дар ин падида иштиёқи худро ба ин маҳсули ҷадиди ҷаҳонӣ нишон диҳад ва дар ин роҳ илова бар тасвибы қонуни тиҷорати электроникӣ (ҳудуди даҳсоли пеш) тарҳҳоеро иҷро ва баъзеро дар дасти иқдом дорад. Аммо ба назар мерасад, ин кӯшиш ва такопӯ бо таваҷҷуҳ ба маҳдудиятҳо ва омода набудани зерсохтҳо кофӣ набошад ва дар ин роҳ ҷидияти бештарро талаб мекунад.

б) Бо ин ки давлати Ҷумҳурии исломии Эрон тарҳҳоеро барои тавсияи ин падидаи нав зуҳури асри ҷадид дар ҳоли иҷро дорад, аммо ба назар мерасад, ин иқдомот дар сатҳи болотар бо кундии кор мувоҷиб гардад, чаро ки сохтори иқтисодии Эрон ва низ системаи бозор ба он андоза аз тавоноӣ нарасида то ин тарҳҳо ба таври комил иҷро шаванд.

2. Дар робита бо лузуми истифода аз таҷрибаи кишварҳои пешгом дар ин арса бояд, гуфт ки мутолиботи татбиқӣ ва ҳамкориҳои байналмилалӣ дар заминаҳои ҷадиди ҳуқуқӣ бояд пеш аз пеш афзоиш ёбад. Дар ҳамин робитаи ҷадид Эрон дар таъсиси кумитаҳои ҳамоҳангии минтақаҳои тиҷорати электроникӣ монанди он чи дар АС он ташкил шудааст ва низ доир кардани коргоҳҳои омӯзишӣ ҷиҳати огоҳии ширкатҳо аз қобилиятҳои интернетӣ ва тиҷоратии электронӣ монанди он чи ки дар Искотланд иҷро шудааст, бояд ба возеҳ нишон дода шавад.

3. Ҳамон тавре ки афзалият ва бартарии тиҷорати электроникӣ барои иқтисоди кишвар бешумор ва фаровон аст, сӯйистифода аз он низ ҷуброннопазир аст. Дар айни ҳол ки бояд муттазакир шуд, ки адами густариши он низ мизони содироти

ғайринефтӣ ва рукуди саноеъи худрӯсозӣ, гардишгарӣ, насоҷӣ, бима, мудирияти тавлид, эҷоди иштиғоли таҳсил дар умури молиётӣ ва ғайра муассир аст.

Муҳимтарин мавонеъ ва маҳдудиятҳо, ки дар баррасиҳои ба амаломада мушаххас шуда, ба қарори зайл аст:

1. Камбуд доштан ва фарҳанги истифода аз тиҷорати электроникӣ ва шабакаи интернетӣ;

2. Фуқадони амният лозим барои анҷоми мубодилоти электронӣ ва маҳрамона мондани иттилооти марбута дар бахши мавонеи ҳуқуқӣ ва рафъи ин муҳим таваҷҷуҳи асосии дастгоҳи қонунгузорӣ ва марҷаи таинии сиёсии иқтисодии кишварро талаб мекунад.

3. Фуқадон ё нақзи заминаҳои ҳуқуқии лозим мусталзими баҳси муффасалтар мебошад ва ин амр нишонгари ин аст, ки қавонин ва ойинномаҳои хос ҷиҳати иҷрои қонуни тиҷорати электроникӣ ба тасвиб бирасанд ва баъзе аз мавoди қонуни мавҷуд ислоҳ шаванд.

**Аҳамияти ин мавод ба қарори зайл аст:**

1. Лузуми тадвини қонуни оини додрасӣ хоси тиҷорати электроникӣ дар ҷиҳати имкони тарҳи даъовии ҳуқуқии тиҷорати электроникӣ бо таваҷҷуҳ ба қонуни тиҷорати Эрон ва риояти аҳамияти асли суръат дар ин навъи даъовӣ- хусусан баҳси доварӣ дар ҷиҳати имкони ҳамоҳангӣ бо қавоиди байналмилалӣ ҷиҳати коҳиши даъовии ҳуқуқӣ ва аъмоли ҳадди ақали стандартҳои ҳуқуқӣ дар арсаи тиҷорати электроникӣ;

2. Лузуми тадвини қонуни ҷомеи мурочеи гувоҳии электроникӣ дар ҷиҳати фаъол шудани бахши марбут ба имзои электроникӣ мутмаини мавзӯи моддаи 10-и қонуни тиҷоратии электроникии Эрон ва таъйини масъулияти маданӣ ва кайфарӣ барои фаъолиятҳо ва персанал ва низ таъйини завобити фаъолияти байналмилалии марочеи гувоҳии электроникӣ;

3. Лузуми тадвини қонуни ҷомеи масъулияти маданӣ дар ҳавзаи соябарӣ ҷиҳати ташхиси масъулияти сареҳ барои созандагӣ ва тавзеҳкунандагони колоҳои маъюб ва ҳамчунин шиносоии рафторҳои ношӣ аз бемубталоӣ ва таъйини адами маҳорат дар ҷиҳати ҳамоҳанг шудан бо низоми ҳимоятии ҷаҳон ва низ ҳазфи ташрифоти зоид;

4. Лузуми тасвиби қонуни ҷомеи ҳимоят аз дода ҳарими хусусӣ ба манзури ҳимояти комил аз иттилооти хусусии афрод аз тариқи қонунманд шудани истифода аз онҳо. Лузуми эҷоди ниҳоди контрол ва стандартҳои эйманӣ. Контрол барои мавoди марбута дар қонуни тиҷорати электроникии Эрон (Мавoди 62 ва 74);

5. Лузуми тасвиби оинномаи қонуни тиҷорати электроникӣ дар хусуси ҳимоят аз бахши масруфкунандаи қонуни тиҷорати электроникии Эрон (мавoди 33 ило 49) ба манзури аъмоли ҳуқуқи масруфкунанда дар бистари тиҷоратии электроникӣ;

6. Лузуми тасвиби оинномаи бахши марбута ба бозорёбӣ ва асрори тиҷории электроникии Эрон ба манзури ҳимоят аз асрори тиҷории ширкатҳо ва эҷоди масъулияти маданӣ ва кайфарӣ дар заминаи ҷосусии саноатӣ ва иқтисодӣ ва низ ба манзури фаъол шудани бахши марбут ба бозорёбии қонуни тиҷорати электроникии Эрон (моддаи 64);

7. Дар мабҳаси марбут будани аслӣ: Таъсиси ниҳоди аслӣ барои тадвини низоми ҳуқуқии фазои соябар ва тиҷорати электроникие, ки ин амр бо таваҷҷуҳ ба сохтори номуттаҷониси ниҳоди тасмимгирии кишвар таъсиси ниҳоди воқеан тасмимгирӣ танҳо имкон барои қонунманд сохтани фазои соябарӣ бо таваҷҷуҳ ба абъоди фаромарзӣ ва фаромилӣ аст. Таъсиси ин ниҳод дар ҷилавгирӣ аз иқдомоти такрорӣ ё иштибоҳ дар қонунҳои тиҷорати электроникӣ муассир аст. Дар зимн бояд мутазаккир шуд, фароянди эҷоди низоми фазои соябарӣ ва тиҷорати электроникӣ ҳаракати мустамар ва тӯлонӣ аст;

8. Лузуми тасвиби қонуни адам дар заминаи салоҳият ба манзури имкони мубориза бо ҷароими соябарии ому хос ва ҳамчунин зарурати тасвиби қонуни хос дар заминаи салоҳият барои тиҷорати электроникӣ ва низ тасвиби мавод роҷеъ ба истирод ва ҳамкории мутақобил дар ҷароими соябарии ом ва хос ба манзури имкони ҳамкории байналмилалии муттақобил ва риояти стандартҳои адолати кайфарӣ;

9. Ҷолиш ба номи фуқадони оинномаҳо: Дар бисёре аз мавoди қонуни тиҷорати электроникии Эрон мусаввиби 1382 хуршедӣ, иҷрои он мавод ё бандҳо ба мавoди дигар аз ҳамин қонун ё танзими оинномa дар оянда маъқул шудааст, ки бо таваҷҷуҳ ба адми танзими бархе аз ин оинномаҳо то кунун бахше аз мавoди қонуни тиҷорати электроникии Эрон маъкул ба танзими оиннома шудааст, ба қарори зайл мебошад: Моддаи 31 хусуси завобити таъсис ва шарҳи вазоифи дафотири хадамот судури

гувоҳии диҷитолӣ тавассути созмони мудирият ва барномарезии кишвар ва вазоратхонаҳои санъати маъданӣ ва тиҷоратӣ- иртибот ва фановарӣ- умури иқтисодӣ ва доройӣ ва додгустарӣ бо тасвиби ҳайати вазирон. Маводи 38 дар хусуси ҳаққи инсирофи масрафкунанда ва 42 моводи адами ҳимоят аз масрафкунанда, ки онро ба мӯҷиби оинномае донистааст, ки дар моддаи 79 ин қонун ба он ишора шудааст ва ҳамчунин таҳқиқи комили баъзе аз маводи қонуни тиҷорати электроникиро тобеи оинномаи моддаи 79 донистааст. Аз ҷумла: моддаи 56-моддаи 60 ва ғайра.

Мафҳуми тиҷорати электроникӣ баёнгари ин мавзӯъ аст, ки вобастагии танготангии байни зиндагии мудирони имрӯз ва ин фановарӣ дар тамоми заминаҳои мухталиф ба вуҷуд омадааст. Лизо барои он ки ин вобастагӣ дар оянда эҷоди мушкил нанамояд бояд фарҳанги истифода аз ин падида ба унвони мабдаъ ва асоси кор мавриди таваҷҷуҳ қарор гирад ва фарҳангсозӣ низ ниёз ба як пурусияи созмон хоси худро дорад. Ҳамчунин агар муҳити муносиб ва мусоид бо рушди ин санъат дар ҷомеа падидор гардад ва тангноҳои ҳуқуқӣ муртафеъ гардад. Тиҷорати электроникӣ дар Эрон шитоби бештаре гирифта ва пӯёи иқтисоди миллиро зимни ҳифзи таъомил бо иқтисоди ҷаҳонӣ ба ҳамроҳ хоҳад дошт ва метавонад намунаи мумтоз барои бисёри кишварҳо бошад. Умри кӯтоҳи тиҷорати электроникӣ дар Эрон набояд дастовезе барои фирор аз воқеиятҳои мавҷуд бошад, чаро ки санъат дар дунё низ санъати ҷавон ба шумор меравад ва алорағми ҷавончеҳра дам ба дам дар ҳоли дигаргунӣ аст. Бинобар ин, шиносоии тангноҳои ҳуқуқии иҷрои қонуни тиҷоратии электроникии Эрон, ки бархе аз онҳо ишора шуда ҳамроҳ ислоҳ ва тадвини қавонини мутаносиб ва танзими оинномаҳои марбутаи амрӣ иҷтинобпазир мебошад.

### АДАБИЁТ


1. Қонуни тиҷоратии электроники Ҷумҳурии исломии Эрон мусаввиби 1382. Маҷлиси шӯрои исломӣ.
2. Муҳаммад Алӣ. Ҳуқуқи тиҷорати электроникӣ / Муҳаммад Алӣ, Нахҷавонӣ Риз. –Теҳрон: Интишороти Ганҷи дониш, 1382.
3. Бостони Буруманд. Ҷароими комиютерӣ ва интернетӣ ҷилвае аз базеҳкорӣ / Бостони Буруманд. – Теҳрон: Интишороти Беҳномӣ,1382.
4. Завия Линон Дублфун. Ҳуқуқи тиҷорати электроникӣ / Завия Линон Дублфун; тарҷумаи Сattори Заркалом. –Теҳрон: Интишороти шаҳрдониши Теҳрон, 1388.
5. Олин Готин. Адалаи электроникӣ / Олин Готин; тарҷумаи Рамазони Мусаиб. –Теҳрон: Дабирхонаи Шӯрои олии иттилоотрасонӣ, 1383. -Чопи аввал.
6. Ҳасан Дарёнӣ. Кӯлоҳбардории электроникӣ / Ҳасан Дарёнӣ // Хабарномаи информатикӣ. -№ 62-64 то 68.
7. [Захираи электронӣ]. http: www. /Irtp. Com
8. [Захираи электронӣ]. http/: www /prd. moc. yov. ir


### ПРАВОВЫЕ ИЗДЕРЖКИ ИСПОЛНЕНИЯ ЗАКОНА ОБ ЭЛЕКТРОННОЙ ТОРГОВЛЕ В ИСЛАМСКОЙ РЕСПУБЛИКЕ ИРАН


Целью Закона об электронной торговле является обеспечение правовых условий для электронной торговли по продаже товаров, выполнению работ и оказанию услуг, осуществляемой с использованием электронных сообщений. Данный закон регулирует отношения, возникающие при использовании электронных сообщений в целях совершения юридических действий в электронной торговле. В данной статье автор рассматривает некоторые правовые издержки в исполнении данного закона в Исламской Республике Иран.



**Ключевые слова:** электронная торговля, закон об электронной торговле, участники электронной торговли, особенности использования электронных сообщений в электронной торговле, хранение электронных сообщений.


### LEGAL COSTS OF EXECUTION OF THE LAW ON ELECTRONIC COMMERCE IN THE ISLAMIC REPUBLIC OF IRAN


The purpose of the Law on electronic Commerce is to ensure the legal conditions for electronic Commerce on the sale of goods, execution of works and rendering of services, carried out via electronic messages. This law regulates the relations arising during the use of electronic communications in order to commit legal actions in e-Commerce. In this article the author examines some of the legal costs in implementing this law in the Islamic Republic of Iran.



**Key words:** e-Commerce, law on electronic Commerce, the participants of electronic Commerce, particularly the use of electronic communications in electronic Commerce, storage of electronic messages.



**Сведения об авторе:** ***Ѓуломризои Гурзин*** - соискатель Таджикского национального университета

# ТАЪРИХИ ТАШАККУЛЁБИИ ҲУҚУҚИ МОЛИКИЯТИ АДАБӢ

***Фарзод Ҷалилиён***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Моликияти адабӣ гузаштае ба пешинаи фарҳанг ва тамаддуни башарӣ дорад. Ба таъбири ин ҳуқуқ, аз замоне ки инсон тавонистааст қадам ё қаламмӯе бигирад, вуҷуд доштанд [1], ё ба таъбири дигар, аз замоне ки нахустин шеър, достон, матраҳ ва ё асаре, ки ба сирқат рафт, ба вуҷуд омадааст. Дар айни ҳол, қавми нигарон низ ин назарияро матраҳ кардаанд, ки дар давронҳои аввалияи таърихи башар низ мафҳуми моликияти адабӣ ба навъе вуҷуд доштааст [2].

Дар идома собиқаи пайдоиш ва сайри таҳаввули ин навъи моликиятро тадқиқ менамоем.

Сайри таҳаввулоти моликияти адабӣ ва ҳунарии достон нисбатан печидагӣ дорад, ки такомули марҳилаӣ ва тӯлонимуддати он андешаи башарро ба сӯйи ҳокимияти қонунӣ нисбат ба мавзӯоти умумӣ ва хусусӣ ошкор мекунад. Дар мавриди ҷузъиёти он иттифоқи назари комиле вуҷуд надорад, зеро ки ихтилофи назаре, ки дар мавриди моҳияти ҳуқуқии моликияти адабӣ ва ҳунарӣ ё ҳаққи муаллиф вуҷуд дошт, дар навъи нигоҳ ба таърихча ва гузаштаи ин ҳуқуқ ҳам таъсиргузор буда, боис шудааст, ки ҳуқуқдонон чашмандозҳои мутафовут ва мухталифе ба ин гузаштаи мубҳам дошта бошанд. Барои намуна касоне, ки маншаъҳои ҳуқуқи фикриро ҳуқуқи табиӣ қаламдод мекунанд, пешина ва вуҷуди онро дар ҳамаи ҷомеаҳо ва дар ҳамаи давраҳо таъйид менамоянд. Аз миёни дидгоҳҳои мухталиф ба баёни муҳимтарин андешаҳо ва дидгоҳҳои назарии ҳуқуқии урфӣ дар робита бо ҳаққи муаллиф мепардозем.

Дар робита бо вуҷуди ҳаққи муаллиф дар аҳди бостон, мустанад ва мутолиоти муҳаққиқе ба номи хонум Док мавриде нақл шуда, ки марбут ба Сисрун хатиби тавонои румӣ аст. Ӯ дар номае ба дусти нoшири худ Отикус аз ин ки бе ризоияти ӯ ба шахсе ба номи Болбс иҷозат додааст, то яке аз осори ӯро, ки ҳанӯз дар бораи интишораш тасмиме нагирифта буд, рӯнависӣ намуда ва сипас мунташир созад, сахт маломат мекунад. Хонуми Док бар ин бовар аст, ки ҳаққи нашри осор ба унвони яке аз масодиқи ҳаққи маънавӣ дар аҳди бостон, дар Руми қадим вуҷуд доштааст. Аммо далели набудани матни қонунӣ дар ин заминаро манзалати матлуби иҷтимоии нависандагон дар он замон ва дарёфти подошҳони нақдӣ ва дар натиҷа бениёзии онҳо аз расмият бахшидан ба имтиёзот муктасаба донистааст [3].

Дар таърихи Юнони бостон ҳам омадааст, ки Ҳумер Дур, ки аз шогирдони Афлотун буда ва аз маҳзари ӯ истифода мекард, ёддоштҳои дарсии нигошташуда дар маҳзари устодро бе иҷозати ӯ дар Сисил ба фурӯш мерасонд ва ин амал сарзаниши аҳли илм ва адаби он давра ва низ хашми мардумро барангехтааст[4].

Истиноди дигаре низ, ки хонум Док ба он ишора кардааст, мукотиботи Палиен Лужен нависандаи румии қарни дувуми мелодӣ аст, ки дар он нависанда имкони интишори номаҳо ва ҳамчунин бархе дигар аз навиштаҳои худро мавриди баҳс қарор дода, натиҷа гирифта аст, ки бе ҳеҷ гуна шак иҷозаи нашри аввалини чопи асар ба нависандаи асар тааллуқ доштааст [5].

Мафҳуми иҷоза гирифтан аз муаллиф ё ворисони ӯ барои таксири асаре, ки қаблан тавассути муаллиф мунташир гардидааст, бо мафҳуми пардохти маблағе ҷиҳати ба даст овардани имтиёзи таксири асари як муаллиф аз ҷумлаи мафҳумҳое ҳастанд, ки метавон дар қонунҳои «Томлудик» (яҳудӣ) мушоҳида кард [6].

Ҳамчунин дар “Таврот” китоби “Эрмиёи Набӣ” боби бисту сеюм, фарози сӣ омадааст: “Зеро, ки Худованд мегӯяд инак ман ба сади ин анбиёе, ки каломи маро аз якдигар медузданд ҳастам ва бад ин тартиб онҳое, ки калимотро ба сирқат мебаранд, мавриди сарзаниш қарор мегиранд” [7].

Ба назар мерасад, ки ин нишонаҳо далелҳое барои вуҷуди ин ҳуқуқ дар аҳди бостон бошад. Дар бораи ҷомеаи ибтидоӣ низ то ҳамин андоза офарандаи асар аз ин, ки офаридаи зеҳниаш бе иҷозати ӯ ва тавассути шахси дигаре ба мардум арза мешавад, ибрози нороҳатӣ мекунад ва ё барои асари худ ҳаққе мисли моликият қоил шуда, моро ба ин самт мефиристад, ки ҳамин мустанадоти хурдро ба унвони сарманшаъ ва решаҳои ҳуқуқи фикрӣ тасаввур намоем.

Асрҳои миёна, давронест, ки қудрати императориро соҳибҳои калисо ба даст гирифта, нақши императорро дар саҳнаи сиёсӣ ва фарҳангии ин давра бар уҳда доштанд.

Бисёр мутахассисини таърихи ҳуқуқ, ки ҳуқуқи муаллифро тайи қарнҳои миёна мавриди таҳқиқ қарор додаанд, муътақиданд, ки ин аср аз лиҳози мазоҳири фарҳангӣ ва вуҷуду шиносоии падид оварандагони асар, асри холӣ ва фақире будааст. Ин доварӣ ба таври куллӣ саҳеҳ аст, вале барои ин, ки дақиқтар баён гардад, мебоист аввалан додаҳои чандеро, ки таквини ҳуқуқи муаллиф дар гарави вуҷуди онҳост, дар назар гирифт ва сониян байни қарнҳои мухталифи ин аср тафкик қоил шуд. Зеро ёздаҳ ва ё дувоздаҳ қарн (қарнҳои панҷ то шонздаҳум), ки умуман унвони қарнҳои миёна шинохта шудаанд, ҳамагӣ аз лиҳози сатҳи фарҳангӣ ва пешрафти улум ва адабиёти яксон набудаанд.

Агар рост аст, ки қарнҳои панҷум то қарни дувоздаҳум дар ҳамаи ҷо ва ҳамаи риштаҳо бо навъи каҷравӣ машҳуд аст, аз қарни дувоздаҳум дар ҳамаи ҷо ва дар донишгоҳҳои аврупоӣ осори тараққӣ ва таолӣ аз нав ба чашм меҳӯрад. Илали аслӣ ин аст, ки дар заминаи осори фикрӣ муддати ҳафт қарн тақрибан дар ҳамаи ҷо рукуд ҳукумфармо будааст. Ин аст, ки на танҳо шеваи нашр ва таксири осор нисбат ба аҳди бостон ҳеҷ тағйире накард, балки ба иллати азҳампошидагии асли тамаркузи қаво ва тамаддун дар императории Рум ва аз байн рафтани бозори озод барои осори фикрӣ, ки калисо онро таҳти ҳукумат ва салтанати худ қарор дод, камтар асаре ба самар ва бахусус ба марҳилаи нашр расида аст. Аз тарафи дигар, барои ин ки аз лиҳози ҳуқуқи маънавӣ падид оварандагони асаре қобили ҳимоят эълом шаванд мебоист эътиқод ба фикр ва нубуғи муаллиф дар ҷомеа реша гирифта бошад, дар ҳоле ки ба эътиқоди мардум падидоварандаи асар он ҳаққи ихтисосӣ бар он наметавонад дошта бошад. Аз ҳамин ҷиҳат, аксари осор ба таври гумном мунташир шудаанд. Барои он ки нависанда вазифа ва унвоне ҷуз ин ки василае барои иблоғи илҳоми илоҳӣ бошад, надорад [8].

Дар қарнҳои миёна калисо илова бар нақши сиёсӣ, нақши омӯзишии густурдае низ бар уҳда дошт, ба ин сурат ки тақрибан тамоми марказҳои омӯзишии он давра зери назари калисо ва тавассути донишомӯхтагони калисо идора мешуд. Аз ҳамин рӯ, осоре, ки ба риштаи таълиф дармеомад, маъмулан ҳосили кори ҷамъӣ, мазҳабӣ ва рӯҳонӣ буд, ки аз сӯйи калисо муаррифӣ мешуданд. Дар натиҷа вогузории асар ва навишта ба дигаре ҳаққи фардӣ набуда, балки ба унвони имтиёзе дар ихтиёри калисо ба унвони шахсияти ҳуқуқӣ қарор доштааст.

8. Политология: Политическая коммуникация и СМИ. -Могилев, 2008.

**ВЛИЯНИЕ СРЕДСТВ МАССОВЫХ ИНФОРМАЦИЙ НА ПОЛИТИЧЕСКИЕ ПРОЦЕССЫ ОБЩЕСТВА**

В данной статье анализируется сущность и содержание средств массовой информации и рассматриваются ее специфические особенности в современных условиях. Также автор статьи на основе анализа различных научных источников показывает основные функции средств массовой информации и ее влияние на политические процессы общества.

**Ключевые слова:** информация, коммуникация, известия, манипулирование, СМИ, интернет, телерадиовещание, общественное сознание, общественное отношение, политическая коммуникация, реципиент, политическая информация.

**THE MEDIA'S INFLUENCE ON THE POLITICAL PROCESSES OF SOCIETY**

In this article analyzes the nature and content of the media and its specific features seen in modern conditions. Also the author of articles based on the analysis of different scientific studies show the main features of the media and its influence on the political processes of society.

**Keywords:** information, communication, news, manipulation, media, internet, broadcasting, public awareness, public relations, political communication, the recipient, political information.

**Сведения об авторе:** ***С.З.Самиева*** **–** соискатель кафедры философии и политологии Курган-Тюбинского государственного университета им.Носира Хусрава. Телефон: **93-515-50-02**

# СРАВНИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ ПОЛИТИЧЕСКИХ РЕЖИМОВ СТРАН ЦЕНТРАЛЬНО-АЗИАТСКОГО РЕГИОНА

***Т.И. Шамсов***
**Курган-Тюбинский государственный университет им.Носира Хусрава**

Как известно, отношения между государствами Центральной Азии обусловлены историческими предпосылками и являются составной частью протекающих в современной международной жизни процессов – глобализации, интеграции и регионализации. Исторические предпосылки современных отношений относятся к периоду древней истории, когда в регионе происходил постоянный обмен культурными ценностями. С переходом политического лидерства от одного государства к другому, происходило сплетение элементов культур и цивилизаций, которые распространялись по всему региону.

Учитывая то, что рассматриваемые нами страны обрели независимость менее двух десятилетий назад, их можно отнести к группе "новосозданных". В процессе своего национально-государственного строительства они столкнулись со значительными проблемами, которые серьезно повлияли на дееспособность, легитимность и сплоченность их политических режимов. Ситуация обострялась с усилением воздействия внешних факторов, а это, как правило, приводит к тому, что государство и его отношения с соседями превращаются в "предмет конкуренции" более крупных заинтересованных акторов.

Что касается сравнительного анализа политических режимов в Центральной Азии, то можно утверждать, что 2008-2009 гг. произошло определенное расширение американского военного присутствия в регионе, что особенно заметно на фоне более скромного российского присутствия. Достаточно взглянуть на карту размещения военных объектов РФ и США в Центральной Азии. Причина этого, на наш взгляд, не связана с коренным изменением внешнеполитического курса государств региона, а определяется тяжелейшей экономической ситуацией в Центральноазиатских государствах в период нынешнего кризиса. Иными словами, эти государства решили воспользоваться своим географическим положением и извлечь материальную выгоду из использования их территории, воздушного пространства и военных объектов странами коалиции НАТО для транзита грузов в Афганистан.

С учетом того, что все постсоветские Центральноазиатские государства, кроме Туркменистана, входят в ОДКБ, невольно возникает вопрос, насколько сотрудничество в активном расширении военного присутствия США и некоторые другие их шаги

согласуются с принятыми ими обязательствами в рамках этой организации. Особенно в связи с тем, что НАТО по-прежнему игнорирует ОДКБ.

В последнее время появились признаки активизации "политических настроений" в Туркменистане. Чиновничья элита и связанные с ней влиятельные лица "в отставке", вышли из состояния политической спячки под воздействием двух последних переворотов в Туркменистане. Они ведут консультации, как внутри страны, так и за ее пределами, по поводу формирования политических союзов для нового "более справедливого" передела власти.

После кончины С.А. Ниязова западные страны договорились забыть о нарушении прав человека в Туркменистане, их сейчас не беспокоят узники совести, политические заключенные и заложники бердымухаммедовского режима. Они не хотят лишний раз тревожить баши-2, но возможно это всего лишь сознательный прием, обеспечивающий им эффективную подготовку для перехвата власти.

В этой ситуации "тихое" поведение ряда оппозиционных групп, дислоцированных за границей, можно понять как их попытку перенести акцент своей деятельности с "публичной заграничной", на скрытую деятельность, направленную на активизацию своих консультаций со своими сторонниками внутри Туркменистана и заинтересованными игроками за границей.

Как было выше изложено, Центральноазиатские страны по-своему уникальны, также ведение государственной политики отличает насколько разные эти страны. Для начала определения анализа политических режимов следует принять во внимание, что Туркменистан является полуавторитарным режимом правления, в то время как в Кыргызистане, учитывая минувшие апрельские события, можно характеризовать как новую мутантную форму демократии. Возможно, этому повлияла национальная самоидентификация киргизстанцев или все-таки отрицательная сторона медали. Для народов Центральной Азии само понятие демократии несет негативную окраску, так как, в советское время ценностями назывались именно идеологические ориентиры. Несмотря на приобретении независимости характерной чертой является форма правления. Если по отдельности рассматривать каждую страну, то наиболее приемлема демократия казахстанскому обществу. Для Узбекистана и Туркмениистана авторитарная форма правления. Для Кыргызистана полуавторитарные, хотя в данном случае можно выделить, что в Кыргызистана явно присутствует активное воздействие других сил**[1].**

Существуют отличия противодействия партийной номенклатуре в каждом из государств Центральной Азии именно в контексте развития парламентской оппозиции. В Таджикистане, например, ортодоксия части элиты, задававшей тон в Коммунистической партии в период запрета ее политической деятельности, не устраивало тогдашнего лидера Р.Набиева, лавировавшего в очень сложной обстановке и шедшего на компромисс с оппозиционными силами. В Казахстане руководство страны предпочло путь перекройки по горизонтали и вертикали структур власти, фактического противопоставления разных групп внутри старой элиты, стимулирования жесткой конкуренции между ними, даже переноса столицы республики в Астану.

Существуют две стороны изучения политических альтернатив парламентской оппозиции в странах региона. Первая, внутренняя, в которой, есть признанные многими авторитетными политологами, упущенные возможности общей оппозиции, динамика постоянного уменьшения набора вероятных альтернатив действующей власти. Вторая, внешняя, так называемая безальтернативность альтернативы, проистекающая из глобализации, угрозы быть «вытолкнутыми из «золотого миллиарда» в мир бедности и рабства»**[2].**

По мнению автора, эти две стороны заставляют парламентскую оппозицию искать, во-первых, иные возможности во внутренней политике в основном, социал-демократическом видении развития общественно-политических и социально-экономических реформ. Во-вторых, для парламентской оппозиции значительно уменьшаются шансы третьего пути, третьей силы, третьей модели, а периодически возникающие мировые кризисы (продовольственные, топливные и т.п.), «цветные революции», вторжение массовой культуры – еще одно тому подтверждение.

В Узбекистане трансформация депутатов корпуса, политических партий и неправительственных организаций в основной инструмент общественного контроля над деятельностью государственных и властных структур предусматривалась в рамках выдвинутой в январе 2005 года Программы демократизации и обновления общества,

реформирования и модернизация страны. Создание эффективной системы общественного контроля над исполнительной властью и управлением предполагает и Конституционный закон «Об усилении роли политических партий в обновлении и демократизации государственного управления и модернизации страны»**[6].**

В Казахстане законодательное усиление контроля парламентских фракций над формированием и деятельностью правительства предусмотрено инициированным Н.Назарбаевым 16 мая 2007 года проектом закона «О внесении изменений и дополнений в Конституцию Республики Казахстан»**[3].**

В Кыргызстане цель законодательной инициативы о выборах по партийным спискам – усиление политических партий и повышение их ответственности, общественного контроля политически активной части гражданского общества над деятельностью законодательной и исполнительной ветвей власти**[ 4].**

В Таджикистане официальные власти призывают политические партии и депутатский корпус к общественному контролю над распределением благотворительной помощи, пропагандой нравственности и духовности, соблюдением обрядов, традиций, соответствия последним нормам действующего законодательства**[5].**

Бесспорно, что западная модель демократии в ее, так сказать, первозданном виде не может реализоваться в постсоветском пространстве. Казахстан, как и Россия, несет на себе отпечаток своей принадлежности к своеобразному мосту между Востоком и Западом, исламом и христианством, восточным и западным типом общей и политической культуры, а потому не может иметь собственного понимания, собственной национальной модели демократии. Но вряд ли бесспорно, что эта модель является авторитарной демократией**[6].**

Конечно, в политической культуре населения стран Центральной Азии причудливо сочетаются элементы авторитаризма, демократии, но данная антиномия всегда разрешается в пользу либо авторитаризма, либо демократии, но никак не в пользу внутренне противоречивой, а потому несостоятельной в научном отношении авторитарной демократии. Безусловно, что в массовом сознании постсоветского общества доминируют этатистские структуры, этатистское сознание, в котором непомерно большое место занимает идея большого и сильного государства. В коллективистском сознании она нередко трансформируется в идею всесильного государства, так что граждане, особенно в условиях острого кризиса, готовы легитимировать авторитаризм и даже тоталитарную систему власти**[ 7].**

Речь идет о том, что система, как это очевидно для теоретически мыслящего ученого, может быть либо авторитарной, либо демократической, но никак не авторитарно-демократической, так что ни о каком пересмотре понятия авторитаризм не может быть и речи. Думается, что многие из тех, кто поддерживает идею авторитарной демократии, никак не могут осознать, а тем более довести до отчетливого теоретического выражения тот простой факт, что демократия в переходный период должна быть достаточно институализированной с тем, чтобы сохранить целостность социума и государства**[ 8].**

Итак, необходимо констатировать, что, во-первых, демократия может существовать в двух формах: с преобладанием авторитарного, либо демократического начала, то есть, как большое государство и как «государство минимум». Эти формы определяются характером менталитета, то есть, доминирования – соответственно – коллективизма или индивидуализма; во-вторых, в постсоветском обществе неизбежно как в силу менталитета, так и характера переходного периода, складывается система с достаточно сильной государственной властью, с жесткой государственной структурой, но ее никак нельзя назвать авторитарной демократией и не только в силу внутренней противоречивости этого понятия, но и по другим более основательным причинам[ 9].

Вопрос заключается в том, какова система постсоветского общества в рамках строгого разграничения демократии и авторитаризма.

Политическая система многих государств постсоветского общества, согласно Ч.Эндрейну, «маргинальна», поскольку «зависла» между бюрократически-авторитарной и состязательной. Л.Даймонд, который различает этапы демократии, считает, что многие государства СНГ находятся в промежуточном положении, то есть между авторитаризмом и электоральной демократией как первой фазой демократического общества. Эти страны не дотягивают даже до минимальной демократии, хотя в тоже время отличаются от чисто авторитарных систем[ 10].

Таким образом, можно констатировать, что осью «большой игры» на краткосрочную перспективу станет Афганистан, который, по сути, сегодня играет судьбоносную роль для

будущей евразийской политики США и НАТО, России, стран Центральной Азии, Пакистана, Ирана.

В целом же «большая игра» вокруг Центральной Азии и Афганистана еще очень далека от своего завершения. Как показывают последние события, ставки здесь повышаются, к тому же, в условиях обостряющегося мирового финансового кризиса ресурсная база практически всех крупных внешних и региональных игроков существенно сокращается. Сужение ресурсной базы, в свою очередь, заметно повышает элемент непредсказуемости и весьма осложняет прогноз действий сторон. Отсюда следует то, что в ближайшей перспективе в республиках Центральной Азии и Афганистане возможны довольно неожиданные события, в том числе возникновение неожиданных конфигураций временных или устойчивых геополитических союзов и связок.

Подводя итоги проделанной работы, автор достиг поставленных целей. Важнейшей проблемой вытекающей и влияющей на процесс формирования режимов в государствах Центральной Азии являются экономические вызовы международной экономики, а также конфликтная обстановка в соседнем Афганистане. Сравнивая процесс формирования режимов можно смело утверждать, что активные угрозы, исходящие от внешних факторов по сути своей являются трудно разрешимыми, вследствие чего, вакуум противоречивости вызовов достигают своего апогея на ранних формах. Но, нужно учесть точку зрения, что в странах Центрально-Азиатского региона существует именно бюрократическое управление правительством. Немаловажную роль, конечно же, играют главы государств.

Во время анализа задач, автор пришел к выводу, что стабильность институтов политических режимов оцениваются по-разному в каждой стране. Например, политическая система в Кыргызистане наиболее уязвима в настоящий момент, что привело к тому, что народ стал менее управляем. Для Республики Узбекистан такое понятие не уместно, так как, глава государства ведет полицейскую политику, что, конечно же, стабилизирует порядок в обществе. Для Республики Казахстан можно утверждать, что наиболее стабильный порядок во всех отношениях присущ казахстанской модели управления.

Несомненно, трудно переоценить вклад, внесенный первыми руководителями постсоветских республик в укрепление их независимости и создание фундамента для развития новых политических структур. Тем не менее не следует забывать и о том, что нынешние события и ситуация являются историческим продолжением изменений, осуществлявшихся в течение долгих веков. Вместе с тем, трансформации политических структур и сбалансированное развитие политических режимов, наблюдающиеся в этих странах, а также другие феномены представляются неизбежными. Если не учесть в перспективе указанные нюансы, то данные республики могут стать жертвой противостояния влиятельных внешних сил, которые намного мощнее любых внутренних факторов.

Следовательно, анализируя политические структуры республик ЦАР, мы сталкиваемся с различными проблемами национально-государственного строительства, смены власти, развития политических режимов и их функциональности, обусловливающими постоянное ослабление связей политических структур с обществом и уменьшение возможностей противодействия вызовам кризисного периода**.**

## ЛИТЕРАТУРА

1. Бакиев К. Выступление на встрече с профессорами, преподавателями,студентами и работниками высших и средних профессиональных учебных заведений Бишкека 28 сентября 2007 года / К. Бакиев // Веб-сайт Президента КР. [Электронный ресурс]. www.president.kg.

2. Стенограмма пресс-конференции Госсекретаря и руководства Администрации Президента РК// Веб-сайт Президента РК. [Электронный ресурс]. www.akorda.kz

3. Назарбаев Н.А. Казахстан-2030. Послание Президента страны народу Казахстана / Н.А. Назарбаев // Казахстанская правда, 11октября 1997.

4. Бушков В.И. "Таджикская революция" и гражданская война (1989-1994) / В.И. Бушков, Д.В Микульский. -М, 1995.- С. 52-54.

5. Назарбаев Н.А. На пороге XXI века / Н.А. Назарбаев. -Алматы: Љнер,1998. -С. 165.

6. Нурсултан Назарбаев «Глобальный мир и ядерная безопасность» / Нурсултан Назарбаев \\ газета «Известия», 2.04.2010

7. Елена Яценко. Путь к лидерству: социально-экономические и политические реформы в Казахстане / Елена Яценко. -Москва, 2007.

8. Рахмонов Эмомали Независимость Таджикистана и возрождение нации. Том четвертый / Э.Рахмонов. -

Душанбе: Ирфон, 2006, -С.123.
9. Гаврилова Ю.А. Международно-правовое сотрудничество государств центральной Азии в области охраны и использования трансграничных водотоков / Ю.А. Гаврилова // Вестник КАСУ, 2006. -№3. –с.145.
10. Фредерик Стар. В защиту Большой Центральной Азии / Фредерик Стар // Журнал Экономические стратегии - Центральная Азия, 2008.-№4. -С.36.

**СРАВНИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ ПОЛИТИЧЕСКИХ РЕЖИМОВ СТРАН ЦЕНТРАЛЬНОАЗИАТСКОГО РЕГИОНА**

Анализируя политические структуры республик Центральноазиатского региона, мы сталкиваемся с различными проблемами национально-государственного строительства, смены власти, развития политических режимов и их функциональности, обусловливающими постоянное ослабление связей политических структур с обществом и уменьшением возможностей противодействия вызовам кризисного периода. Статья посвящена изучению данной темы.

**Ключевые слова:** сравнительный анализ, политические режимы, национально-государственное строительство, постсоветские Центральноазиатские государства, заинтересованными игроками, авторитарная форма правления, парламентской оппозиции в странах региона, западная модель демократии, демократия, авторитаризм, тоталитаризм.

**COMPARATIVE ANALYSIS OF POLITICAL REGIMES OF THE CENTRAL ASIAN COUNTRIES**

Analyzing the political structures of the Central Asian region, we are faced with various problems of nation-building, the change of power, development of political regimes and their functionality, causing a steady weakening of the ties of political structures and society, reduced opportunities for addressing the challenges of the crisis period. The article is devoted to the study of this topic.

**Key words:** comparative analysis of political regimes, nation-building, post-Soviet Central Asian States, interested players, authoritarian form of government, the parliamentary opposition in the countries of the region, the Western model of democracy, democracy, authoritarianism to totalitarianism.

**Сведения об авторе:** ***Т.И. Шамсов*** – соискатель кафедры философии и политологии Курган-Тюбинского государственного университета им.Носира Хусрава. Телефон: **915-18-18-48**

# МУҚАДДИМАИ ОМӮЗИШ ВА ПАРВАРИШ БАР РАСОНАҲО

***Сайид Маҳмуд Ризо Ҳусайнӣ***
**Пажӯҳишгоҳи фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АИ ҶТ**

Инсон барои интиқоли мерос ва тамаддуни башарӣ, инчунин кӯшиши ба камол расонидани инсон омӯзиш ва парваришро поягузорӣ кард ва барои дастрасӣ ба аҳдофи ин низом, муаллимро ба истихдоми худ даровартанд, то вай бо иттихози равияҳои муносиб ва истифода аз манобеъ, мухтаво, таҷҳизот ва расонаҳои омӯзиш, ки маҷмӯаи онро метавон технологияи омӯзишӣ номид, таълим ва тарбиятро анҷом диҳад. Баррасии пешинаи низоми таълим ва тарбият ҳокӣ аст, ки ҳаракати низоми омӯзиш аз муаллиммадорӣ ва мухтавомадорӣ ба сӯйи донишомӯзии меҳварӣ будааст.

Имрӯз ҷаҳони таълим ва тарбият, ҷаҳони дидан, таҷриба кардан ва кашф кардан аст, зеро шиори он омӯхтан барои зистан, анҷом додан ва боҳамзистан аст. Дар дунёи печида иртиботот ва бо таваҷҷуҳ ба ин шиор, расонаҳои гурӯҳӣ ва омӯзишӣ метавонанд нақши муҳимеро ифо кунанд. Қобилиятҳо ва тавономандиҳои вижа дар ростои таъсиргузорӣ бар изҳон, афкор, фарҳанг ва боварихои умумии ҷомеа доранд, аз ин рӯ, дар саросари ҷаҳон барномасозӣ ва барномарезӣ барои ин расонаҳо метавонад ба унвони яке аз муҳимтарин аркони шаклдиҳандаи шахсияти донишомӯзон ба шумор ояд. Барномарезон ва барномасозони расонаҳо бояд бо таваҷҷуҳ ба нақши муҳимми расонаҳо дар таълим ва тарбияи кӯдакон ва навҷавонон ба истихдоми афроди мутахассис, огоҳ ва дилсӯз иқдом бинамоянд.

Дастрасӣ ба аҳдофи таълим ва тарбият бо таваҷҷуҳ ба рушди рӯзафзуни илм ва ҳаҷми тақозо барои таълим ва тарбият муяссар нест, магар он ки роҳи кӯтоҳтаре барои анҷоми он ҷустуҷӯ гардад. Дар ин росто расонаҳо метавонанд чораи ин шакл бошанд ва дар сурате ки муаллимон бар ин бовар даст пайдо кунанд, ки «ҳамвора роҳи беҳтаре барои тадрис ва ёдгирӣ вуҷуд дорад» ва дар масири кашфи равишҳои беҳтар аз интихоби расонаҳо ғафлат наварзанд.

«Расона» тарҷумаи вожаи англисии «medium» аст. Ин вожа дар луғат ба маънои восита, васила, модда ё робитаи ду чиз, ҳадди фосилаи саранҷоми василаи нақл ва интиқол омадааст [1]. Тарҷумаи расона низ ба маънои аслии луғавии он бисёр ҳамоҳанг ва мутаносиб ба назар мерасад. Расона дар маънои ом он василаи нақл ва

интиқоли ахбор, паёмҳо ва иттилоъ аст, ки аз масодиқи он метавонад рӯзномаҳо ва радиову телевизионро ном бурд. Расонаҳо дарвоқеъ васоил паҳлӯҳои иртиботот байни маркази паём ва гирандаи пайёманд. Корбурди ин вожа дар заминаи таълим ва тарбият низ бо ҳифзи ҳамин маъно ва муҳтаво будааст ва расонаи омӯзиш ба васоил ва абзорҳое гуфта мешавад, ки интиқоли паёми омӯзишро аз фиристанда ба гиранда анҷом медиҳад [2,20].

Бар асоси ин таъриф ҳеҷ омӯзишро наметавон тасаввур кард, ки бидуни вуҷуди расона таҳқиқ ёбад, зеро расона васила ё канали интиқоли паём аз фиристанда ба гиранда ё фарогир аст. Дар канори вожаи расона, истилоҳе вуҷуд дорад, ки ағлаб ба ғалати мутародифи расона ба кор бурда мешавад ва он васоили омӯзишӣ ё васоили кӯмаки омӯзиш аст. Ин васила ҳамон тавре ки аз номашон бармеояд, дар омӯзиш ба кор гирифта мешаванд, то ба дарк ва фаҳми шогирд аз муҳтавои омӯзиш кӯмак кунанд ва дарвоқеъ ёдгирии ӯро ташкил кунанд. Барои мисол муаллим дар синфхона аз тахта ва гаҷ истифода мекунад, дар ин сурат муаллим расона аст. Зеро паёми омӯзишӣ аз тариқи ӯ ба шогирдон интиқол меёбад. Бинобар ин, васоили кумаки омӯзиш (мисли тахта ва гаҷ) ба васоил ва абзоре гуфта мешавад, ки ҳангоми омӯзиш ба кор бурда мешавад ва амри ёддиҳӣ- ёдгириро тасҳил мекунад, вале паёми омӯзишро ба таври комил мунтақил намекунад.

**Шеваҳои интихоби расонаҳо.** Агар робита байни вижагиҳои расона ба навъи мавқеияти ёдгирӣ дар назар бигирем, густурдаи васее аз интихобҳоро кашф хоҳем кард, агарчи фароянди интихоби расона фақат аввалин қадам аст. Сипас фард бояд ин густурдаи васеъро барои интихоби расонаҳое, ки беш аз ҳама омӯзишро пуштибонӣ мекунанд маҳдудтар созад. Ҳадафи ағлаби улгуҳои интихоби расонаҳои омӯзишӣ, коҳиши теъдоди расонаҳои омӯзишии кор, интихоби ниҳоии яке ду расона бар асоси авомили амалии корбурди онҳост. Улгуи интихоби расонаҳо вижагиҳои муштараки зиёде доранд. Барои мисол тақрибан тамоми улгуҳои таваҷҷуҳ ба навъи ҳадафи мавриди назар вижагиҳои ёдгиранда ва авомили амалӣ, мисли андоза ва таркиби гурӯҳе, ки расона барои онҳо ба кор меравад, густураи тавосили дидорӣ ва шунидорӣ, аз ин қабилро тавсия мекунанд. Бештар нависандагони улгуҳҳои интихоби расона бар ин мавзӯъ тавофуқ доранд, ки ҳеҷ расонае нест, ки барои тамоми расонаҳо бартарият дошта бошад. Ин натиҷагирӣ ба василаи пажӯҳиш дар мавриди корбурди расонаҳо низ пуштибонӣ шудааст (Андерсон, 1977, Брегз, 1968, Брезг ва Вигр, 1981. Кулок ва Солимун, 1986). Бештар нависандагон бар ин мавзӯъ низ тавоқуф доранд, ки наметавон расонаҳоеро муаррифӣ кард, ки бавижа барои як мавзӯи хос дар мадраса ё барои як сатҳи хос аз синфхонаҳо ба кор оянд. Корҳои тарроҳии дақиқ ва натоиҷи пажӯҳиш дар мавриди расона, ҳарду пешниҳод мекунанд, ки беҳтарин интихоб дар мавриди расонаҳои интихоб барои ҳадафҳои хоси даруни як дарс аст. Улгуҳои интихоби расонаҳо навъан шомили се табақа аз авомиле ҳастанд, ки интихоби онҳоро маҳдуд мекунанд: 1. Сифатҳои физикии расонаҳо; 2.Вижагиҳои таклифӣ; 3. Вижагиҳои ёдгирандагон [3,312].

**Интихоби расонаҳои ёддиҳӣ-ёдгирӣ.** Хушбахтона дар солҳои охир, ширкатҳо ва муассисоти мутааддиде иқдом ба таҳия ва тавлиди анвои расонаҳои ёддиҳӣ- ёдгирӣ кардаанд. Ба ин тартиб ин макон дар ихтиёри муаллимони огоҳ, боаҳамият ва алоқаманд ба корбурди расонаҳои ёддиҳӣ- ёдгирӣ қарор гирифтааст, ки ниёзи худро аз миёни маҳсулоти матнӯъ тавлиди ширкатҳои мухталиф баргузинанд. Аммо муаллимон чӣ гуна бояд ба ин кор иқдом варзанд? Чӣ меъёрҳое метавонанд роҳнамои эшон дар интихоби расонаи мавриди ниёзашон ва ё ҳатто тавлиди бархе расонаҳои нисбатан содатар бошад? Интихоби як ё чанд расонаи хабардиҳӣ- ёдгирии муносиб барои як мавқеияти омӯзиши хос кори огоҳона ва дақиқ аст. Барои анҷоми ин кор беш аз аъмоли салиқа ва алоқаҳои шахсӣ бояд манотиқ ва меъёрҳои мушаххас ва қобили эътимод ҳукмфармо бошад. Аз миёни василаҳои иртиботӣ ё интиқоли паём, кадом якеро бояд баргузид? Ҷараёни иртибот раванди матнӯъ ва мутағайир аст, масоили иртиботи посуххои яксон ва мушобеҳ надорад. Ин ки аз чӣ василае барои барқарори як иртиботи хуб истифода кунем, аз пеш таъйиншуда нест. Барои шинохти ин васила бояд ибтидо барои саволҳои мутааддиде, аз ҷумла пурсишҳои зер, посух ёфт ва сипас бо ҷамъбандии онҳо посухи ниҳоиро пайдо кард:

- ҳадаф аз эҷоди иртибот чист?
- чӣ касе мехоҳад иртибот барқарор кунад? Чи вижагиҳое дорад?
- мухотаби иртибот кист, чӣ мизони пазириш дорад ва вижагиҳои ӯ чист?
- шароити замонӣ ва маконии барқарории иртибот чист ва барои анҷоми ин кор чӣ имконоте вуҷуд дорад?

Вазъияти расонаи ёддиҳӣ- ёдгирӣ низ ба ҳамин тартиб аст. Аз як расонаи муайян ҳарчанд кайфияти бисёр хубе ҳам дошта бошад, дар тамоми мавқеиятҳои омӯзишӣ наметавон истифода кард, зеро ҳар мавқеияти расона талаботи хоси худро дорад ва ин расона бояд бо таваҷҷуҳ ба тамоми ҷанбаҳо ва мушаххасҳои он мавқеият интихоб шавад.

Амри интихоби расонаҳои ёддиҳӣ- ёдгирӣ бояд аз ду ҷанба мавриди баррасӣ қарор гирад:

1. Аз миёни расонаҳои матнӯъ ва гуногуне, ки вуҷуд доранд кадом як, ё кадомин маҷмӯаро бармегузинам?
2. Пас аз мушаххс шудани навъи расона, масалан слайдҳо ё нақшаҳои мутааддиде, ки тавассути тавлидкунандагони мухталиф ба бозор арза шуд, кадом як ба пуррагӣ метавонад посухгӯйии ниёзҳои мо бошад?

Дар иртибот бо ҷанбаи аввал, муҳимтарин ва куллитарин меъёри интихоби расонаҳо дар мавқеиятҳои омӯзишӣ, таваҷҷуҳ ба мафҳуми тарроҳии манзуми (системанок) дарс аст ва мутобиқ ба ин мафҳум, расонаҳои ёддиҳӣ-ёдгирии яке аз аҷзои тарроҳии ҳар дарс талаққӣ шуда, бо соири аҷзои он дар таомил аст. Бар асоси нигариши систематикӣ ба амри тарроҳии дарс, тасмимгирӣ дар мавриди чигунагӣ ва интихоби ҳар унсуре аз ҷумлаи расонаи ёддиҳӣ- ёдгирӣ амри чигунагӣ ва интихоби ҳар система ва бахшномае нест. Бо таваҷҷуҳ ба робитаи танготангии аносири ҳар система таъсиргузорӣ ва таъсирпазирии онҳо аз якдигар ва ин ки фақат як маҷмӯае аз аносири ҳамоҳанг ва мунтабиқ бо якдигар метавонанд шогирдонро дар дастёбӣ ба аҳдофи омӯзишӣ ёрӣ расонанд. Интихоби расонаи мавриди назар, ҳатман бояд бо таваҷҷуҳ ба соири аносири тарроҳии дарс сурат гирад. Масалан, агар ҳазви аҳдофи омӯзиши мо ошноӣ бо чигунагии иртибот миёни «нерӯ ва шитоб» бошад, беҳтар аст аз расона ё расонаҳое истифода кунем, ки қодир ба нишон додани ҳаракат бошанд, монанди филм, видио ё роёна. Агар теъдоди мухотабони мо зиёд бошанд, каломи муаллим, намоиши слайд ё филм бар пардаи бузург метавонад муносиб бошад. Фарогирони бузургсол метавонанд аз расонаҳои зеҳнии навиштаҳо, тарроҳии смайлик ва шаклҳои печида истифода кунанд, дар ҳоле ки барои шогирдон камсол ҳатман бояд аз расонаҳои дорои айният бештар назири ашёи воқеӣ, моделҳо, филм ва монанди инҳо истифода кард.

Дар робита бо ҷанбаи дувум интихоби расона, яъне баргузидани як расонаи мушаххас аз миёни анвои тавлидии ширкатҳои мухталиф бояд бар мабнои вижагиҳои асосӣ ва ихтисосии он расона даст ба интихоб зад. Масалан, як пайвастгар бояд дар айни рангӣ ва ҷаззоб будан, сода ва комилан гӯё бошад. Як бастаи омӯзишии хуб бояд дорои дастуруламалҳои дақиқ ва комили мавод ва обзорҳои солим ва кофӣ ба ҳамроҳи лавозими ядакӣ ва зикри нукоти эманӣ бошад [4, 239]. Агарчи барои ҳар як аз анвоъ ва гурӯҳҳои расонаҳо вижагиҳоеро ба унвони расонаи муносиб метавон баршумурд, аммо ба таври куллӣ низ метавон бархе аз вижагиҳоро баршумурд, ки барои тамоми расонаҳои ёддиҳӣ- ёдгирӣ қобили таъмим буда, иборатанд аз:

1. Ҳамхонӣ бо ҳадафҳо, муҳтаво ва шеваҳои омӯзишӣ. Медонем, ки ҳар фароянди иртиботӣ, аз ҷумла фарояндҳои иртиботии ёддиҳӣ- ёдгирӣ дар пайи аҳдофи хос шакл мегиранд. Дар мавқеиятҳои омӯзишӣ ҳадафҳои омӯзишӣ ҳосил ва натиҷагирии ниҳоии кори ёддиҳӣ- ёдгирӣ ҳастанд, ки ба сурати рафторҳое бояд дар шогирдон шакл бигиранд. Ин ҳадафҳо омили таъйинкунандае дар кулли ҷараёни иртиботӣ, аз ҷумла интихоби расонаи муносиб ҳастанд. Ба ин тартиб, расонаи муносиб бо ҳадафҳои омӯзишӣ, муҳтаво ва фаъолиятҳои омӯзишии интихобшуда мутобиқ ва созгор бошад. Масалан, агар ҳадафи омӯзиш дастёбӣ ба як маҳорати амалии муайян бошад, расонаҳои назири шайулвоқеъ, модели қодир ба кор ва филм ба тартиби муносибтарин расонаҳо хоҳанд буд. Истифода аз талаққии шаффоф барои ҳамроҳӣ бо равиши суханронӣ дар як ҷамияти мутавассит ё бузург хуб аст. Дар ҳоле ки дар ҳамин шароит як чорти омӯзишӣ дар қитаи 50+70 cm наметавонад, чандон муфид ва муассир бошад [ҳамон, 240].

**2. Тавоноии интиқоли паёми мавриди назар.** Дар таърифи расонаҳо ишора шуд, ки расона василаи интиқоли паём аст. Бинобар ин, яке аз шароити зарурӣ қабули ҳар навъ шайъ, тасвир, навори савтӣ, филм ва монанди инҳо ба унвони расонаи омӯзишии муносиби тавоноии он васила дар ироа ва илқои паёми мавриди назар аст. Ба ибораи дигар, василае, ки натавонад манзури моро ба хубӣ ба мухотабон мунтақил кунад, ҳарчанд ки аз лиҳози кайфияти фаннӣ ва соири ҷанбаҳо

бисёр олӣ бошад, дар он мавқеияти омӯзишии хос набояд мавриди истифода қарор гирад.

**3. Интибоқ бо вижагиҳои мухотабон.** Расонаи ёддиҳӣ- ёдгирии интихобшуда, бояд бо тавоноиҳо, алоиқҳо ва ниёзҳои фарогирон мантабақ бошад. Дар расонаҳои садодор назири филм, матолиб бояд бо забони қобили фаҳми мухотабон ироа шавад. Тавзеҳот набояд зиёд ва касалкунанда ё кам ва ғайрикофӣ бошад. Дар интихоби вожаҳо, мусиқӣ, танини садо, сурати баён, фишурдагии матолиб ва ғайра бояд ба алоиқҳо ва тавоноиҳои мухтотабон таваҷҷуҳ шавад.

Яке аз вижагиҳои муҳимми шогирдон синни онҳост. Мухотабони хурдсол аз тариқи таҷоруб айни касб мекунанд. Бинобар ин, барои барқарории иртибот бо ин гуна шогирдон то ҳадди имкон бояд аз навъи расонаҳои омӯзишӣ фаровон истифода намуд. Ҳамроҳ бо афзоиши синни мухотабон ба таносуб аз расонаҳое, ки аз таҷоруб дасти аввал ё маҳсус дуртар ва ба таҷоруби нимаинтизоӣ ва интизоии наздиктаранд, истифодаи бештаре метавон ба амал овард. Адгордел (1969) аввалин бор бо баррасии таҷоруби ёдгирии мухталиф онҳоро бар ҳасби айнӣ (маҳсус) ва зеҳнӣ (таҷрибӣ) буданашон дар табақоте мурратаб кард ва дар шакли махрут монанди созмон дорад. Дар ин махрут таҷрибаҳои айнитар дар сутӯҳи поин ҷой доранд ва ҳарчи ба самти табақаҳои боло пеш меравем аз маҳсус будани тарбияҳо коста шуда, бар зеҳнӣ буданаш афзуда мешавад.

4. **Муътабар будан**. Иттилооте, ки дар расонаи ёддиҳӣ-ёдгирӣ меояд бояд муфид, саҳеҳ, ҷадид ва ба рӯз бошад. Хақоиқи матраҳшуда дар расона бояд мунтабақ бо ҳинҷорҳои ахлоқӣ ва фарҳангии ҷомеа ва ба дур аз таассубот ва пешдовариҳо бошанд. Лозим аст, ки бо баррасии мавзӯъ аз абъоди мухталиф, тамоми вуҷуҳи ҳақиқат мавриди назар қарор гирад. Муҳтавиёти расона набояд мағойир бо арзишҳои волои инсонӣ бошад.

5. **Барангехтан мухотаб ба фаъолият**. Аз вижагиҳои муҳимми расонаҳои ёддиҳӣ- ёдгирӣ ҷолиби таваҷҷуҳ ва барангезанда будан аст. Расона бояд таваҷҷуҳи мухотабонро ба худ ҷалб карда, то поёнии фаъолияти омӯзишӣ ҳифз кунад. Истифодаи ба ҷо ва мутаодил аз авомили ангезишӣ, назири мусиқӣ, садоҳои ҷанбӣ, ранг ва ҳаракат метавонад ба ҷаззобияти расонаҳо бияфзояд. Он расонаи ёддиҳӣ-ёдгирӣ, ки дар барангехтани ҳисси кунҷковӣ ва фаъол кардани зеҳни мухотаб тавони бештаре дошта ӯро ба кӯшиши фикрию амалӣ ва посухдиҳӣ во медорад, мувофиқтар хоҳад буд. Ба ибораи дигар, расонаи хуб бояд фароянди иртиботро аз ҳолати яктарафа хориҷ карда, ба ҷараёни дусӯя табдил кунад. Тарҳи пурсишҳо дар маҷмӯаи слайд, навор ё филм, ки мухотабонро маҷбур ба тафаккур, мутолиа ё анҷоми таҷрибаҳои амалӣ кунад, аз ин гуна тарфандаҳо ба шумор меравандд.

**Расонаҳо ва тавоноии барқарори иртибот**. Расонаҳо ва тавоноии барқарори иртиботи онҳо, иборатанд аз: гурӯҳи а) иборатанд ва расонаҳое, ки гузаро ҳастанд ва аз иртибототи миёни фардии рӯ дар рӯ истифода мекунанд. Гурӯҳи б) расонаҳое, ҳастанд, ки аҷсом ё ашёе ташкил шудаанд, ки баёнкунандаи ақоид аст ва ба унвони барқароркунандаи иртибот дар равобити миёнифардӣ ба кор гирифта мешаванд. Аз он ҷо ки онҳо дорои ҷанбаи доимӣ ҳастанд, метавонанд ба унвони воситаи байни манбаъ ва дарёфткунанда (ҳангоме, ки ин ду дар рӯ ба рӯ бо якдигар мулоқот намекунанд) қарор гиранд. Гурӯҳи в шомили расонаҳои ҷамъии марбут ба гурӯҳи зотан гузаро ҳастанд. «Ҷамъ» дар ин ҷо сирфан ба маънои мухотабони бисёр нест ва ин ин наметавонад меъёри саҳеҳ бошад. Чун бисёре аз расонаҳои миёнифардии рӯ ба рӯ низ метавонанд мухотабони зиёдеро дар бар гиранд. Хусусияти аслии расонаҳои ҷамъӣ дар ин аст, ки онҳо метавонанд ба мухотабони бисёре, ки дар навоҳии ҷуғрофиёии пароканда дар нуқоти мухталиф мебошанд, даст ёбанд.

**Расонаҳо ва муваффақиятҳои ёддиҳӣ- ёдгирӣ.** Дар ҷараёни иртиботӣ расонаи муносиб саҳми умдае дар тасҳили интиқоли паём байни фиристанда ва гиранда дорад. Дар мавқеиятҳои омӯзишӣ расонаҳо илова бар нақши умумӣ вазоифи вижаиро доро мебошанд, ки аз муҳимтарини онҳо инҳо мебошанд:

1.**Барқарории иртиботи муассир**. Расонаҳои ёддиҳӣ-ёдгирӣ бо интиқоли паём, иртиботи байни муаллим ва шогирдонро мумкин месозонад. Бо истифода аз расонаҳои муносиб аз сӯйи таъбирҳои эҳтимолие, ки ағлаби ношӣ аз баҳрагирии сарфи калом аст, пешгирӣ ба амал меояд.

Корбурди дурусти расонаҳо метавонад аз таъсири сӯйи бархе мавонеъ иртиботи назири ҳавоспартӣ ва рӯёӣ шудани мухотаб пешгирӣ кунад.

2. Эҷоди ангезаи ёдгирӣ ва кӯмак ба тадовими он. Шаклгирии ҳар фароянди ёдгирӣ ба ангеза ва алоқаи ёдгиранда вобастагӣ дорад. Вуҷуди ангеза, сабаби

фаъолияти даъвоталабона ва даргири мустақими ёдгиранда дар ҷараёни ёдгирӣ мешавад. Инчунин имкони дастёбии вай ба аҳдоф омӯзишеро афзоиш медиҳад. Бакоргирии расонаҳои муносиби назири чарт, акс, филм ва ғайра ин алоқаро дар шогирдон пайдо мекунад ё шакл медиҳад ва бақои онро дар тӯли муддати ёдгирӣ тадовим мебахшад.

3. **Шаклдиҳии ёдгирии сареътар, амиқтар ва пойдортар**. Истифода аз расонаҳои ёддиҳӣ- ёдгирии муносиб, сабаб мешавад, ки шогирдон мафоҳими иваз ва печидаро осонтар ва сареътар дарёфт ва дарк кунанд. Масалан, ҷараёни печида ҳаммонандсозӣ дар сулул ба кӯмаки як филм нақши мутаҳаррик ва ё истифода аз расонаи содаи назири табло сареътар дарёфт ва дарк мешавад. Ёдгирӣ фароянди сода ва дар тамоми маворид яксон нест, балки шохаҳо ва сутӯҳи мухталиф дорад. Масалан ёдгириҳои марбут ба ҳиташинохтӣ маротибе дорад, ки аз поинтарин сатҳ (ҳифз кардани содаи як мафҳум) то дарк ва фаҳми он ва ё ба кор бурдани он дар мавқеиятҳои ҷадид дар сатҳи болотар ва ҳатто ба нақд кашидани онро шомил мешавад. Ёддодан ва ёд гирифтан дар сатҳи болотари корӣ мушкилтар аст ва ба тавоноии сарфи вақт ва имконоти бештар ниёз дорад. Ба ҳамин иллат ағлаби мураббиён ва шогирдон дар мавқеиятҳои омӯзишӣ ба ҳамон сутӯҳи поин басанда мекунанд. Расонаҳои омӯзишӣ кӯмак мекунанд, ки ба сутӯҳи болотари ёдгирӣ ё бим ва ин ҷараёни амиқи бештар ёбад.

Расонаҳо кори дигар низ анҷом медиҳанд. Зимни ин ки ҳиссҳои бештаре аз шогирдонро ба кор мегиранд, дар шароити ёдгирӣ низ эҷоди танаввуъ мекунанд. Ин амр сабаби тасбияти ёдгирӣ ва ҳифзи бақои омӯхтаҳо ба муддати тӯлонитар мешавад. Шогирдони кӯчак ҳудуди 1-5 то 1-3 ва афроди бузургсол ҳудуди 1-2 ончиро, ки шунидаанд ба хотир месупоранд. Ин мақодир пас аз ду моҳ ба нисф тақлид меёбад (5, 213).

Истифода аз расонаҳои мухталиф, хусусан, агар бо фаъолият ва даргирии ҳарчи бештар шогирдон дар ҷараёни ёдгирӣ ҳамроҳ бошад, на танҳо миқдори ёдгирии аввалияро афзоиш медиҳад, балки муддати ба хатарсупориро низ тӯлонӣ мекунад.

4. **Сарфаҷӯйӣ дар замони омӯзиш ва ёдгирӣ**. Муаллимон бо истифода аз расонаҳои ёддиҳӣ-ёдгирӣ метавонанд мафоҳими мавриди назари худро дар муддати камтаре омӯзиш диҳанд ва ё дар муддати замони мушаххас мафоҳими бештареро ба шогирдон биёмӯзанд. Масалан, ошно кардани шогирдон бо сохтори печидамағз бо истифода аз як модели омӯзишии сода ҳатман, ба замони бисёр кӯтоҳтаре ниёз хоҳад дошт.

Аз тарафи дигар, расонаҳои ёддиҳӣ-ёдгирӣ метавонанд дар мавқеиятҳои худомӯзӣ низ сабаби ёдгирии беҳтар ва амиқтар шуда, ва дар замони ёдгирӣ сарфаҷӯйӣ кунанд.

5. **Интибоқ бо ҳушҳои чандгона**. Назарияи ҳушҳои чандгона (Multiple intelligence) Гордер тавонмандии муҳимми зеҳнии ба «ҳуш» печидаии чандваҷҳӣ ва қобили тағйир ва тавсеа медонад. Ӯ аз ҳади ақал на ҳуши мутафовути сухан ба миён оварад ва муътақид аст, ки ҳар кас дар як ё чанд то аз ин ҳушҳо аз муҳаббатҳои вижаӣ бархурдор аст ва агар фаъолиятҳои омӯзишӣ дар интибоқ бо ин ҳушҳо сурат гиранд короии ёдгирӣ аз афзоиши қобили мулоҳизае бархурдор хоҳад буд.

Ҳар гурӯҳ аз расонаҳои ёддиҳӣ- ёдгирӣ бар ҳушҳои хосе таъкид доранд ва танаввӯи баҳрагирӣ аз расонаҳое метавонад, фаъолиятҳои омӯзиширо бо вижагиҳои ҳушии шогирдон бештаре мунтабиқ созад. Масалан, ба назар мерасад, ки расонаҳои навишторӣ ва шунидорӣ бар ҳуши каломӣ, расонаҳои дидорӣ назир тасовир ва филмҳо бар ҳуши бинойӣ- фазоӣ, расонаҳои шунидорӣ бар ҳавзаи ҳуши дарунии фардӣ ва ҳуши табиатгаро таъкиди вижа доранд.

8. **Шаклдиҳии таҷоруби ёдгирии номумкин.** Агарчи истифода аз таҷоруби мусатақим ва дасти аввал дар бисёре аз мавқеиятҳои ёддиҳӣ- ёдгирӣ тавсия мешавад, аммо касби ин таҷоруб гоҳе авқот ба ҳеҷ ваҷҳ имконпазир нест. Дар чунин мавридҳо, аз ҷумла мавридҳои зери расонаҳои ёддиҳӣ-ёдгирӣ интихоби муносибе хоҳад буд.

а) Бархе воқеҳо бисёр кунд рух медиҳанд ва чашми мо қодир ба тамиз додани ҷузъиёти онҳо нест. Монанди чигунагии боз шудани як гул, ҳаракати ситорагон дар тӯли шаб, рушди ҷанини мурғи даруни тухм. Ин иттифоқотро ба кӯмаки модел, акс ва ё филме, ки бо суръати кам филмбардорӣ шудааст, метавон нишон дод.

б) Бархе воқеаҳо бисёр сареъ рӯй медиҳанд ва наметавонем зароифи онҳоро аз якдигар тамиз диҳем. Монанди чигунагии шикорпеша тавассути қурбоға, бо бисёр аз ҳаракатҳои варзишии сареъ. Ба кӯмаки филмбардорӣ бо суръати зиёд метавон барои чунин падидаҳои таҷрибаҳои наздик ба воқеият, фароҳам овард.

в) Бархе ҳаводис дар гузашта рух дода, қобили такрор нестанд. Таҳаввулоти таърихӣ аз ин ҷумлаанд, ки аз тариқи намоишҳои театрӣ бозофаринӣ мешаванд.

г) Гоҳе пешбинӣ мешавад воқеае дар оянда рӯй хоҳад дод, назири пешрафтаҳои илмӣ дар сад соли оянда ва таъсири онҳо бар зиндагии инсон. Аз тариқи филмҳои наққошии мутаҳаррик чунин пешбиниҳоеро ба сурати воқеӣ метавон ба намоиш гузошт.

д) Бархе печидаҳо ва иттифоқҳо дур аз дастрасии мо ҳастанд. Чигунагии зиндагии мардуми кишварҳо ё қораҳои дигар ва ё оташфишонии кӯҳҳои дурдаст, аз ин ҷумла ҳастанд. Аксҳо, филмҳо ва манзарасозиҳо метавонанд ин падидаҳоро ба мо наздик кунанд.

ғ) Падидаҳои хатарнок монанди чигунагии вуқӯи инфиҷори атмро метавон бо филм нишон дод ва озмоишҳои ҳазинаовар монанд ба парвоз овардани ҳавопаймо бо дастгоҳҳои шабеҳсоз ё барномаҳои омӯзишии роёнаӣ ба намоиш дармеояд.

Дар поёни ин баҳс тазаккури ду нукта бисёр муҳим аст, ки:

1. Расонаҳои дар муҳитҳои омӯзишии муаллиммадор, ки дар онҳо шогирд фаъолияти чандоне надорад- сирфан паём ё муҳтавои омӯзишӣ аз пеш таъйиншударо ба зеҳни ёдгиранда мунтақил мекунанд.
2. Дар муҳитҳои омӯзишии фаъол ё таомуле, ки дар онҳо шогирдон аз фаъолиятҳои нисбӣ бархурдоранд, расона ба бозсозии муҳтаво дар зеҳни ёдгиранда кӯмак мекунанд ва ё идроки тозае аз муҳтаворо дар зеҳни ӯ эҷод менамояд.

**Тавони муаллим ва тарбияти расонаҳо.** Куллияи расонаҳо дорои тавони муаллим ва тарбиятӣ ҳастанд. Аз онҳо метавон барои рад ва бадал кардани иттилоот, эҷоди ангеза, роҳнамоӣ ва саргармӣ истифода кард. Мазоёи истифода аз маводи самъӣ ва басарӣ дар амри омӯзиш шинохта шудааст, онҳоро метавон ба шарҳи зер хулоса кард:

- маводи самъӣ ва басарӣ, фаҳмро афзоиш медиҳад;
- маводи самъӣ ва басарӣ вақтро сарфаҷӯйӣ мекунад;
- маводи самъӣ ва басарӣ ба муаллим кӯмак мекунад, то тартиби мантиқӣ тарбият кунад. Хулоса рӯйи тахтаи сиёҳ ва ё шарҳе рӯйи як намудор бар мураббӣ ё омӯзгор кӯмак мекунад, то гом ба гом ва бо тартиби мантиқӣ ва аҳёнан бидуни ҷо андохтани баъзе аз қисматҳо мавзӯъро ташреҳ кунад;
- маводи самъӣ ва басарӣ ва намоиши саргармкунанда аст. Мардум умуман дӯст доранд, ки нигоҳ кунанд ва ба достон гӯш диҳанд. Ироаи маводи ҷаззоб мардумро ба ҳузур дар гирдиҳамоие тарғиб мекунад;
- маводи самъӣ ва басарӣ ва намоишӣ муҷиби мушорикати донишомӯзон хоҳад шуд. Тасвир ва гуфтор боиси мушорикати бештари мухотабон мешавад ва тарҳи назир ва саволотро барои баҳс ва гуфтугӯ тасҳил мекунад;
- маводи самъӣ ва басарӣ мизони таваҷҷуҳро афзоиш медиҳанд. Нишон додани як барномаи самъӣ ва басарии хуб метавонад мизони таваҷҷуҳи мухотабонро ба далели кайфияти саргармкунандаи он ва низ ба далели вуҷуди имкони доимии истифода аз алоим ва шаклҳои самъӣ ва басарӣ (мусоҳиба, намоиш ва тафсир ва ғ.) то ҳадди қобили таваҷҷуҳ афзоиш диҳад;
- маводи самъӣ ва басарӣ короии барномаи муаллим ва тарбиятиро афзоиш медиҳад.

Ба далели вижагиҳои ёдшуда, короии кулли ҷаласа афзоиш меёбад. Мухотабон беҳтар ва сареътар мавзӯъҳоро мефаҳманд. Мураббӣ ё омӯзгор метавонад суханонашро бамавқеъ ва бо назми мантиқӣ ироа кунад. Донишҷӯ илова бар ин аз пир ё ҷавон, дохил ё хориҷ аз мадраса, максаднок ё бидуни қасд аз ҳар расона ё маводи самъӣ ва басарӣ чизе ёд мегирад. Ба тавре ки Шаром мегӯяд: «Наметавон донишҷӯеро аз фарогири расонаӣ манъ кард, аммо мушкили воқеӣ он аст, ки битавон ӯро водор сохт, он чизро ки мавриди назар аст, фаро гирад».

Ба ҳар ҳол ҳеҷ расонае ёфт намешавад, ки дорои хусусиятҳое бошад, ки барои мақосиди таълимӣ ва тарбият беҳтарин бошад. Тавони таълим ва тарбияти ҳар расона, то ҳадде ба шабакаи иртиботаш ва то ҳадде ба мавзӯъ, шакл ва аҳдофи таълим ва тарбияти мавриди интизор вобастагӣ дорад.

**АДАБИЁТ**


1. Webster's third new international dictionary, 1969.
2. Фардониш Ҳошим. Мабонии назарии технологии омӯзиш. - Теҳрон, 1372.
3. Алиободӣ Хадича (мутарҷим). Усули тарроҳии омӯзиш. -Теҳрон, 1374.
4. Амир Темур. Расонаҳои ёддиҳӣ-ёдгирӣ: шиносоӣ, интихоб, тавлид ва корбурд / Амир Темур, Муҳаммад Ҳасан.- Теҳрон, 1383.

5. Фалсафӣ Муҳсимо. Бӯъди фарҳанги иртиботӣ барои тавсеа / Фалсафӣ Муҳсимо; навиштаи Ад Баранвн. - Теҳрон: Созмони садо ва симои Ҷумҳурии Исломии Эрон. Маркази таҳқиқотии мутолиот ва санҷиши барномаӣ, 1378.
6. Кӯдак ва телвизион; мутарҷим Футӣ Нусрат. – Теҳрон: Интишороти Суруш-Конуни андешаи пажӯҳишҳои Симо, 1380.
7. Неликхӯ Маҳдӣ. Нақши ҳунар ва расона дар таълим ва тарбият / Неликхӯ Маҳдӣ. -Қум: Интишороти Дор-ул-сақалин, 1379.
8. Ямани Давзӣ Сархоии Муҳаммад. Омӯзиш ва парвариш: Фарҳангҳо ва ҷавомеъ / Ямани Давзӣ Сархоии Муҳаммад. - Теҳрон: Маркази чоп ва интишороти донишгоҳи Шаҳиди Биҳиштӣ, 1378.

**ПРЕДИСЛОВИЕ К ОБУЧЕНИЮ И ВОСПИТАНИЮ ПОСРЕДСТВОМ СМИ**

В данной статье автор консентрирует свое внимание на обучении и воспитании посредством средств массовой информации. В настоящее время происходят значительные перемены в информационной сфере. Благодаря широкому распространению средств массовой информации каждый человек имеет широкий доступ к огромному количеству информационных сетей как пресса, телевидение, видео, радио и сеть Интернет, которые оказывают огромное влияние на общественное сознание.

**Ключевые слова:** воспитание и обучение, СМИ, воздействие на общественное сознание, педагогическое взаимодействие, факторы социальной среды, информационное влияние на человеческое сознание.

**PREFACE TO TRAINING AND EDUCATION THROUGH THE MEDIA**

In this article the author концентрирует their attention on training and education through the media. At the present time there are significant changes in the information sphere. Due to the wide spread media every man has a wide access to a huge amount of information networks as the press, TV, video, radio and the Internet that have a huge impact on the public consciousness.

**Key words:** education and training, the media, the impact on the public consciousness, educational interaction, factors of social environment, information influence on human consciousness.

**Сведения об авторе:** ***Сайид Махмуд Ризо Хусайни*** – соискатель Института философии, политологии и права АН РТ. E-mail: **h.mostafa1968@yahoo.com**

# ВАЗЪИЯТИ РАСОНАҲО ВА САДОВУ СИМО ДАР АРСАИ ҶАҲОНИШАВӢ

***Сакина Қулизода***
**Пажӯҳишгоҳи фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АИ ҶТ**

Илова бар расонаҳои мактуб, расонаҳои савтӣ ва тасвирӣ низ дар ҷараёни рушд ва тавсеаи фановариҳои иртиботӣ дучори дигаргунӣ шудаанд ва таҳаввули онҳоро бояд намоди дигаре аз ҷаҳонӣ шудан талаққӣ кард. Яке аз пешрафтҳои чашмгири муосир дар ҷаҳонишудан, дар заминаи расонаҳои электроникӣ ва иртиботии электроникӣ рӯй додааст. Радио, телевизион, телефон ва васоили мухталифи электроникие, ки метавон аз онҳо ба унвони расонаҳои савтӣ ва тасвирӣ ёд кард, аз ибтидои ихтирои онҳо тавассути инсон, кӯмаки фаровоне ба ӯ дар эҷоди иртибот бо дигарон ва густариши дунёи атрофаш кардаанд.

Дар назарияҳои классикии иртибот санъати нашр, телеграф, телефон, радио ва телевизион дар сади расонаҳое ҳастанд, ки имкони паёми расонаеро ба шакли вижаӣ фароҳам сохта, ба унвони як воситаи иртибот миёни пайёмдиҳанда ва мухотабро барқарор мекунанд.

Бо густариши замон ин расонаҳо пешрафти зиёде кардаанд. Ҷаҳонишудан ба тавсеаи зербиноҳои ин навъи иртиботӣ кӯмаки шоёне кардааст. Ҷуноне ки расонаҳои савтӣ ва тасвирии мухталиф тайи чанд даҳаи охир дучори таҳаввули шигарф шудаанд ва ба унвони абзорҳои аслии ҷаҳонишудан амал кардаанд. Кабелҳои фароуқёнусӣ барои телефон ва телеграф аз соли 1956 батадриҷ тавсеа ёфтанд. Дар соли 1990 имкони иртибототи мустақими телефонӣ миёни беш аз 200 кишвари ҷаҳон фароҳам шуд. Тайи давраи мазкур моҳвораҳо ва кабелҳои фейринурии зарфияти интиқоли иртибототи ҷаҳониро ба шиддат афзоиш додаанд. Аз соли 1988 чандин кабели фееринурӣ фароуқёнусӣ ва фароқораӣ ба кор афтод. Ин кабелҳо бар хилофи кабелҳои аввалия на танҳо имкони ҳадди аксари 60 муколомаро ба таври ҳамзамон бидиҳад, инчунин метавонистааст 600 муколамаро ба таври ҳамзамон интиқол диҳад.

Теъдоди хатҳои телефон низ афзоиш ёфтааст ва аз маҷмӯи 150 миллион хати телефони собит дар соли 1965 ба 851 миллион хат дар соли 1998 расидааст. Телефони мобилӣ ба моводи масрафи умумӣ табдил шудааст. Теъдоди ин васила иртиботе аз ҳудуди як миллион дастгоҳ дар соли 1985 ба 305 миллион дастгоҳ дар соли 1998 расидааст. Дастгоҳҳои намобар (факс) ки аз авосити даҳаи 1980 дар дунё густариш

ёфтааст, имкони интиқоли тасовир ва асноди мактубро ба василаи хатҳои телефон фароҳам сохтааст. Кабелҳои фееринурӣ сипас фазоҳои васееро барои эҷоди шабакҳои компютерӣ ба вуҷуд оваранд.

Аз соли 1920 мелодӣ, ки нахустин фиристандаи радиоии ҷаҳон дар Лондон ба кор даромад, то соли 1994, ки ҳудуди 2 миллиард гирандаи радиоӣ тавассути мардум мавриди истифода қарор мегирифт ва соли 1988, ки ҳудуди 16 ҳазор соат барномаи радиоӣ дар ҳафта тавассути истгоҳҳои радиои давлатӣ тавлид мешуд, Радио ба суръат дар ҳоли густариш буд. Иртибототи берунмарзӣ аз тариқи телевизион низ падидаи ҷадид ҷиҳати тасреи ҷаҳонишудан будааст. Аввалин фиристандаи телевизиони ҷаҳонӣ дар соли 1936 мелодӣ дар Англия ба кор даромад, вале интиқоли барномаҳои телевизионӣ ба василаи моҳвора нахустин бор дар соли 1962 имконпазир шуд ва батадриҷ ин имкон фароҳам шуд, ки садҳо миллион нафар аз мардум бароҳатӣ ва ба таври ҳамзамон ба тамошои рӯйдодҳои ҷаҳонӣ мисли мусобиқоти варзишӣ, пиёдаравӣ рӯйи кураи моҳ ва ғайра бинишинанд. Теъдоди дастгоҳҳои телевизион аз 75 миллион дастгоҳ дар соли 1956 ба як миллиард ва 96 миллион дар соли 1994 афзоиш ёфтааст. Ба ин тарбиб, густариши расонаҳои савтӣ ва тасвирӣ ба шохиси калидӣ барои ҷаҳонӣ шудан табдил шудааст.

Дар Эрон низ густариши анвои расонаҳои иртиботии савтӣ ва тасвирӣ ба манзалаи намодӣ аз ҷаҳонишудан амал кардааст. Аввалин фиристандаи радиои Эрон дар соли 1940-и мелодӣ, яъне 20 сол пеш аз ба роҳ мондани аввалин фиристандаи радиои ҷаҳонӣ дар Лондон ба роҳ афтод. Аввалин фиристандаи телевизионии Эрон низ дар соли 1958 мелодӣ, яъне 22 сол пас аз эҷоди аввалин фиристандаи телевизионӣ дар Англия ба кор даромад.

Дар соли 1962 мелодӣ теъдоди дастгоҳҳои радио дар Эрон ба аъзои ҳар ҳазор ҷамъият 70 дастгоҳ ва телевизион 5 дастгоҳ буд, ин омор дар соли 1985 ба 224 дастгоҳи радио ва 56 дастгоҳи телевизион ба аъзои ҳар ҳазор нафар ҷамъият расид. Вазъияти омори фавқ дар соли 1983 дар муқоиса бо оморҳои ҷаҳоничунин аст:

| | Эрон | Осиё | Кишварҳои дар ҳоли тавсеа | Кишварҳои тавсеаёфта | Ҷаҳон |
|---|---|---|---|---|---|
| Гирандаи радио, | 180 | 110 | 113 | 835 | 296 |
| Гирандаи телевизион | 55 | 39 | 26 | 437 | 131 |

Дар соли 1995 теъдоди радио ба аъзои ҳар 1000 нафар ҷамъият дар Эрон ба 228 дастгоҳ ва дар мавриди телевизион ба 63 дастгоҳ расид.

Дар соли 1995 теъдоди радио ба аъзои ҳар 1000 нафар ҷамъият дар Эрон ба 228 дастгоҳ ва дар мавриди телевизион ба 63 дастгоҳ расид.

Омори фавқ нишон медиҳад, агарчи теъдоди гирандаҳои радио-телевизион дар Эрон поинтар аз ҳадди мутавасситаи ҷаҳонӣ аст, бо ин ҳол рушди фазояндаи ин расона ба унвони намодӣ аз ҷаҳонишудан қобили таваҷҷуҳ аст. Ин омор дар солҳои ҳамзамон бо мавҷи ҷадиди ҷаҳонишудан шитоби бештаре мегирад. Теъдоди фиристандаҳои телевизионӣ дар Эрон аз 1263 фиристанда дар соли 1372 ба 8365 фиристанда дар соли 1382 (нимаи аввал) расидааст, ки рушди беш аз 562%-ро нишон медиҳад.

Мизони рушди фиристандаҳои радиои FM аз 1372 то нимаи аввал 1382 мизони тавлид ва пахши барномаҳои радиоӣ ва телевизионие, ки дар соли 1356 муодил 60 ҳазор соат барои радио ва 3363 соат барои телевизион буд дар соли 1361 ба 67980 соат барои радио ва 11522 соат барои телевизион расид.

Ин мизон дар соли 1376 ба 166/125 соат барои радио ва телевизион мерасад, ки муодил 108 % нисбат ба соли 1361 рушд доштааст.

Мизони коркарди фиристандаҳои телевизионӣ аз 7/475/002 соат дар 1372 ба 67/913/833 соат дар соли 1381 ва коркарди фиристандаҳои радиоӣ FM аз 936/600 соат дар соли 1372 ба 8/552/643 соат дар соли 1381 расидааст, ки баёнгари густурдатар шудани мизони пахши барномаҳои радиову телевизион дар Эрон аст.

Ин омори марбута ба фиристандаҳои радиову телевизиони давлатӣ дар Ҷумҳурии Исломии Эрон аст, ки аз назари муҳтавои тобеи низом арзиши ҳоким дар Ҷумҳурии Исломии Эрон аст. Бо вуҷуди ин таъсири бади фарҳанги ҷаҳонишудан дар муҳтавои барномаҳои ин расона, хусусан барномаҳои саргармӣ ва барномаҳои хориҷӣ комилан маҳсус аст.

Илова бар радио ва телевизиони давлатии Ҷумҳурии Исломии Эрон беш аз 20 истгоҳи радиоӣ низ ба пахши барнома ба забони форсӣ барои шунавандагони эронӣ

машғуланд. Садои радиое ҳамчун «Садои ҳизби коммунисти Эрон» ва бисёр аз радиое, ки умдатан бо гурӯҳҳои курд дар иртиботанд, аз қабили «Садои мардуми Курдистон» ва «Садои Курдистони Ироқ» дар бахшҳои мухталифе аз Эрон шунида мешавад. Шабакаи ҷаҳонии ВВС, «Радиои байнламилалии Чин», «Двича вила», «Садои Исроил», «Радиои Ҷапон» (NHK), «Радиои Фардо», «Радиои Байналмилалии Фаронса», «Садои Америка» ва «Садои Россия» ҳамагӣ радиоҳои бурунмарзӣ мебошанд, ки ба забони форсӣ ба пахши барномаҳои хеш барои эрониён машғуланд. Чанд радиои форсизабон ҳам ба пахши барномаҳои мазҳабӣ дар таблиғи ойини масеҳият мепардозанд. Радиои «Транс ворд», радиои ҷаҳонии адунтестҳо ва радиои бурунмарзӣ шуда тавассути шохаи Анжеликои масеҳияти протестанӣ ба саҳулат дар Эрон қобили дарёфт ҳастанд.

Баррасиҳои анҷомшуда нишон медиҳад, ки 71% аз мардуми Эрон барои касби хабар аз радиоҳои хориҷӣ истифода мекунанд. Ин омор дар мавриди телевизиони дохилии Эрон 88%, радиоҳои дохилӣ 41% ва рӯзномаҳо 59% аст. 7% мардум низ аз Интернет ва 17% аз тариқи шабакаҳои телевизионии моҳвораӣ ҷиҳати касби хабар истифода мекунанд.

**Мизони истифодаи посухгӯёни пажӯҳиш аз расонаҳои мухталиф барои касби хабар.** Шабакаҳои телевизионии моҳвораӣ яке дигар аз расонаҳои муҳим ва муассир дар нуфузи падидаи ҷаҳонӣ ба шумор меояд. Ба назар мерасад, ки ин расона дар ҷаҳонгир намудани фарҳанги муосир бархоста, аз фарҳанги америкоӣ нақши муассир доштааст ва бо таваҷҷуҳ ба нуфуз ва султаи америкоиҳо бар ин шабакаҳо дар бахшҳои мухталифи хабари саргармӣ ва таъсири босазое дар ҷаҳонӣ сохтани арзишҳои ҳоким бар фарҳанги америкоӣ доштааст.

Дар Эрон ҳамин нигориш сабаби навъи нигоҳи манфӣ нисбат ба ин шабакаҳо дар дастгоҳҳои мухталифи давлатӣ ва ғайридавлатӣ шудааст. Ба ҳамин далел дар соли 1373, яъне фосилаи нисбатан кӯтоҳе пас аз густариши сареи анвои таҷҳизоти дарёфти барномаҳои моҳвораӣ, доштани ин гуна таҷҳизот ва тавсеаи он тавассути Маҷлиси шӯрои исломӣ ва вазорати кишвар мамнӯъ эълом шуд. Бо вуҷуди ин мамнӯиятҳо, антенҳои моҳвораии тайӣ солҳои гузашта ба суръат дар Эрон густариш ёфтааст. Ба наҳвае, ки дар ҳоли ҳозир беш аз 7 миллион гирандаи моҳвора дар Эрон мавриди истифода аст.

Илова бар шабакаҳои мухталифи хабарӣ ва саргармии моҳвораие, ки барномаҳои онҳо мавриди таваҷҷуҳи соҳибони гирандаҳои моҳвораӣ дар Эрон аст, аз замони густариши ин гирандаҳо, теъдоди шабакаҳои форсизабон, ки умдатан ба василаи эрониёни муҳоҷир дар Амрико ва Аврупо идора мешуд, ба пахши барнома машғуланд. Барномаҳои ин шабакаҳое, ки теъдоди онҳо батадриҷ рӯ ба афзоиш аст ва дар ҳоли ҳозир ба пеш аз 15 шабака расидааст, таркибе аз ахбори саргармӣ ва паҳнаи васее аз алоиқ ва гароишоти сиёсии соҳибони хеш ҳастанд. Профессор Яҳёи Камолипур- устоди донишгоҳи Прага-телевизионҳое чун «NITV» ва «AZADI»-ро салтанатталаб ва телевизионҳое чун «Тапиш» ва «Эрон ТВ»-ро бештар туҷҷорӣ медонад. Омори ироашуда дар бораи мизони касби ахбор аз радиоҳои хориҷӣ ва шабакаҳои телевизионии моҳворае, ки дар пажӯҳиш анҷом шуда, тавассути маркази таҳқиқоти садову симо мунъакис шудааст, нишон аз рушди гароиши мардум ба истифода аз ин расонаҳо дар Эрон аст.

Дар ҳоле ки 17% аз посухгӯён дар ин пажӯҳиш аз радиоҳои хориҷӣ ва 5% аз шабакаҳои телевизионии моҳвораӣ ба унвони манбаи касбии хабарӣ ёд кардаанд. Тафкики таваҷҷуҳи эшон ба шабакаҳои мухталиф ба шарҳи зер аст. Шабакаҳои телевизионии моҳвораӣ чи аз тариқи пахши барномаҳои мухталифи сиёсӣ- иҷтимоӣ ва чи ба василаи пахши анвои барномаҳои саргармӣ ва тафреҳӣ таъсири зиёде бар фарҳанги сиёсӣ ва фарҳанги оммаи мардум дар Эрон доштаанд ва ба унвони обзори муҳим барои ҷаҳонишудан амал кардаанд.

Синамо расонаи дигаре барои интиқоли маъно ва арзишҳои фарҳангӣ аст. Омори тавлиди филмҳои синамоӣ тайи солҳои пас аз пирӯзии инқилоб рушди чашмгире доштааст. Фазои сиёсии солҳои баъд аз интихобот соли 76 муҷиби афзоиши ин омор шудааст. Филмҳои синамоии хориҷӣ низ тайи солҳои охир фиристаҳои маҳдудеро барои намоиш бар пардаи синамо ва фиристаҳои қобили таваҷҷуҳро барои арза ва тавзеи маҷоз ва ғайримаҷоз дар шабакаҳои расмӣ ва қочоқи тавзеҳии филмҳои синамоӣ ёфтаанд. Ин филмҳо дар интиқоли маъноӣ ва арзишҳои фарҳангии ғарбӣ бисёр муассир будаанд. Боз шудани фазо барои сохти филмҳои ҳовии арзишҳои иҷтимоӣ мутафовут ва ё филмҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ дар синамои Эрон ба дигаргунии низоми арзиши ҳоким бар ҷомеа кӯмак кардааст.

Афзоиши теъдоди густурдаи хатҳои иртиботии телефонӣ, яке аз дигар шохисҳои ҷаҳонишудан аст. Ҷумҳурии Исломии Эрон дорои беш аз 14 миллион ва 240 ҳазор телефони собит (зариби нуфуз 21,5) ва 3 миллион ва 170 ҳазор телефон ҳамроҳ (зариби нуфузи 4,79) аст. 293 шаҳр ва 289,38 рустои кишвар аз имкони иртиботи телефонӣ бархурдор ҳастанд ва ҳудуди 16 ҳазор километри фибернурӣ насб шудааст. Ин вазъият дар муқоиса бо солҳои 1357 ва 1376 ин гуна аст:

| Унвон | 1357 | 1376 | 1382/6/31 |
|---|---|---|---|
| Телефони собит | 85/000 | 6/091/054 | 14/245/439 |
| Зариби нуфузи телефон | 2/34 | 10/08 | 25\51 |
| Теъдоди телефони ҳамроҳ | - | 135/219 | 3/172/\960 |
| Зариби нуфуз | - | ٪30 | 4/79 |
| Рустоҳои дорои иртиботӣ | 312 | 15198 | 38289 |
| Теъдоди таронаки байни шаҳрӣ | 5995 | 167/306 | 478/456 |
| Теъдоди каналҳои байналмилалӣ | 3989 | 65/056 | 10777 |
| Телефонҳои ҳамгонии роҳи дур | 305 | 8312 | 23380 |
| Зарфияти интиқоли додаҳо | - | 1134 | 11267 |

Бар асоси ин омор, теъдоди хутути телефон ба аъзои ҳар ҳазор нафар ба унвони шохис барои ҷаҳонишудан дар Эрон, дар соли 1980, барои ҳар нафар ҷамъият 23 дастгоҳ будааст. Дар соли 1990 ин омор барои ҳар ҳазор нафар ҷамъият 40 дастгоҳ ва дар соли 2000 муодил 149 дастгоҳ ба аъзои ҳар ҳазор нафар будааст. Дар мавриди телефони ҳамроҳ омор дар соли 1990 15 хатти телефон ба аъзои ҳар ҳазор нафар дар соли 2000 будааст.

Ин теъдод телефон гарчи дар муқоиса бо кишварҳои тавсеаёфта ва ҳатто бархе кишварҳои дар ҳоли тавсеа, омори чандон матлубе нест, вале метавон дар муқоиса бо вазъияти қаблии Эрон нишондиҳандаи рушди нисбатан хубе донист. Аз ин ҷиҳат метавон онро меъёре барои рушди шохисҳои ҷаҳонишудан дар Эрон донист. Аҳамияти хатҳои телефон ба унвони шохис барои ҷаҳонишудан он гоҳ ошкортар мешавад, ки ба нақши ин хатҳо дар тақвияти соири абзорҳои иртиботӣ ҳамчун Интернет, шабакаҳои роёнаӣ дастгоҳҳои намобар ва монанди инҳо таваҷҷуҳ кунем.

3**. Интернет, иртиботи диҷетолӣ ва фазои соябаранда.**Пешрафтҳои хиракунанда дар пардозиш, нигоҳдорӣ ва интиқоли иттилоот ба корбурди технологияҳои иттилоотӣ дар тамоми завоии ҳаёти иҷтимоӣ анҷомидааст. Аз чанд сол қабл андак-андак роёнаҳо ҷойи худро дар тамоми арсаҳо ва ҳавзаҳои ҳаёти башарии имрӯза боз кард. Дар ин фароянд бо арзон шудани технологияҳои пардозиш ва нигоҳдории иттилоот, тавзеи густурдаи онҳо ва ҳатто иртибототи роҳи дур осонтар шуд. Бо роёна шудани иртиботи роҳи дур, чашмандози ҷадид аз пайванди поёнаҳо дар даврон ва миёни идорот, бонкҳо, манозил, фурӯшгоҳҳо, корхонаҷот, мадорис ва ғайра дар сатҳи миллӣ ва ҷаҳонӣ ба вуҷуд омодааст, ки сабаби зуҳури шабакаҳои иттилоотӣ ва фазоҳои сойбершуда аст ва бар тамоми ҷанбаҳои зиндагии инсон таъсиргузор аст. Дарвоқеъ ҷаҳонишудан маъқулае аст, ки зайли ҷомеаи иттилоотӣ маъно пайдо мекунад, ба ҳамин далел ин фароянд муҳимтарин шохиси ҷаҳонишудан маҳсуб мешавад.

Бурузи таҳаввулоти фавқ илова бар афзоиши суръати фарогирии расонаҳое ҳамчун телевизион ва моҳвораҳо, иртиботи корбаронро василаи шабакаи Интернет ба сурати шабонарӯзӣ ва ба шакли таомулӣ муяссар сохтааст. Иртиботи пароканда миёни шабакаҳои компютерӣ нахустин бор дар соли 1969 дар шабакаи Орпонт миёни пажӯҳишгарони чаҳор донишгоҳи Амирко барқарор шуд. Аз авохири даҳаи 1980 ба манзури ҳамоҳангии амалиёти тавлид ва фурӯши ширкатҳои густурда, шабакаи ба истилоҳ «интернет» дар манотиқе аз дунё, ки идорот ва коркунони ин ширкатҳо қарор доштанд, ташкил шуд. Интернет ба унвони шабакаи умумӣ ё «Аброшабака»-и фароҷаҳоние, ки иртиботи компютерӣ миёни милионҳо нафарро барқарор мекунад, аз даҳаи 1980 оғоз шуд ва дар даҳаи 1990 густариши фавқулодаӣ пайдо кард. Теъдоди дастгоҳҳои роёнаи муртабит ба Интернет ба 50 миллион дастгоҳ дар соли 1999 расид, ки ҳудуди 180 миллион нафарро ба ҳам муттасил мекарданд.

Интернет илова бар эҷоди иртиботи миёни шабакаҳои роёнаии мухталиф дар сатҳи ҷаҳон ба василаи сервисҳо ва обзорҳои мухталифи худ ҳамчун ирсол ва дарёфти номаҳои электроникӣ, мубодилаи файлҳои мухталифи иттилоот ва тасвир, эҷоди утоқҳои гуфтугӯии ду ё чанднафара, имкони қарор додани пойгоҳҳои қарор

додани ёддоштҳои шахсӣ ва гурӯҳӣ, имкони интишори рӯзномаҳои электроникӣ, торнамоҳои хабарӣ ва китобҳои электроникӣ, мубодилоти тиҷҷории электроникӣ ва даҳҳо имкони мухталиф дар ҳавзаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ ба шабакаи муҳим ва муассир дар иртибототи ҷаҳонӣ табдил шудааст. Фазои ба вуҷудомада таҳти таъсири рушди иртибокот ва густариши шабакаҳои навини иртиботии ҷомеаи ҷаҳонӣ кори табодулоти иттилоот ва огоҳии ҷавомеъ ва инсонҳоро бар уҳда дорад ва ба тарокими замон ва макон дар асари густариши иртибокот ва тавсеаи иттилоот кӯмак мекунад.

Бештарин мизони истифода аз Интернет дар Америка (26,3%) ва пас аз он ҷанубу шарқии Осиё, Ховари Миёна ва шимоли Африқо ин мизон ба ҳадди ақал мерасад. Ба унвони мисол, дар кишварҳои ҷануби Осиё, ҳамчун Бангладеш ва Покистон мизони истифода аз Интернет танҳо 0,4%, яъне 60 баробар камтар аз мутавассити ҷаҳонӣ аст. Ин нисбат дар муқоиса бо Америка як ба 675 мебошад, ки нишонгари фосилаи бисёр зиёд миёни кишварҳои дар ҳоли тавсеа ва кишварҳои бузурги саноатӣ дар ин замина аст.

**4. Ҷойгоҳи Эрон дар дунёи иртиботӣ.** Барои фаҳмидани ҷойгоҳи Эрон дар арсаи дунёи иртибот, асри диҷитолӣ ва мизони рушд обзорҳои фановарии иртибот ва иттилоот дар муқоисаи бо соири кишварҳо метавон аз шохисҳои мухталифе, ки дар сатҳи ҷаҳонӣ барои андозагирии мизони дастрасӣ ба технологиҳои иттилоот ва иртибокот (ICT) ба кор меравад, истифода кард. Яке аз ҷомеътарин шохисҳо дар ин замина шохисе ба номи шохиси ҷомеаи иттилоотӣ (ISI) аст, ки шомили 23 мутағайир аст. Ин мутағайирҳо дар чаҳор зерсохт ба шарҳи зер табақабандӣ шудааст:

1.Зерсохти компютер: саронаи **pc;** саронаи **pc** ҳамлшуда бар ҳасби хонавода; **pc-**ҳои ҳамлшудаи тиҷҷорӣ ва давлатӣ бар ҳасби нерӯи кори ҳирфаӣ; **pc-**ҳои ҳамлшудаи омӯзишӣ бар ҳасби устод ва донишҷӯ; % **pc-**ҳои шабакашуда; махориҷи нармафзор сахтафзор.

2.Зерсохти Интернет: ҳаҷми тиҷорати электроникӣ; теъдоди корбарони хонагии интернетӣ; теъдоди корбарони Интернет дар касб ва кор; теъдоди корбарони интернет дар созмонҳои омӯзишӣ.

3. Зерсохти иртибокот: теъдоди хатҳои телефон (хонаводаҳо); ҳазинаи телефонҳои дохилӣ; саронаи моликиятгирандаи телевизион; саронаи моликиятгирандаи радио; саронаи моликияти дастгоҳи намобар; саронаи моликияти телефонии ҳамроҳ; муштаракони телевизиони кабелӣ.

4. Зерсохти иҷтимоӣ: теъдоди донишомӯзони мутавассита; теъдоди донишомӯзони дабиристонӣ; нархи хондани рӯзнома; озодии матбуот; озодии маданӣ.

Вазъияти маҷмӯаи ин мутағайирҳои нишондиҳандаи шохиси ISI дар мавриди он кишвар аст. Гоҳе барои баррасии тавсеаи ICT аз шохисҳои дигаре истифода мешавад, ки дар он ба чаҳор омили қобилият-иттисол, дастрасӣ, корбарӣ ва озодсозии Интернет таваҷҷуҳ мешавад.

Бо таваҷҷуҳ ба шохиси ISI дар соли 2001, кишварҳои ҷаҳонӣ ба панҷ гурӯҳи зер дастабандӣ шудаанд:

**Гурӯҳи аввал**. Ин гузориш онҳоро skaters (пешравандагон) номидааст, яъне касоне, ки гӯйи иският ба по баста ва тунду пуршитоб дар масири асари диҷотолӣ афтодаанд. Ин кишварҳо мавқеияти олие барои баҳрагирӣ аз инқилоби диҷитолӣ доранд. Дар ин кишварҳо ICT хусусӣ шуда, рақобати мавҷуд боиси коҳиш қимат ва имкони беҳтари дастрасӣ ба Интернет шудааст.

**Гурӯҳи дувум.** Ин гурӯҳ striders (тезравандагон) ном доранд, яъне касоне, ки бо гомҳои баланд ва муассир дар роҳи диҷитолӣ шудан ҳаракат мекунанд. Кишварҳои ин гурӯҳ ҳадафманд ва бо барнома вориди асри иттилоот шудаанд ва бахши муҳимеро дар зерсохтҳои лозим эҷод кардаанд ва дар ҷиҳати рафъи мавонеъ гом бардоштаанд.

**Гурӯҳи савум.** Давандагон ба сурати (sprinters) дар ин гурӯҳ ҳастанд, ки бо таваҷҷуҳ ба фишорҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ва асосие, ки доранд, авлавиятҳои худро тағйир додаанд ва бо тамоми нерӯ саъй доранд сароҳи диҷитолӣ шуданро ҳамвор кунанд. Ин гурӯҳ як савум аз кишварҳои ҷаҳониро ташкил медиҳад ва аъзои он иборатанд аз:

Гурӯҳи чорум: ин гурӯҳро тафреҳкунон (strollers) мехонанд, яъне аъзои он тафреҳкунон ба роҳ афтодаанд. Манобеи молӣ ва ҷамъияти зиёд дар бахши муҳиме аз аъзои ин гурӯҳ боис шудааст, ки ҳаракати онҳо пойдор ва устувор набошад.

Аз миёни ин гурӯҳ кишварҳо Ҳиндустон, Чин ва Инденезия тайи солҳои охир сармоягузории сангине анҷом додаанд, вале далели хусусӣ нашудани бахши муҳиме аз ICT, ҳанӯз рақобат дар онҳо заиф аст.

Гурӯҳи панҷум. Тозаворидон (starters) ҳастанд. 15 аъзои ин гурӯҳи тозаворид ба арсаи диҷитолӣ ҳастанд. Эрон низ ҷузъи ин гурӯҳ аст. Дар ин кишварҳо ки 40% ҷамъияти ҷаҳониро доранд ва 4 % аз GDP ҷаҳониро ташкил медиҳанд, саҳми онҳо аз махориҷи ҷаҳонӣ ICT камтар аз 1% аст. Фосилаи ин гурӯҳ бо гурӯҳҳои дигар аст, ки шикофи диҷитолиро ба вуҷуд овардааст, яъне 55 кишвари чаҳор гурӯҳи аввал 97% GDP ҷаҳонӣ ва 99 % махориҷ ICT-ро дорад. Бинобар ин, Эрон дар иртиобт бо шохиси ISI дар гурӯҳи панҷуми кишварҳо қарор дорад. Бар асоси шохиси дигаре ба номи HDI Эрон дар рутбаи 98 аз 173 кишвари ҷаҳон қарор дорад. Дар он шохис илова бар зерсохторҳои диҷитолӣ, тавониҳои иқтисодӣ низ мадди назар қарор мегирад. Ин ҷойгоҳ барои Эрон дар муқоиса бо соири кишварҳо, бисёр нозил аст, вале вақте ба рушд гом ба гом Эрон дар арсаи ICT тайи солҳои охир таваҷҷуҳ мекунем, маълум мешавад, ки бо вуҷуди тозаворид будани Эрон дар арсаи ҷомеаи иттилоот ва иртиботот ба унвони хутути телефонии собит аз 850 ҳазор дастгоҳ дар соли 1357 ба 14245439 дастгоҳ дар соли 1382 расидааст. Теъдоди роёнаҳо дар Эрон аз 800 ҳазор дастгоҳ дар соли 1994 ба 4,5 миллион дастгоҳ дар соли 2003 расида аст, яъне ҳудудан 5,5 баробар шудааст:

Гарчи омори дақиқе аз теъдоди корбарони Интернет дар Эрон мавҷуд нест, бо ин ҳол шумораи корбарони Интернет дар Эрон дар соли 1994, камтар аз 250 ҳазор нафар будааст, ки дар соли 2004, беш аз 2,5 миллион эронӣ ба сурати доим ва 3,5 миллон нафар ба сурати ғайридоимӣ корбари Интернет ҳастанд. Бинобар ин, зариби нуфузи Интернет аз сифр дар соли 1994 ба 5,3 дар соли 2003 афзоиш ёфтааст. Пешбинӣ мешавад, ки ин омор дар соли 2004 ба 5,6 миллион нафар дар соли 2005 ба 15 миллион нафар ва дар соли 2007 ба 35 миллион нафар бирасад.

| 1994 | 1995 | 1996 | 1997 | 1998 | 1999 | 2000 | 2001 | 2002 | 2003 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 0 | 0 | 2% | 05% | 11% | 4% | 98% | 1,56 | 2,6 | 5,3 |

**Зариби нуфузи Интернет дар Эрон.** Ҷамъи зарфияти байналмилалии Интернет дар ҷаҳон, 520 гигобайт дар сонияи (Gbps) ва ҷамъи зарфияти дайто дохили кишвар 5 гигобайт дар сонияи (Gbps) аст. Дар Эрон болиғ бар 17 ҳазор ва 500 мизони Интернет (Isp)-ро фароҳам мекунанд. 30 ширкат (ICP) низ машғули фаъолият ҳастанд. 220 шаҳри Эрон ба Интернет дастрасӣ доранд, ки пешбинӣ мешавад.

Бар асоси шохисҳои дастрасии диҷетолӣ Эрон дар ҷойи 86% ҷаҳон қарор дорад. Кишварҳое ҳамчун Миср, Тунис ва Индонезия дар радаҳои поинтар аз Эрон қарор доранд.

Ба мавзуоти рушди мизони дастрасӣ ба Интернет тайи солҳои охир, маҳдудиятҳое аз сӯйи давлати Ҷумҳурии Исломии Эрон барои дастрасӣ ба интернет эъмол гардид. Вуҷуди шоиоти мабнӣ бар боло будани мизони истифодаи корбарони эронӣ аз Интернет, хусусан навҷавонон ва ҷавонон аз сайтҳои ғайриахлоқӣ ба афзоиши нигаронӣ дар байни бархе масъулон ва коршиносон мунҷар шуд. Дар даймоҳи 1382 Шӯрои олии инқилоби фарҳангӣ кумитаи вижаеро ба манзури бозшиносонидани сайтҳои мушкилдор баргузид. Дар урдубиҳиштмоҳ 1383, сухангӯйи давлатӣ эълом кард, ки ширкати мухобирон, болок кардани сайтҳои ғайриахлоқиро оғоз кардааст. Ин сайтҳо шомили минтақаҳои гуфтугӯ (чат) ва бархе сайтҳои сиёсӣ низ мешуд. Қувваи фазоия низ воҳиди вижаеро масъули баррасии мабоҳиси интернетӣ кард, ҳамчунин 20 мавзӯъ тавассути сайтҳое, ки қарор аст, филтр шаванд матраҳ шуд, мавориде чун интишори матолиби куфромез иҳонат ба ислом ва муқаддасоти исломӣ, мубориза ё қонуни асосӣ ва таъкид бар он чи истиқлол ва тамомияти арзии кишварро ба хатар меафканад, иҳонат ба арзишҳои инқилоби исломӣ ва усулу андешаҳои имом Хумайнӣ, тазъифи ваҳдати миллӣ ва ғ. аз ҷумлаи ин маворид аст.

Сиёсати филтронидани сайтҳои ғайриахлоқӣ ва сиёсии муориз ҳамчунон идома дорад.Фановарии дичетлоӣ ба шабакаи Интернет ва дастгоҳҳои роёнаӣ маҳдуд намешавад, балки абъод ва вуҷуҳи бисёр густурдае аз зиндагии башарро дар бар мегирад. Дар Эрон ин обзорҳо босуръат дар ҳоли густариш аст. Анвои лавҳаҳои фишурда бо CD, лавҳаҳои тасвирӣ ё DVD, дастгоҳҳои чандрасонаӣ ва фарорасонаӣ дар бахшҳои мухталиф дар ҳоли густариш аст ва ҷадидтарин маҳсулот дар ин заминаҳо босуръат дар Эрон тавасеа меёбанд.

Бо таваҷҷуҳ ба он чи гуфта шуд ва бо иноят ба омор ва иттилооти ироашуда, ки далолат бар рушд ва тавсеаи нисбии фановариҳои иттилоот ва иртиботот умуман аз

расонаҳои мактуб, дар Эрони муосир дорад, метавон иддао кард, ки фановариҳои иттилоот ва иртиботот дар Эрони муосир тайи солҳои охир ба сурати нисбӣ рушд кардааст.Ба баёни дигар, яке аз муҳимтарин шохисҳои ҷаҳонишудан, яъне фановариҳои иттилоот ва иртиботот бо вуҷуди фосилае, ки бо кишварҳои тавсеаёфта вуҷуд дорад, дар Эрон дорои рушд нисбӣ будааст. Агарчи сурати ин рушд аз мутавассити ҷаҳонӣ ва мутавассити кишварҳои тавсеаёфта поинтар аст, бо ин ҳол рушди нисбии ин шохис нишонгари таъсиргузории мусбати ҷаҳонишудан дар Эрони муосир аст. Нуктаи дигаре, ки бояд ба он таваҷҷуҳ кард, ин аст, ки тайи солҳои пас аз пирӯзии инқилоби исломӣ батадриҷ суръати рушди ин шохисҳо афзоиш ёфтааст ва ҳар қадар ба замони ҳозира наздик мешавем, суръати рушди онҳо зиёдтар мешавад.


**АДАБИЁТ**

9. Фалсафӣ Муҳсимо. Бӯъди фарҳанги иртиботӣ барои тавсеа / Фалсафӣ Муҳсимо. Навиштаи Ад Баранвн. -Теҳрон: Созмони садо ва симои Ҷумҳурии Исломии Эрон. Маркази таҳқиқотии мутолиот ва санҷиши барномаӣ, 1378.
10. Кӯдак ва телвизион; мутарҷимФутӣ Нусрат. – Теҳрон: Интишороти Суруш-Конуни андешаи пажӯҳишҳои Симо, 1380.
11. Неликхӯ Маҳдӣ. Нақши ҳунар ва расона дар таълим ва тарбият / Неликхӯ Маҳдӣ. -Қум: Интишороти Дор-ул-сақалин, 1379.
12. Ямани Давзӣ Сархоии Муҳаммад. Омӯзиш ва парвариш: Фарҳангҳо ва ҷавомеъ / Ямани Давзӣ Сархоии Муҳаммад. - Теҳрон: Маркази чоп ва интишороти донишгоҳи Шаҳиди Биҳиштӣ, 1378.



**СРЕДСТВА МАССОВОЙ ИНФОРМАЦИИ В ПЕРИОД ГЛОБАЛИЗАЦИИ**

В данной статье автором рассмотрена роль и деятельность средств массовой информации в период глобализации. Глобализацию можно охарактеризовать как макромасштабный, многоплановый и внутренне противоречивый процесс нарастания общего в мировых системах — экономической, политической, социальной и правовой. Глобализация — процесс всемирной экономической, политической и культурной интеграции. В результате глобализации мир становится более связанным и более зависимым от всех его субъектов. В информационном обществе, многократно возрастают роль и значение средств массовой информации. Взаимодействие средств массовой информации и органов власти играет всё более важную роль в условиях трансформационных изменений общества. Средства массовой информации являются элементом гражданского общества. Они создают информационное пространство, позволяющее развивать современное общество в целом.



**Ключевые слова:** глобализация, период глобализации, информационное общество, средства массовой информации, информационное пространство, трансформационные изменения общества.



**MASS MEDIA IN THE PERIOD OF GLOBALIZATION**

In this article the author considers the role and activities of the mass media in the period of globalization. Globalization can be described as maiden macro scale, using a multidisciplinary and internally contradictory process of General rise in world systems - economic, political, social and legal. Globalization - the process of world economic, political and cultural integration. The globalization of the world becomes more connected and more dependent on all his subjects. In the information society, multiply increased the role and importance of mass media. Interaction of mass media and authorities is playing an increasingly important role in the conditions of transformational changes in the society. Mass media are an element of civil society. They create information space, to develop the modern society as a whole.



**Key words:** globalization, the period of globalization, information society, mass media, information space, transformational change society.



**Сведения об авторе:** ***Сакина Кулизаде*** – соискатель Института философии, политологии и права АН РТ. E-mail: **h.mostafa1968@yahoo.com**


# БАЁНИ НАЗАРИЯҲОИ АНДЕШАМАНДОН ДАР ХУСУСИ ХУШУНАТИ ХОНАВОДАГӢ


***Воҳиди Ризоӣ***
**Пажӯҳишгоҳи фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АИ ҶТ**


**Назарияи фарҳангӣ.** Аз дидгоҳи назарияи фарҳангӣ, фарҳанг мероси иҷтимоии гузашта аст ва ба рафтори имрӯз ва ояндаи инсон таъсир мегузорад. Ин назария дар мавриди вуҷуди ҳамоҳангӣ миёни арзишҳои асосии як ҷомеа ва падидаи иҷтимоӣ, монанди хушунат баҳс мекунад. Назарияи фарҳангӣ иртиботи мушаххас миёни рафтори хушунатомези мардон нисбат ба занон ва ҳинҷорҳои иҷтимоӣ ёфтааст. Мардоне, ки бо ҳамсарони худ бадрафторӣ мекунанд, дар фарҳанге зиндагӣ мекунанд, ки дар он ҳокимияти мардон бисёр бештар муҳимтар ва фарҳангпазиртар аз занон аст. Аз вижагиҳои дигари ин фарҳанг таъйид ва одӣ нишон додани

пархошгарии мардон, вуҷуди ҳокимияти мардона ва фармонбардории бечуну чарои занон аст. Бинобар ин, дар ҷомеаҳои падарсолор истифода аз қудрат барои барқарории имтиёзоти мардон дорои машрӯият аст [1].

Суол ин аст, ки оё фарҳанг боиси эҷоди хушунати мардон алайҳи занон мешавад? Дар фарҳангҳо чи хислатҳое барои мардон бо арзиш ва кадом зидди арзиш аст?

**Назарияи ёдгирии фарҳангӣ.** Аз назари ин дидгоҳ рафтор аз тариқи тақлид ва ҳам аз тариқи таҷрибаҳои мустақим фаро гирифта мешавад. Агар анҷоми ин рафтор дар муҳите боиси бартараф кардани ниёз барои расидан ба ҳадаф бигардад, эҳтимоли бурузи он ҳатто бидуни вуҷуди подоши хориҷӣ ҳам зиёд хоҳад буд. Бахусус, агар ин рафтор намунае ироа диҳад, ки барои мушоҳидагар аҳамият дошта бошад ва аз манфиатбарии нисбӣ бархурдор бошад [2].

**Назарияи мубодила.** Асоси ин назария бар ин асос аст, ки дар робитаҳои миёни афрод ҳар фарде мекӯшад, манфиати худро ба ҳадди аксар ва ҳазинаҳояшро ба ҳадди ақал бирасонад. Дар натиҷа, танҳо замоне ки барои афроди дахил дар як робита ҳазина ва манфиат дар сатҳи хубе бошад, робита миёни афрод барқарор мемонад. Шавҳаре зани худро кӯтак мезанад ва аз диди ӯ ин рафтор дуруст аст, зеро аз оғоз ин зан рафтори мутобиқи майли ӯ надорад. Робитаи ҳазина ва сармоягузориҳое, ки барои хонавода кардааст ба манфиат ва рафтори мутобиқи майли ҳамсар номуносиб аст ва норизоиятии бавуҷудомада хотима бахшидан ба ин вазъиятро зарурӣ мекунад. Дар натиҷа шавҳар саъй мекунад, аз тариқи дар пеш гирифтани рафтори хушунатомез муҷаддадан таодуле дар хонавода барқарор кунад. Ҳол он ки, агар бо истифода аз ин роҳи кор даъвои хонаводагиро аз байн барад, бо таваҷҷуҳ ба назарияи мубодила барои ӯ ҳолати таодул пеш меояд. Дар асари рафтори хушунатомез зан аз рафтори худ даст бар медорад ва мард ба ҳадафи худ мерасад ва аз он ҷо ки тавонистааст бар ҷараёни зиндагӣ назорат дошта бошад, эътимод ба нафсаш низ афзоиш меёбад. Албатта, ин эҳтимол низ вуҷуд дорад, ки зан ҳам ӯро кӯтак бизанад ё полис дар моҷаро дахолат кунад. Эҳтимоли кӯтак хӯрдани шавҳар аз зан бисёр заиф аст, зеро занон заифтаранд ва наметавонанд фикри кӯтак задании шавҳарро дар сар дошта бошанд. Дар ин назария ба танҳоӣ барои тавзеҳи тамоми хушунат кофӣ нест ва бояд ин назарияро бо таваҷҷуҳ ба назарияҳои дигар дар назар гирифт [3].

**Назарияи назорат.** Ин назария бар вуҷуди ҷурм ва рафтори хушунатомез дар инсон чи дарунӣ ва чи аз тариқи фарҳанг ба вуҷуд ояд, таъкид мекунад. Дар ин назария ин асл аст, ки афрод барои расидан ба ҳадафе ё дастёбӣ ба иқтидор дар баробари дигарон ба истифода аз қудрат тамоюл дорад. Асли дувум ин аст, ки назорати фарҳангӣ ба монанди монеае дар сари роҳи иқтидор ва хушунат қарор мегирад. Зеро аз он ҷо ки инсон бидуни вуҷуди маҳдудиятҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ба ҷурму ҷиноят ва рафтори ноҳинҷор тамоюл дорад, ҷомеа бояд созу кори назорат бар онҳоро ба вуҷуд оварад. Дар назарияи назорати фарҳангӣ бар назорати фарҳанги иҷтимоӣ аз ҳар навъ таъкиди бисёр шудааст зеро дар воқеъ барои анҷом додани рафтори базеҳкорона вуҷуди фишори хориҷӣ - бекорӣ, бесаводӣ, фақр ва назири онҳо зарурат надорад, балки набудани назорати фарҳангӣ боиси чунин рафтор мешавад. Ниҳодҳои назоратӣ монанди волидайн, мадраса, донишгоҳ, ҳамсоягон ва полис метавонад бар аъмоли мол назорат кунад [4].

**Назарияи коркардгароӣ.** Коркардгароён хонаводаро гурӯҳе дар назар мегиранд, ки дар он афроди бо ҷинситҳо ва гурӯҳҳои синнии мутафовит муддати тӯлонӣ дар иртиботи наздик бо ҳам қарор мегиранд. Бар хилофи соири гурӯҳҳо дар ин гурӯҳ силсиламаротиб бар асоси тахассус ва лаёқат сурат намегирад, балки бар асоси ҷинсият, син ва қудрати иқтисодӣ вуҷуди алоқаҳои мутафовит сабаби ба вуҷуд омадани тазодҳои ошкор ё пинҳон мешавад. Ин тазодҳо вижагиҳо ва коркардҳои муносиби хонаводагиро аз байн мебарад ва дар натиҷа, бояд онҳоро аз сари роҳ бардошт. Рафъи тазодҳои хонаводагӣ бо истифода аз васоили қудрат дар мавридҳое аз роҳи хушунат имконпазир мегардад. Дар ин ҳолат хушунат сабаби табиӣ шудани ҷараёни зиндагии рӯзмарра мешавад, ки масъулияти занон анҷом додани вазифаҳои хонаводагӣ ва масъулияти аслии мардон барқарории иртибот бо ҷаҳони хориҷ ва нон оварӣ аст[5].

**6. Назарияи падарсолорӣ.** Дар ин назария асли муҳим дар баёни иллати хушунати хонаводагӣ ин аст, ки хонаводаи суннатӣ як фарҳанги ҳоким ба василаи мардонро мунъакис месозад ва сохтори иҷтимоии нобаробарии ҷинсиятиро таъйид мекунад. Ин нобаробарӣ реша дар таърих ва фарҳанги ҷомеаҳо дорад ва издивоҷро

ба унвони унсури аслии ҷомеаи падарсолорӣ мадди назар қарор медиҳад. Ин дидгоҳи фарҳангӣ ба мардон иҷоза медиҳад қудрат ва имтиёзи бештаре нисбат ба занон дар силсиламаротиби иҷтимоӣ дошта бошанд [6].

**Назарияи хурди фарҳанги хушунат.** Тибқи ин назария дар миёни маҷмӯае аз арзишҳо ҷиҳатгириҳои мутафовите нисбат ба хушунат вуҷуд дорад, ки дар тафовутҳои фарҳангӣ, арзишҳо, эътиқодот ва ҳинҷорҳои марбут ба вазъияти муносиб барои рафтори хушунатомез мунъакис мешавад [7].

**Назарияи манобеъ.** Ин назария яке аз аввалин назарияҳое буд, ки Вилям Гуд дар мавриди хушунати хонаводагӣ матраҳ кард. Бар пояи ин назария низоми хонавода монанди ҳар низом ё воҳиди иҷтимоии дигаре дорои низоми иқтидорӣ аст ва ҳар кас ба манобеи бештар аз дигарон дастрасӣ дорад, метавонад соири аъзоро ба фаъолият дар ҷиҳати майлҳои худ маҷбур кунад. Гуд мегӯяд, ки афроди бисёр қудратманди хонавода камтар аз дигарон ба эъмоли қудрат аз тариқи хушунати баданӣ даст мезананд, зеро манобеи зиёди дигаре доранд, ки аз тариқи онҳо қодир ба эъмоли қудратанд. Дар ин назария асл бар собит нигоҳ доштани сохтори хонавода аст, ки барои ин исбот аз манобеи гуногуне истифода мешавад [8].

**Назарияи феминизм.** Соҳибназарони ин дидгоҳ мӯътақиданд, ки далели аслии хушунат вуҷуди сохторҳои пуриқтидори падарсолорона дар ҷомеа аст. Ин сохтор дар силсиламаротиби созмонӣ, ниҳодҳои иҷтимоӣ ва робитаҳои иҷтимоъ қобили мушоҳида аст. Илова, бар ин ҷаҳонбиниҳо ва идеологияҳое, ки дар ҷомеа табдил мешавад, бар машрӯияти ин нобаробарӣ таъкид мекунад. Он чи ки муҳаққиқони дидгоҳи феминизм дар хушунат нисбат ба занон ва кӯдакон мушоҳида мекунанд, рафтори як мард нисбат ба як зан нест, балки аз диди онҳо хушунати мардон ошкорсозии низоме аз ҳокимияти куллияи мардони ҷомеа бар куллияи занон аст, ки дар шакли таърихӣ дида шудааст.

**Назарияи нақшҳо.** Ин назария ба мавқеиятҳо, вазифаҳо ва интизороти натиҷагиришуда аз он вазифаҳо таъкид дорад. Аз назари ин дидгоҳ хонавода монанди як достони намоишӣ аст, ки аъзо нақшҳои хосеро бозӣ мекунанд ва тавсеа медиҳанд. Нақше, ки афрод дар хонавода бар уҳда доранд, бо гузашти замон ва дар шароити мухталиф дигаргун мешавад. Бо таваҷҷуҳ ба ин назария ҳар гоҳ завҷайн нақшҳоеро, ки аз онҳо интизор меравад ба хубӣ анҷом надиҳанд, муҷиби дигаргунии робитаҳои онҳо мешавад ва дар натиҷа даргирӣ ва хушунат буруз мекунад.

Назарияҳои матраҳшуда дар ин замина ҳар кадом аз зовияи хосе ба падидаи хушунати хонаводагӣ пардохтаанд ва омилҳои онро мавриди таваҷҷуҳ қарор додаанд. Аммо ин падида чандбӯъдӣ ва чандваҷҳӣ аст ва наметавон бо як иллати воҳид онро тавзеҳ дод ва омилҳои мутааддиде бо дараҷаҳо ва шиддати муайяне дар он саҳиманд.

Фарҳанг ба унвони шохистарин тамоюз байни инсон ва ҳайвон ба шумор меравад ва дар тамоми иҷтимооти башарӣ вуҷуд дорад. Даруни ҳар ҷомеае фарҳангҳои хурди мушаххасе, ки ҳар кадом дорои вижагиҳои худ ҳастанд, вуҷуд дорад, ки шакли бумӣ ва маҳаллӣ доранд. Аммо дар айни ҳол бо фарҳанги куллии ҷомеа ҳамоҳангӣ доранд. Ба матолиби гуфташуда бояд изофа кард, ки мардон дар ҷомеаҳое бо фарҳанги поин иқтидори бештаре доранд ва ин робита бояд дар хонавода ҳам побарҷо бимонад. Агар дар хонавода вазъияте ба вуҷуд ояд, ки сабаб шавад рафтори зану фарзанд аз назорат хориҷ шавад ва таҳдиде барои иқтидори мард бошад, мард бояд барои ҳифзи иқтидори худ иқдом кунад. Аз он ҷо ки сохтори ҷомеа дорои хушунат аст ва арзишгузории иҷтимоӣ ва фардӣ низ онро то ҳудуде таҳаммул кардааст ва дар мавридҳое ҷоиз мешуморад, ки яке аз содатарин роҳҳо барои ҳифзи мақом ва мавқеият дар силсиламаротиби иқтидории хонавода ва эъмоли назорат бар рафторашон эъмоли хушунати хонаводагӣ аст. Аз инҳо гузашта, мардон дарёфтаанд, ки содатарин роҳи поён бахшидан ба таорузоти хонаводагӣ баҳрагирӣ аз хушунат аст.

**АДАБИЁТ**


1. Аъзозӣ Шаҳло. Занони кӯтаккӯрда / Аъзозӣ Шаҳло. -Теҳрон, 2004. -С.11-20.
2. Аъзозӣ Шаҳло. Сохтори ҷомеа ва хушунат алайҳи занон / Аъзозӣ Шаҳло. –Теҳрон: Интишороти рифоҳи иҷтимоӣ, 2002. -№14.
3. Стур Антони. Ангезаи вайронгарӣ дар инсон / Стур Антони. –Теҳрон: Интишороти ривоят, 2000. -С. 58-62.
4. Таваккулӣ Найере. Ҳуввияти ҷинсии ҳамсарон ва хушунат бар зидди занон дар хонавода / Тавакулӣ Найере. –Теҳрон: Интишороти донишгоҳи Озод, 2003. -С. 33-35.

5. Форвард Сузан. Мардони занситез / Форвард Сузан. –Теҳрон: Интишороти хуҷаста, 1999. -С.103-105.
6. Ҳобермос Юрген. Куниши иртиботии хушунат / Ҳобермос Юрген. –Теҳрон: Интишороти Киён, 1998. -С.15-17.
7. Раиси Амруллоҳ. Омилҳои муассир дар хушунат алайҳи занон. Интишороти пажӯҳиши занон / Раиси Амруллоҳ, 2004. -С.77-78.
8. Аъзози Шаҳло. Сохтори ҷомеа / Аъзози Шаҳло. –Теҳрон: Интишороти рифоҳи иҷтимоӣ, 2003. -С.94.

**ИЗЛОЖЕНИЕ ВОЗЗРЕНИЙ ПРОСВЕТИТЕЛЕЙ О СЕМЕЙНОМ НАСИЛИИ**

Семейное насилие возможно в любой домашней среде, носит глобальный характер и является особой социальной проблемой. В мировой социологии проблема насилия в семье начала исследоваться во второй половине двадцатого века и как негативное явление национального масштаба, требует адекватных научно-теоретических и практических подходов к его анализу и предотвращению. В данной статье рассмотрены различные мнения о семейном насилии и предложены пути его предотвращения.

**Ключевые слова:** семейное насилие, природа отношений, особая социальная проблема, пути предотвращения семейного насилия, социальная проблема.

**SUMMARY OF THE VIEWS OF THE ENLIGHTENMENT ON FAMILY VIOLENCE**

Family violence is possible in any home environment is a global problem and it is a special social problem. In the world of sociology of the problem of violence in the family is beginning to be researched in the second half of the twentieth century and as a negative phenomenon on a national scale, requires adequate scientific-theoretical and practical approaches to its analysis and prevention. This article describes the different views on family violence and the ways of its prevention.

**Key words:** domestic violence, the nature of relations, a social problem, ways of preventing domestic violence is a social problem.

**Сведения об авторе:** ***Вохид Ризои*** – соискатель Института философии, политологии и права АН РТ. Е-

# ҲАСТИШИНОСӢ ВА МАЪРИФАТШИНОСӢ АЗ НАЗАРИ ДОНИШМАНДОНИ ЮНОНИ БОСТОН

***Ҳусайни Наттоқи Наҷафӣ***
**Пажӯҳишгоҳи фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АИ ҶТ**

Одамӣ дар оғози тафаккури фалсафии хеш дар пайи кашфи воқеиятҳои ҳастӣ ва баргирифтани ҳиҷоб аз ҳақиқати ашё будааст, то аз гавҳари онҳо маърифат ёбад ва аз иллатулилали мавод огоҳ гардад. Дар ин масир ҳар рӯз унсуре аз аносур ба унвони модатулмавод муаррифӣ мешуд. Аммо пас аз равшан шудани зарурати фалсафа барои ҳастишиносӣ пурсишҳои одамӣ тағйир кард ва ҷиҳати дигаре ба худ гирифт. Қабл аз баёни маонии маърифатшиносӣ ҳар гурӯҳе бояд назари куллии онҳо дар боби имкони маърифат ё адами дастрасӣ ба он равшан кунад ва сипас дар боби абзори маърифат ва ҳудуди он баҳс гардад. Мо дар ин мақола назари фалсафаи Юнони бостонро баён мекунем.

**Асли нахустин ва ҷаҳоншиносӣ аз назари Толс.** Он чи беш аз ҳар чиз Толсро ба унвони нахустин файласуф муаррифӣ мекунад, назария вай дар бораи шинохти сарчашмаи ҳастӣ ва асли нахустин аст. Манбаи иттилои мо дар бораи назарияи ҷаҳоншиносии Толс Арастуст. Вай менависад бештари касоне, ки нахустин бор ба фалсафа пардохтаанд, муътақид буданд, ки танҳо aслҳои нахустини (arxe) моддӣ барои ашё вуҷуд дорад, ки ҳамаи чизҳо аз он падид меоянд ва аз он ташкил шудаанд ва дар он низ бори дигар аз миён меравaнд. Толс, ки бунёнгузори ин гуна фалсафа аст, асли нахустини оламро об медонад. Ҳамчунин ақида дорад, ки замин бар об қарор гирифтааст. Арасту дар бораи ин назария мегӯяд, ки Толс муътақид будааст, ки замин монанди танаи дарахти буридашуда ё чизи дигаре монанди он бар об шиновар аст. Толс муътақид ба вуҷуди нерӯҳои нодиданӣ дар ҳамаи ашё будааст. Барои Толс ин нерӯҳои нуҳуфта дар чизҳо низ муҳаррики дарунии онҳост ва ашё чунонанд, ки гӯйи рӯҳ доранд, пур аз худоёнананд, аммо ин тафсир ба он чи ки мо аз шеваи андеша ва кори Толс медонем, ҳамоҳанг нест.

**Ҳастишиносӣ аз назари Полменидз.** Полменидз аввалин файласуфе буд, ки бар ақл ба унвони мадраки ҳақиқат таъкид дошт. Полменидз ҳавосро фиребанда медонист ва ҳамаи ашёи маҳсусро ба ин далел, ки ваҳм ва фиребе беш нестанд, маҳкум мекард ва изҳор медошт, ки ягона ҳақиқати зот аҳадият аст, ки номутаноҳ ва номаръист. Роҳе, ки эшон ба он муътақид аст, роҳест, ки аробаи файласуф ба он равон аст, роҳест ба сӯйи ҳақиқат, ба сӯйи ҷойгоҳи илоҳие, ки ҳамвора мардони доно

ва фарзонаро ба сӯйи андешаи дуруст раҳнамун мекунад. Ин роҳ як меъроҷи ақлист, ки ба сӯйи ҳақиқат меравад, ки басо дур аз роҳи одамиён аст ва роҳест, ки одамиён ҳаргиз дар он қадам наниҳодаанд.

Нахустин кӯшиши Полменидз ин буд, ки асли ҳастиро, ки ҳастаи асосии фалсафаи ӯст, ба субот расонад ва ҳамаи эҳтимолҳои дигарро дар бораи тасаввури нестӣ ё омехта аз ҳастӣ ё нестӣ нафъ кунад. Пас, танҳо як роҳ боқӣ мемонад, ки метавон аз он сухан гуфт ва он ин аст ки, ҳаст, асли ҳастӣ.

**Ҳастишиносӣ аз назари Онокасеменс.** Онокасеменс ҳаворо моддаи нахустин ва бунёдини ҳастӣ медонист ва бар ин бовар буд, ки ҳар чиз гунаи хос ё таркиби хос аз ҳаво аст. Ӯ муътақид буд, ки рӯҳ ва ҷисм низ ҳарду ҳаво ҳастанд, аввалин бениҳоят рақиқу шаффоф, дуюмин бениҳоят мутароким ва фишурда. Ӯ оташро низ гунаи ҳавои рақиқшуда мепиндошт ва мегуфт, ҳаво чун мутаротим гардад, нахуст ба об табдил мешавад. Пас дар асари тарокум бештар ба хок ва санг табдил мегардад. Вай мегӯяд, ки ҳавои номаҳдуд асли нахустин агхе аст, ки аз он чизҳое падид оянд ва онҳо ҳастанд ва хоҳанд буд ва чизҳои худоӣ ва Худоён ҳама ба вуҷуд меоянд ва бақияи чизҳо аз зоидаҳои онҳо ва шакли ҳаво чунин аст. Чун дар мутаодилтарин ҳол бошад, аз чашм пинҳон аст, аммо ба василаи сармо, гармо, намнокӣ ва ҳаракат ошкор мешавад. Ҳамеша дар ҳаракат аст, зеро чизҳои дигаргуншаванда ҳаргиз бидуни ҳаракат дигаргун намешаванд. Ҳаво дар асари ғализтар шудан ё рақиқтар шудан дар шаклҳои гуногун ошкор мешавад. Зеро ҳар гоҳ ки пароканда ва рақиқтар аст, оташ мешавад. Бодҳо низ ҳавои ғализшуда аст, абр ҳам аз ҳаво ба василаи намадӣ шудани он сохта мешавад ва ин чун боз ҳам ғализтар шавад, об падид меояд. Чун ғализ шуданаш бештар шавад, хок ва дар натиҷа ҳадди аксари ғилзат сангҳо ба вуҷуд меоянд ва дар натиҷа қатъитарин иллатҳо пайдоиши эзадонанд, ки сармо ва гармо бошанд. Кӯшиши Онокасименс ин буд, ки асли моддӣ барои чизҳо ҷустуҷӯ кунад ва аз миёни унсурҳои моддӣ ҳаворо ба унвони агхе ё асли нахустини ҳастӣ бармегузинад ва ҳама чиз ҳатто худоён ва малакутиён низ зоидаҳои гуногуни он ба шумор меравнд. Пас ҳама чиз аз ҳаво падид омадааст. Эшон дар кӯшиши асосӣ ва асили худ барои шинохт ҳеҷ гуна ангезаи ғайритабииро пояи кори худ қарор намедиҳад, балки бо далерӣ мегӯяд, ки натанҳо Худоён офаринанда ва созандаи асли нахусти ҳастӣ нестанд, балки худ зодаи онанд, яъне онҳо ҳам аз ҳавои номаҳдуд ва ҷовидоне, ки ҳама чизро дар бар гирифтааст, падид омадаанд.

**Ҳастишиносӣ аз назари Зенун.** Ба ақидаи Зенун ғоятмандӣ ва зебоии ҷаҳон шигифтовар ва пурҳайбат аст. Зенун бовари амиқ доштааст, ки назми пуршукӯҳи ҷаҳон наметавонад тасодуфӣ бошад, балки ин назм маҳсули нақшаи пурмаъноӣ Лугус аст ва ҳам маънои бо Худо. Зевс нерӯи аввалия, оташи оғозин, қонуни ҷаҳон, машияти худоӣ ва сарнавишт аст.

**Ҳастишиносӣ аз назари Мелисус.** Нахустин хусусиёт барои ӯ ин аст, ки муътақид ба ҳастии азалӣ ва абадист. Он чи буд ва ҳамеша ҳаст ва ҳамеша хоҳад буд, зеро на падид омадааст ва на аз миён меравад ва чизе ки на падид омадааст ва на аз миён меравад, бояд бе оғоз ва бе анҷом бошад ва ин ҳастии беоғоз ва беанҷом бояд номаҳдуд низ бошад. Бинобар ин, наметавонад дар ҷое поён ёбад, ки дар он ҷо дигар ҳастандае нест ва маъмулан мо онро фазои тиҳӣ ё халаъ меномем. Аз сӯйи дигар, ҷое ки ҳастандае нест, ҳеҷ аст ва ҳеҷ наметавонад ҳаст бошад, пас халаъ вуҷуд надорад. Пас чун халаъ вуҷуд надорад ҳаракат низ дар ҳастӣ наметавонад бошад, зеро ҳаракат, яъне интиқол ва интиқол бояд дар фазои камӣ аз ҷисм ё ҳастанда анҷом гирад. Бинобар ин, ҳастӣ як пурист, зеро ҷойи тиҳӣ надорад, ки чизи дигар дар он бипазирад ва чун пур аст, ҳаракат низ имкон надорад.

**Ҳастишиносӣ аз назари Импедокулес.** Импедокулес мегӯяд, ки он чи мо дар бораи ҳастӣ ва ҷаҳони перомун медонем, чизҳоест, ки ба он бовар дорем. Шинохт ё маърифати мо чизе нест ҷузъ андаке аз ҳақиқат дар роҳи зиндагии кӯтоҳи худ ба он бармехӯрем. Аммо фиреб ин ҷост, ки ҳар як ба ин андак мояи худ аз доноӣ чунон менозем, ки мепиндорем тамоми ҳақиқатро дарёфтаем. Дар ҳоле ки орзумандем ҳамаро дарёбем, дарҳое, ки барои мо бар рӯйи ҷаҳон боз аст чашмҳо, гӯшҳо, забон ва ҳавос дигаранд ва низ он чизе ки ҳуш ё хирад номида мешавад, аммо набояд аҳамият дошта, ки ҳама яъне ҳақиқати ҳастӣ ё ҳама чеҳраҳои бешумор ва гуногуни ҳастиро наметавон аз он роҳҳо якбора дарёфт. Ҳуш ва дарёфти мо наметавонанд беш аз андоза барангехта шаванд, аммо аз сӯйи дигар, ҷуз ин роҳҳо ва дарҳо василае барои дарёфти ҷаҳони перомунӣ ва ҳастӣ ба мо дода нашудааст. Эшон барои ин ки ҳаракат дар ҳастӣ устувор шавад ва дигаргунӣ дар падидаҳо тавзеҳи ақлӣ ёбад, ду нерӯи ҷовидро ба миён меоварад, ки метавон онҳоро ду номуси дигаргуннопазир ва зоти

ҳастӣ шумурд ва ҳастӣ кашокаши ҷовидон миёни ду нерӯи ишқ ва офанд (Худованд) аст ва натиҷаи ниҳоии он чунин мешавад, ки ҳамвора ҳастӣ яктоии ваҳдат дар чандин касрат аст ва низ чандине дар яктоӣ ё касрат дар ваҳдат аст.[1]

**Дидгоҳи маърифатшиносии Георгиос.** Георгиос дуюмин чеҳраи шохиси суфистоиён пас аз Протогурос аст. Шуҳуди ӯ шаккокии мутлақ буд ва ҳеҷ гуна воқеият ва шинохтеро қабул надошт [2].

Аз Георгиос як ҷумлаи себандӣ нақд шудааст, ки банди нахусти он инкори воқеият ва вуҷуд, банди дуюми он инкори шинохт ва банди сеюмаш инкори тавоноии забон дар интиқоли мафҳумҳо ва маъниҳост. Ӯ гуфтааст: Ҳеҷ чиз вуҷуд надорад ва агар чизе ҳам вуҷуд дошта бошад, мумкини нест шинохта шавад ва агар шинохта ҳам бошад, наметавон ин шиносоиро ба дигарон мунтақил кард [3].

**Дидгоҳи Копелистон дар бораи маърифатшиносии** Георгиос. Копелистон пас аз нақли сухани машҳури Георгиос ва иллати ӯ мабнӣ бар ин ки ҳадафи воқеиаш чӣ буд, бо ҳолати тардид рад мешавад ва мегӯяд, дар ҳоле ки Протогрос муътақид буд, ки ҳар чизе дуруст ва ҳақиқист. Георгиос зидди онро муътақид аст ва аз назари вай ҳеҷ чиз ҳақиқат нест ва ҳар ақидае нодуруст аст. Дар ниҳоят пас аз баёни эҳтимолоти мутахолиф дар бораи дидгоҳи маърифатшиносии Георгиос Копелистон муътақид буд, суфистоиёни бузурге монанди Протогурос ва Георгиосро наметавон ба қасди барандозии дин ва ахлоқ муттаҳам кард, балки танҳо ба инкори хасисаи мутлақ ва айнии ҳақиқат тамоюл доштаанд, ки натиҷаи он ин аст, ки суфистоӣ ба ҷойи талош барои қонеъ кардани касе мекӯшад ӯро муҷоб кунад. Албатта маънои ин сухани Копелистон чизе ҷуз инкори нисбии онҳо дар ҳавзаи ахлоқ ва маърифат нест.

**Пикурён ва қадосатзудоӣ аз маърифат.** Мактаби Эпикорӣ қадосатзудоӣ аз маърифатро муҷиб шудааст. Маърифат табиатан дорои қидосат аст, зеро бо ҳаққи аслӣ ва аввалӣ, яъне бо сарчашмаи ҳар амри қудсӣ робитаи амиқе дорад. Ин ки инсони имрӯза аз эҳсоси ҳайрат бебаҳра аст ва ин ки дар дунёи мутаҷадид қувваи оқила фақат ба маънои зиракӣ ва зарангии он ба кор рафта ва ҳикмати завқӣ бисёр камранг гаштааст ва ақли истидлолӣ ба маънои зоҳирӣ ва ибтидоиаш таназул ёфтааст, гувоҳ ин аст, ки маърифат аз ҷойгоҳи болои худ то ҳадди зиёде ба зер кашида шудааст. Дар натиҷа Эпикор маърифатро ҳосилшуданӣ медонад, зеро аз як сӯ ба ҷаҳони хориҷ тамоюл дорад ва аз сӯйи дигар, ҳавосро роҳи вусул ба воқеияти хориҷӣ медонад ва бар он таъкид мекунад. Дар айни ҳол Эпикор эътиқод ба умури номаръиро низ инкор намекунад. Дар назари вай бо кӯмаки ҳавос метавон ақидаеро муваҷҷаҳ сохт ва ҳатто довариҳои ақл хам мубтании ҳавос аст. Яъне бо мизон метавон масоили мухталифро санҷид. Агар бо ҳавос таъйид шуданд, муваҷҷаҳанд ва дар ғайри ин сурат ғайримуваҷҷаҳанд.

**Маърифатшиносӣ аз манзари Равоқиён.** Равоқиён ба ин қоиланд, ки вусул ба маърифат амри мумкин ва муяссар аст ва эҳсосро низ ба унвони абзори ҳусулшиносӣ ва расидан ба ин ҳақиқат муаррифӣ кардаанд. Аз назари мантиқӣ Равоқиён аз касонеанд, ки ба қувваҳои рӯҳии башар бисёр эътиқод доранд ва муътақиданд, ки мо метавонем ҳақиқатро дарёбем ва метавонем бидонем дар баъзе мавридҳо бад аз он пай мебарем.[4] Сухане аз Августин дар ин маврид: мо дар зиндагӣ фақат ба дунболи саодат ҳастем, вале саодат бидуни маърифат имконпазир нест. Аз ин рӯ, ба назари ман зиёнате, ки шаккокон ба башар кардаанд, ин набуд, ки инсонро аз як силсилаи ғоёт маҳрум карда бошанд, балки башарро аз саодатманд шудан ноумед карданд ва гуфтаанд, маърифат қобили ҳусул нест ва чун маърифат муқаддимае бар саодат буд, пас зилмуқаддима ҳам қобили ҳусул нест» [5].

**Ғояти маърифат.** Улум бар асоси ғояти онҳо ба ду даста - назарӣ ва амалӣ тақсим мешавад. Ҳадаф дар улуми назарӣ касби маърифат аст, ба ҷиҳати худаш, аммо дар улуми амалӣ касби маърифат аст барои амал. Бар хилофи Арасту Афлотун аҳамияти зиёде барои улуми назарӣ қоил буданд. Дар байни Равоқиён ба сабаби ҳамон шароити замонӣ ва маконӣ ҷойгоҳи улуми назарӣ аз даст рафт, ҷойи худро ба улуми амалӣ дод. Ғояти маърифат дар назди Равоқиён касби фазилат ва амал ба он буд, на таҳқиқоти назарӣ дар бораи моҳияти фазилат. Равоқиён тамоми маърифатро барои идроки ҳиссӣ бунёд ниҳодаанд ва мегӯянд, ки маърифат фақат ба эҳсоси моддӣ таалluқ дорад. Онҳо монанди итмистҳо ин боварро доштанд, ки ашёҳо бар рӯҳ таъсир мегузоранд. Бо ин истидлол, ки маърифат аз ҳавос ношӣ мешавад ва он чи шинохта мешавад моддист [6]. Ба ҳар ҳол, бо таваҷҷуҳ ба ин нигариши комилан моддӣ, ки эҳсос ба унвони асоситарин манбаи маърифатӣ барои Равоқиён ба шумор меравад, тамоми маърифатро барои идроки ҳиссӣ бунёд ниҳода, таърифи комилан

ҳисгароёна аз идрок баён кардаанд. Онҳо муътақид буданд, ки фиребандагии ҳавос ба худи онҳо марбут нест, балки ба ҳукми нодурусти ҳавос бармегардад.

**Маротиби маърифат.** Бад-ин сурат, ки маърифат аз сурати хаёлӣ ё тасаввур оғоз мешавад ва дар сурати хаёлӣ иртисоми ашёи воқеӣ дар нафс аст, ки дар асари бархӯрд ва феълу инфиоли ашёи моддӣ ва нафс ҳосил мешавад ва ин ба масобеҳи нахустин ҳукм дар бораи ашёест, ки ба нафс арза мешавад ва ҳамон гуна ки аз мисол машҳуд аст, дар ин марҳила чизе ахз намешавад. Дар марҳилаи баъд нафси мо тайи як фароянд комилан иродӣ ба расидан дар бораи ин сурати хаёлӣ мепардозад, яъне нафс ба таври иродӣ ба қабул ё ради он мепардорзад. Ин марҳила марҳилаи дуюми маърифат аст, ки нишонаи онро ба мушти баста, аммо начандон маҳкам ташбеҳ мекунад ва мақсудаш тасдиқест, ки дар нафс барои посухгӯйи ба таъсири хориҷӣ падид меояд ва ба ирода тааллуқ дорад. Марҳилаи нишона мансуби муқаддимаест, ки нафсро барои идрок омода месозад. Нишона аз ду ҳол хориҷ нест, агар нодуруст анҷом гирад, нафс дар хатост ва мафҳуми ғалат дорад ва агар дуруст анҷом гирад фаҳм бо идрок нисбат ба ашё, ки мутааллиқи тасаввур аст, ҳосил ояд. Ин марҳила марҳилаи сеюми маърифат аст, ки мафҳуми онро ба мушти тавонбаста ташбеҳ мекунад. Ин марҳила ҳамон мафҳуми меҳварии маърифатшиносии равоқист, ки аз он ба тасаввури муҳит ё шуҳуд ё тасаввури мафҳумӣ ном бурда мешавад. Охирин ва чаҳорумин марҳилаи маърифат илм аст, ки хоси ҳаким аст ва мафҳуми онро ба мушти баста дар даруни дасти дигар ташбеҳ мекунад. Дар ин марҳила ашё мавриди маърифат ахз мешавад.

**Сӯфизм ва суфистоиён.** Вожаи суфист аз вожаҳое бо таърихи пасту баланд аст, аммо ин унвон ба таври хос бар гурӯҳе аз муаллимони ҳирфаӣ дар асри V қабл аз милод итлоқ мешаад. Дар ин давра, ки ҳанӯз қарни нависандагӣ сирф набуд ва юнониён қисмати умдаи фикри рӯҳии худро аз роҳи гӯш мегирифтанд, мардоне дар баробари ҷамъият ҳозир мешуданд, ки суханони пуробутоб ва гоҳ ваҳшатангезеро, ки пардохта буданд, ба гӯши ҳозирон мерасонданд. Ин мардон, ки худро суфизм, яъне устоди ҳикмат меномиданд.

**Маърифатшиносӣ аз дидгоҳи суфистоиён.** Дидгоҳҳои гуногун дар бораи тағйири асли ниҳоии ашё ва ҷаҳон, дидгоҳи сардаргумӣ ва беэътиборӣ дар фалсафаро боис шуда буд ва солиёни мутамодӣ файласуфон дидгоҳҳои якдигарро раду накс мекарданд, бидуни ин ки сухани қотее дар исботи дидгоҳи худ ва ибтоли муддаиёни дигар иқома кунанд. Агарчи Геракли, Тус ва Пормедис дар тағйир ва суботи илм ихтилоф доштанд, бо иттифоқи ҳам посух дода будаанд, ки маърифати ақлӣ бар хилофи маърифати ҳиссӣ мумкин аст, балки танҳо роҳи маърифат аст. Лекин посухи суфистоиён аз навъи дигар буд, онон бар хилофи файласуфони Юнони бостон дар посух ба ин шакку шубҳа, ки оё аслан шинохт имкон дорад ё не, ба гунае сухан гуфта буданд, ки гӯё маърифат ва шинохт имкон надорад ва ё амри нисбист. Агарчи ин суханон Суқрот ва Афлотунро барошуфт, набудани ин посух ва ин барошуфтагӣ шояд ҳанӯз бисёре аз дидгоҳҳои муҳим дар фалсафа, бахусус дар маърифатшиносӣ по ба арсаи вуҷуд наниҳода буд ва ҳанӯз назари шак Кант яқинеро аз хоби хуш азми бедор накарда.

**Дидгоҳи суфистоиён дар боби ҳастишиносӣ.** Суфистиён дар боби ҳастишиносӣ дидгоҳеро ғайр аз шаккокият ва шубҳа дар пеш гирифта буданд. Онон воқеият ва вуҷуди ҷаҳони хориҷ аз зеҳнро на танҳо дар амал, балки дар назар низ пазируфта буданд ва ҳамон тавр ки дар баррасии орои онон меояд, суханоне ки дар боби инкори воқеият аз онҳо нақлшуда нозир ба маърифат аст, на ҳастии ҷаҳон ва ҳатто сухани Георгиос дар ин ки воқеияте вуҷуд надорад, метавон бар маънои муносибе ғайр аз инкори воқеияти хориҷӣ ҳамл кард.

**Шакгироӣ.** Гарчи бо талошҳои Суқрот, Афлотун ва Арасту суфистҳо ва мункирони маърифат мағлуб ва мунзавӣ шудаанд, пас аз Арасту гурӯҳи дигаре шаккокиятро поягузорӣ карданд. Онҳо ба эътиқоди худ на пайрави суфистҳо ва мункирони илм буданд, на нигариши Суқрот ва пайравони онро пазируфтанд, ки қоил буданд метавон ба маърифати ҳақоиқ даст ёфт. Балки муътақид буданд, ки инсон роҳе барои шинохти ҳақиқат надоранд ва аз ин рӯ, бояд бар ҳамаи умур таваққуф намоянд. Бунёнгузори ин мактаб Пран (соли 270 то 360 ҳ.қ.) қоил буд, ки фақат медонем, ки ашё чӣ гуна ба назари мо меоянд. Ашёи воҳид барои мардуми мухталиф мутафовит ба назар меояд ва мо наметавонем бидонем, ки кадом ҳақ ва дуруст аст. Бинобар ин, мо наметавонем дар бораи чизе мутмаин бошем.

**Баррасии иддаои шакгароён.** Мо борҳо ба василаи ҳавоси худ ба умуре илм пайдо кардаем, вале пас аз муддате ба хатои ҳавоси худ пай бурдаем. Барои мисол

биноии мо ҷоддаро аз дур борик менамоёнад, вале вақте наздик мешавем нодурустии ин пиндорро дармеёбем. Шикаста дидани қошуқи солим дар стакани об, мушоҳидаи сароб бахше аз хатоҳои ҳавоси панҷгонаи инсон аст. Аз сӯйи дигар, дар бисёр мавридҳо меандешем ва ба амре муътақид мешавем, вале пас аз муддате ба хатоии худ пай мебарем. Ибтоли орои донишмандони пешин ва ироаи назарҳои ҷадид ва низ ихтилофи донишмандони як аср дар як масъала ба падид омадани назарияҳои мутаззод ва мутаноқис нишондиҳандаи ғайриқобили эътимод будани ин андеша аст. Бинобар ин, на ҳис қобили эътимод аст ва на ақл. Чӣ гуна метавон мутмаин шуд, ки он чи имрӯз ба он яқин дорем, баъдҳо дар гирдоби тардид фурӯ намеравад ва нодурустиаш ошкор намегардад. Ин эҳтимол сабаб мешавад, ки натавонем ба донистаҳои худ эътимод кунем ва онҳоро дуруст бишуморем пас ба ҳеҷ чиз наметавон яқин кард.

**Маротиби шаккокият**

а) Шаккокияти вуҷуди шинохтӣ. Ин шаккокият ду навъ аст: 1) шаккокият дар мутлақи вуҷуд аам аз зеҳн ва айн; 2) шаккокият дар вуҷуди ҷаҳони хориҷ аз зеҳн.

Ба танҳо зеҳн вуҷуд дорад ва ҷаҳони хориҷ аз зеҳн воқеият надорад, балки сирфан инфиолот ва падидорҳое дар зеҳн аст. «Назари Олис Му Феноменолизм».

б) Шаккокияти маърифатшинохтӣ: 1. Маърифат мутлақан имкон надорад ва ҳар гуна маърифат ва аз ҳар тариқе ғайримумкин аст. 2. Маърифат мумкин аст, аммо амри нисбист. Як матлаб мумкин аст нисбат ба шахс ҳам содиқ ва нисбат ба дигаре дурӯғ бошад. Ҳатто воқеият низ нисбат ба шахси воҳид дар шароити мухталиф чунин аст. 3. Маърифати ҳиссӣ ғайримумкин ва қувваҳои идроки ҳиссӣ ғайриқобили эътимод аст, аммо маърифати ақлӣ мумкин ва балки танҳо роҳи маърифат аст. 4. Дар боби маърифат ҳеҷ як ҳиссу ақл қобили эътимод нест ва сирфан роҳи маърифат шуҳуд аст. Пас маърифат мумкин аст, лекин аз тариқи шуҳуд на ҳиссу ақл.

**Суфистҳо ё мункирони маърифат.** Дар қарни V қабл аз милод дар миёни донишмандони Юнони қабл аз Суқрот мавҷе бархост, ки маъмулан онро суфистоигароӣ номиданд. Ин гурӯҳ талош мекарданд, ки барои ҳар иддаое аам аз ҳаққу ботил далел биоваранд, гоҳе барои ду тарафи даъво истидлол мекарданд. Кам-кам кор ба ин ҷо расид, ки муътақид шуданд ҳаққу ботиле вуҷуд надорад. Ҳақ он чизест, ки инсон онро ҳақ бидонад ва ботил он чизест, ки инсон онро ботил пиндорад. Бад-ин тартиб, ба назари онон ҳақиқат тобеи идроки инсон аст. Яке аз суфистҳои маъруф бо номи Протогрос (410-485 қабл аз милод) изҳор кард, ки инсон миқёси ҳама чизҳост, миқёси ҳастии чизҳое, ки ҳаст ва миқёси ҳастии чизҳое ки нест [7].

Саранҷом ифротитарин суфистҳо Георгиос муддаӣ шуд, ки ҳеҷ чизе мавҷуд нест ва агар чизе вуҷуд дошт, қобили шинохтан набуд ва агар қобили шинохтан буд, қобили шиносондан ба дигарон набуд. Онҳо муддаӣ шуданд, ки маърифати яқине мутлақан барои инсон имкон надорад.

**Шаккокияти маърифатшиносӣ.** 1. Маърифат мутлақан имкон надорад ва ҳар гуна маърифат ва аз ҳар тариқе ғайримумкин аст. 2. Маърифат мумкин аст, аммо амри нисбист. Як матлаб мумкин аст, нисбат ба шахси ҳаққу содиқ ва нисбат ба дигаре дурӯғ бошад. Ҳатто воқеият низ нисбат ба шахси воҳид дар шароити мухталиф чунин аст. 3. Маърифати ҳиссӣ ғайримумкин ва қувваҳои идроки ҳиссӣ ғайриқобили эътимод аст. Аммо маърифати ақлӣ мумкин ва танҳо роҳи маърифат аст. 4. Дар боби маърифат ҳиссу ақли ҳеҷ кас қобили эътимод нест ва сирфан роҳи маърифат шуҳуд аст. Пас маърифат мумкин аст, лекин аз тариқи шуҳуд, на ҳиссу ақл.

**Шаккокияти забоншиносӣ.** Он чи шинохта бошад, шиносонданӣ ва интиқолпазир ба дигарон нест. Дар таърихи фалсафа касе ёфт нашуда, ки ба шаккокияти вуҷуди шинохтии навъи аввал қоил бошад ва мутлақи ҳастиро инкор кунад. Агарчи гоҳе шаккокият то мартабаи суол аз вуҷуди зеҳн пеш рафта ва худи вуҷуди фикр андеша ва зеҳн ҳамчун деворе буда, ки андешаи ҳар шакоке бо бархӯрд бо он чорае ҷуз эътироф ба он надоштааст. Нахуст дар назари бархе танҳо зинае мавриди эътимод дар ҳастӣ ва маърифат талаққӣ гардида.

**Натиҷагирӣ**. Равоқиён дар маърифатшиносӣ аз азҳоби ҷазб ва таъйин ба шумор мераванд. Яъне муътақиданд, ки маърифат барои одамӣ мумкин ва дастёфтанӣ аст, вале абзори он танҳо ҳис аст. Онон чун ба улуми илмӣ аҳамият медоданд, ғояи маърифатро амал донистанд. Маърифат чаҳор марҳила дорад:

1. Маърифати сурати хаёлӣ ва ҳис.
2. Марҳалаи тасдиқ, қабул ё ради сурати хаёлӣ аз васвасаи нафс.
3. Марҳалаи баррасии хато ва савоби он.

4. Марҳалаи илм, мурод аз илм, ҷамъоварии идрокҳои ҳиссӣ ва ҷузъӣ ва ба ришта кашидани он дар як маҷмӯаи муносиб аст ва ин кори ақл аст ва ихтисос ба ҳаким дорад.

Мелоки сидқу дурӯғи як маърифат мутобиқати мазмуни он бо мавзӯи хориҷ ва низ қаноати нафс ба он аст. Равоқиён дар бораи кулл бар асоси мабнои моддигарӣ вуҷуди куллиётро ба тамоми маъно инкор мекарданд ва онҳоро танҳо алфоз медонистанд, вале дар айни ҳол, ба як навъ кулл, ки танҳо дар зеҳн вуҷуд дорад, муътақид буданд ва ин тановузест, ки дар каломи онҳо ба чашм мехӯрад.

Кунҷковӣ ва ҳақиқатхоҳии фитрии инсон, фаъолиятҳои ақлонӣ ва ҷавлонҳои фикрии ӯ аз як сӯ ва эҳтимоли хато ва гумроҳӣ аз сӯйи дигар, дар натиҷа даргириҳои рӯҳӣ ва набудани итминон ва осоиши хотир аз сӯйи дигар, ҳар инсони андешаманд ва масъулро бар он медорад, ки дар миёни маъракаи соҳибназарон ба мутолиа ва баррасии амиқ ва густарда дар заминаи шинохт ва маърифат даст бизанад.

**А Д А Б И Ё Т**


1. Шарофуддини Хуросонӣ. Нахустин файласуфони Эрон / Шарофуддини Хуросонӣ. –Теҳрон: Интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1382. Ч. 3.
2. Фридрих Кобелсон. Таърихи фалсафаи Юнону Рум / Фридрих Кобелсон; тарҷумаи Саидҷалолуддини Муштабавӣ. -Теҳрон, 1367. -С.112.
3. Ҳамон ҷо. -С.123.
4. Андрей Карсон. Фалсафаи бузург / Андрей Карсон; тарҷумаи Козими Имодӣ, 1363. -С.407.
5. Мустафо Маликиён. Дарси шинохтшиносӣ / Мустафо Маликиён. –Теҳрон: Маркази омӯзиш ва пажӯҳиш. -С.316.
6. Чанд тан аз асотити қабл. Фалсафа ё пажӯҳиши ҳақиқат; тарҷумаи Саидҷалолудини Муштабоқӣ. -Теҳрон. -С.124.
7. Копелистон. Таърихи фалсафа / Копелистон; тарҷумаи Ҷалолуддини Муштабавӣ. –Теҳрон: Суруш.1370.


**БЫТИЕ И СОЗНАНИЕ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ ФИЛОСОФОВ ДРЕВНЕЙ ГРЕЦИИ**


Проблема трактовки бытия и соотношения его с сознанием стоит в центре философского мировоззрения. В данной статье автор изучает понятия бытия и сознания с точки зрения философов Древней Греции.



**Ключевые слова:** бытие, сознание, осмысление бытия, становление сознания, соотношение бытия и сознания, философия Древней Греции, Сократ, Платон, Аристотель.


**BEING AND CONSCIOUSNESS FROM THE POINT OF VIEW OF THE ANCIENT GREEK PHILOSOPHERS**


The problem of interpretation of Genesis, and the ratio of it with the consciousness stands in the center of philosophical Outlook. In this article the author examines the concept of being and consciousness from the point of view of the Ancient Greek philosophers.



**Key words:** Genesis, consciousness, comprehension of being, the formation of consciousness, the ratio of life and consciousness, the philosophy of Ancient Greece, Socrates, Plato, Aristotle.



**Сведения об авторе:** ***Хусайн Наттоки Наджафи*** – соискатель Института философии, политологии и права АН РТ


## АСОСҲОИ НАЗАРИИ ҲУВВИЯТИ ИҶТИМОӢ ВА ИНКИШОФИ ТАЪРИХИИ ОН


***Маликшоҳӣ Молик***

**Пажӯҳишгоҳи фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АИ ҶТ**


Ҳуввият сарчашмаи маъно ва таҷриба барои мардум аст, ки дар муносибатҳо ва эҳсосоти фард ошкор мешавад, вале заминаи ташаккул ёфтани он зиндагии ҷамъӣ мебошад. Ҳуввияти ҷамъӣ нишондиҳандаи дилбастагии фард ба як гурӯҳ аст ва ба шабоҳати фард ба гурӯҳ далолат мекунад. Бинобар ин, ҳуввияти ҷамъиро метавон ҳамчун рӯҳ ва асоси ҷомеа фаҳмид, чаро ки бидуни ҳуввияти ҷамъӣ ҳеҷ гуна ҷамъият ва замина барои ташаккул ёфтани иртиботи инсонҳо дар ҷомеа вуҷуд дошта наметавонад.

Бархе аз ҷомеашиносони классикӣ бар ҷанбаи таърихӣ бидуни ҳуввият ва таҳаввули ҷомеаҳо аз анъанавӣ ба саноатӣ таъкид кардаанд. Онҳо худшиносиро раванде медонанд, ки мудом дар ҳоли тағйирёбӣ ва рушд аст, ки ин амр реша дар

фарҳанги миллатҳо дорад. Аз ин рӯ, бо як нигоҳи илмӣ ба мафҳуми ҳуввият ва ҳуввияти ҷамъӣ ба баррасии тарзи ҳуввиятёбӣ ва иртиботи ҳуввиятҳои ҷамъиро дар шароит ва муносибатҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мавриди мутолиа ва баррасӣ қарор медиҳем.

Ҳангоме фард ё гурӯҳе рӯ ба рӯйи ин савол қарор мегирад, ки “ман чӣ касон ё мо кӣ ҳастем ва чӣ гуна аз дигарон фарқ мекунем”? беихтиёр мавзӯи ҳуввият ба миён меояд. Ҳангоми муроҷиат кардан ба луғати Оксфорд дармеёбем, ки вожаи “ҳуввият” дар забони англисӣ “Identitas” реша дорад (аз “Idem”, яъне мушобеҳ ва яксон гирифта шудааст) ва бар ду маънои аслӣ далолат мекунад. Маънои аввалини он баёнгари мафҳуми шабеҳ будани мутлақ аст ва дувумин маънои он маънои тафовутро дорад. “Ҳуввият доштан”, ягона буданро ифода мекунад, вале аз ду ҷанбаи фарққунанда иборат аст: а) ҳаммонанди дигарон будан дар табақаи худ; б) ҳаммонанди худ будан бо мурури замон [1].

Бархе соҳибназарон эътиқод доранд, ки дар ҳуввият табақабандӣ кардани ашё ва афрод ва дигар ин ки худ бо чизе, касе пайванд аст, мавриди назар аст [2]. Ба эътиқоди мо, ҳамин ду меъёр, яъне шабеҳ будан ва фарқият муносибтарин унсурҳои ташкилдиҳандаи ҳуввият маҳсуб мешаванд. Шабеҳ будан далолат ба хусусиятҳои фардӣ ва асли дорад. Фарқият омили аслии тафовути худ аз дигарӣ аст ва аз ин нуқтаи назар ҳуввият хислати ягона дорад.

Ҳуввияти ҷамъӣ дар қаламравӣ ҳаёти иҷтимоӣ қарор дорад, ки фард худро ба он вобаста медонад ва худро дар назди он масъулиятнок ва вазифадор мешуморад. Онро метавон дар сатҳи тартибӣ, яъне аз хурд ва хос ба бузург ва ом тақсимбандӣ кард. Масалан, ҳамоила, ҳамтоифа ё ҳаммаҳала, ҳамдеҳа, ҳамқавм, ҳамзабон, ҳаммазҳаб ва ҳамватан. Он чи ки дар ҳуввиятҳои ҷамъӣ мавриди таъкид аст, вуҷуди боварҳо ва умумиятҳо байни афроди узви як гурӯҳ аст. Дарвоқеъ, ҳуввиятҳои ҷамъӣ таъкид бар он доранд, ки мардум бо чӣ хусусиятҳо ба ҳам монанд ҳастанд, ва чӣ чизе барои ом ва чӣ умумияти онҳост. Бинобар ин ҳуввия падидаи статистикӣ ва собит нест, балки раванде аст, ки мудом дар ҳоли тағйир, таҳаввул ва рушд буда, таърихи он ба таърихи инсоният мерасад [3].

Хаварис муътақид аст, ки ҳуввият як амри таърихист ва ҳамин таърихӣ будан бар ин амр далолат мекунад, ки ҳуввият тағйирпазир аст. Аз ин рӯ, наметавон барои ҳуввияти ҷамъӣ ҳад ва марзи муайяне дар ҷомеаҳо дар назар гирифт, яъне афроде, ки худро ба як гурӯҳ вобаста медонанд, ин  вобастагӣ ҳамеша нисбӣ аст ва дар замонҳо ва маконҳои мухталиф тағйир мекунад, ки метавонад аз як хонавода то як миллат ва уммат, ва ҳатто як ҳавзаи тамаддунӣ ва қора тағйир намояд. Аз ин рӯ, асосҳои таҳаввул дар ҳуввият ва ташаккули ҳуввият аз таҳаввулҳои асосӣ ба фарҳангҳои миллатҳо вобастагӣ дорад [4]. Бинбар ин, аҳамияти назарии ин таҳқиқ дар зимни ин ки динамикӣ будани ҳуввияти ҷамъиро мавриди мутолиа қарор медиҳад, ба механизми таҳаввули он низ мепардозад. Ҳамчунин, ин масъалаи назарӣ таъкид дорад, ки дар ҳуввиятҳои ҷамъӣ, зимни ин ки тамоюл ба омгароӣ ва ҷаҳонӣ шудан дорад, дар айни ҳол ба сӯйи як навъ маҳалгароӣ низ майл доранд. Дарвоқеъ, аҳамияти ҷомеашиносии ин масъала аз он ҷо сарчашма мегирад, ки шояд ҳассосияти пажӯҳишгаронро нисбат ба ҳавзаҳои дигари фарҳангӣ–иҷтимоӣ дар даруни ҷомеа барангезад ва сабаби он гардад, ки то онҳо низ дар ин бора таҳқиқоти нав ба анҷом расонанд. Воқеият ин аст, ки имрӯз мавзӯи ҳуввияти ҷамъӣ яке аз аҳдофи тактикии низомҳои сиёсӣ дар ҷаҳон, ва хусусан, дар бисёр кишварҳои дар ҳоли рушд ба воситаи мавҷуд будани гуногунии қавмӣ ба шумор меравад. Ин мавзӯъ метавонад баъзе ҷанбаҳои ҳуввиятро мавриди баррасии таҷрибавӣ қарор диҳад ва шинохти мудирияти сиёсӣ, ииҷтимоӣ ва фарҳангиро нисбат ба муносибатҳои иҷтимоӣ афзоиш диҳад. Дарвоқеъ, дар канори як ҷамъияти инсонӣ метавон дар бораи як навъ

ҳуввияти миллӣ суҳбат кард. Аз ин рӯ ба теъдоди ҷамъиятҳои табиӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва ахлоқӣ дар ҳар як ҷомеа ҳуввиятҳоии миллии мухталиф ёфт мешавад. Саволи аслӣ ин аст, ки ҳуввияти ҷамъии калон (миллӣ) ва ҳуввиятҳои хурд (фардӣ, қавмӣ-қабилавӣ) таҳаввулпазир ҳастанд, ва оё дар ҷараёни тағйир бо ҳамдигар равобити мусолиматомез доранд?

Ҳуввияти миллӣ ба маънои эҳсоси вафодорӣ ба рамзҳои (символҳои) муштарак дар ҷамъияти миллист, ки иборатанд аз ҷанбаҳои иҷтимоӣ, таърихӣ, ҷуғрофӣ, сиёсӣ, динӣ, фарҳангӣ ва забоӣ. Дар ҳуввияти фардӣ фарқияти фард бо дигарон ошкор мешавад ва боиси ибрози эҳсосот ва тавағҷуҳ дар фард мешавад.

Ҳуввияти фардӣ ба махсусиятҳое гуфта мешавад, ки фард ба сифати як шахси асили фарқкунанда худро ба дигар афроди ҷомеаи худ нисбат медиҳад.

Ҳуввияти қавмӣ ба дидгоҳҳо ва тарзҳои амали фарҳангӣ, ки як ҷамъияти муайяни мардумиро фарқ мекунонад, гуфта мешавад.

Бинобар ин, дар ҳуввиятҳои ҷамъӣ ба вуҷуди боварҳо ва умумиятҳо байни афроди як гурӯҳ таъкид мегардад, яъне мардум ба чӣ тарзҳое ба ҳам монадӣ пайдо мекунанд ва чӣ чизе боварии ом ва умумияти якҷояи онҳост. Бинобар ин раванди таҳаввул ва навоварӣ, бахусус, ҷаҳонӣ шудан ин имконро фароҳам мекунад, то инсонҳо аз ҳукмронии маҳдудкунанда ва доираи танги ҳамоилавӣ, қавмият ва ҳамзабонӣ озод шаванд ва дар сатҳи бисёр паҳновари фазо ва замон бо дигар афрод ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ иртибот барқарор намоянд [5]. Бар ин асос, аҳамияти ҳуввият дар ҷомеаи имрӯзӣ рӯз ба рӯз дар ҳоли равнақ гирифтан аст, ба тавре ки дар солҳои 1990 ҳуввият яке аз чаҳорчӯбҳои ваҳдатбахш дар баҳсҳои назарӣ ва равшанфикрӣ шудааст. Ҷомеашиносон, мардумшиносон, файласуфон, донишмандони илмҳои сиёсӣ, равоншиносон, ҷуғрофиёдонон ва муаррихон ҳар кадом дар ин маврид ба мутолиа пардохтанд. Мутолиа дар бораи ҳуввият барои нахустин бор аз даҳаи соли 1950 оғоз шуда, дар ду шохаи назарии равоншиносӣ ва ҷомеашиносӣ ба баҳс гузошта шудааст. Назарияҳои равоншиносӣ, ки бо корҳои Зейгмонд Фрейд оғоз шудааст, ба ҳастаи дарунӣ ва зеҳнии як сохтори равонӣ ва физикӣ таъкид доранд, аммо анъанаи ҷомеашиносии назарияҳои ҳуввият бо мафҳуми “худ” дар мактаби рамзии амалӣ пайванд хурдааст. Назарияҳои ҷомеашиносӣ (дар мавриди шаклгирии худи иҷтимоӣ) дар ибтидо бо корҳои Уилям Джеймс ва Ҷорҷ Герберт Мид шурӯъ шуда, баъдҳо аз тариқи пажӯҳишҳои Орник Кауфман ва Питер Бергер ва дигарон ин мафҳум ба таври равшан истиқрор ёфта, вориди таҳлилҳои ҷомеашиносон гардид [6]. Бархе аз соҳибназарони илми ҷомеашиносӣ худшиносиро ба ду даста тақсим намудаанд: Якум, ҳуввияти фардӣ, ки ҷанбаи фардӣ дорад, дувум, ҳуввияти ҷамъӣ, ки ҷанбаи асили гурӯҳи хос бо доро будани хусусиятҳои муштарак аст. Назарияи ҳуввияти ҷамъии рафторҳои байнигурӯҳӣ шояд барои аввалин бор аз ҷониби Ҳенри Теҷфел ва Тернер пешниҳод шуда бошад. Умуман ин мафҳум маҳсули узвияти афрод дар гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ ва инъикоскунандаи хостгоҳи гурӯҳӣ аст, ки фард ба он тааллуқ дорад [7]. Ин эҳсоси тааллуқият ва дилбастагӣ сабаби ташаккул ёфтани як воҳиди ҷамъӣ мешавад, ки иборат аз фардҳои бо равияҳои умумӣ аст, ки худро таҳти унвони “мо” аз афрод  ва гурӯҳҳои дигар фарқ мекунад. Бинобар ин, ниёзи шаклгирии гурӯҳӣ вуҷуди созгорӣ дар байни афроди ҷомеа аст.

Бар ин асос, мавзӯи ҳуввияти ҷамъӣ аз муайянкунандаҳои як ҷомеаи нав аст ва ба тариқи фарқкунанда бо он чи ки ҷомеашиносони давраи аввали муосир фикр мекарданд, мавриди баррасӣ қарор мегирад. Ба ақидаи Гейденз, Фоко ва Хабармос ҳуввиятҳои ҷамъӣ дар ҷомеаи нав ба ҷойи ин ки бо якдигар носозгар бошанд, дорои хислати ҳамзистӣ буда, метавонад дар канор ҳам бошанд. Бар ин асос, баҳси густариши муносибатҳои миёни ҳуввиятҳои ҷамъӣ метавонад заминасози дастёбӣ ба як тавофуқи ҷамъӣ бо вуҷуди ақлониятҳои фарқкунанда бошад [8].

Дидгоҳи сохторгаро ба мутолиаи мафҳумҳои иҷтимоии бузургтар аз қабили табақаи иҷтимоӣ, қавмият, миллият ва маҷмӯае аз пайвандҳои робитавӣ ё шабакаҳои пайвандӣ – сохтӣ пардохта мешавад. Аз ин рӯ, афроде, ки дар ин ду навъи дидгоҳ қарор мегирад, дорои хусусиятҳо изер ҳастанд: 1. Мартабаи иҷтимоии ягона доранд,

2. Нақшҳои ба ҳам шабеҳ доранд; 3. Узви ҳамон табақаи иҷтимоӣ, мазҳаб ё гурӯҳи қавмӣ ҳастанд; 4. Аз ҳуввияти ҷамъии ягонае ҳам бархурдоранд.

Аммо дидгоҳи созагаро умуман ду дидгоҳи аввалро рад мекунад ва таваҷҷуҳи он бар ҳифзи ҳуввиятҳои нусхашудаи муттасил ба ҳам аст. Аз ин рӯ, дар солҳои гузашта дидгоҳҳои сохторгаро ва маншаъгаро натавонистаанд вазъияти ҳуввияти ҷамъии давраи муосирро равшан созанд. Ба ҳамин далел дидгоҳи созагаро мавриди истиқболи бештаре қарор гирифтааст [9]. Бар ин асос, табақаҳои ҳуввиятро метавон дар се ҷанбаи зер хулоса кард: 1. Ҷанбаи эҳсостӣ; 2. Ҷанбаи шинохтӣ; 3. Ҷанбаи ахлоқӣ.

Дар ҷанбаи эҳсосӣ вокуниши аъзои вобаста ба як ҳуввияти ҷамъӣ нисбат ба дарки онҳо аз муҳити муайян мадди назар қарор мегирад Дар ҷанбаи шинохтӣ нигоҳи аъзо ба ҷаҳони ҳастӣ ва дарки онҳо аз ҳастӣ мавриди назар аст ва дар ҷанбаи ахлоқӣ муносибатҳои иҷтимоӣ аҳамият доранд. Сароҳат ва равшании ҳуввияти ҷамъӣ дар марзҳои байни "мо" ва "онҳо" мушаххасанд. Дар он чи ки эҳсоси қавӣ дар бораи ин фарқиятҳо вуҷуд доранд ва дар он чӣ бардошт аз бартарии ахлоқӣ бо эҳсосот пайваста аст, бояд бештарин нерӯро ба ҳуввияти ҷамъӣ бибахшад [10].

Яке аз мавзӯоте, ки барои ҷомеашиносони классикӣ аз аҳамият бархурдор буд, навъшиносии (типологияи) ҷомеаҳои башарӣ аст. Фердинанд Тонис, ҷомеашиноси машҳури олмонӣ иллати тағйир ва таҳаввулоте, ки дар ҷомеаҳои мухталифи инсонӣ рӯй медиҳад, дар анвои равобити миёни афрод медонад, ва муътақид аст, ки дар гурӯҳи инсонӣ дар дунё вуҷуд дорад: гурӯҳе, ки иҷтимоъ номида мешавад ва гурӯҳе, ки ба ҷомеа маъруф аст. Аз ин рӯ, ӯ ба тазоди байни ҷомеаи санъатӣ ба сифати як навъ низоми иҷтимоии созмонёфта бо пайвандҳои ғайришахсӣ ва ҷомеаи ғайрисаноатӣ (анъанавӣ), як низоми иҷтимоии созмонёфта бо пайвандҳои иҷтимоии табиӣ муътақид аст [11]. Иҷтимоъро Тонес ба сифати як навъи зиндагии иҷтимоии органикӣ таъриф мекунад, дар ҳоле ки ҷомеаро як навъ зиндагии сунъӣ ва механикӣ медонанд. Аз назари ӯ дар гурӯҳҳои кӯчаки инсонӣ, ки иҷтимоъ номида мешавад, афрод дорои иродаи органикӣ ё олӣ ҳастанд. Байни афрод робитаҳои табиӣ, хунӣ ва хонаводагӣ барқарор аст ва афрод ба иллати маҳдудиятҳои маконӣ ва ҷамъиятии гурӯҳ ҳамдигарро мешиносанд. Равобити иқтисодии аъзои гурӯҳ монанди равобити инсонии онҳо ба ҳамкорӣ вобаста аст ва ба сабаби ҳамбастагиҳои инсонӣ ва умумияти манфиатҳои моликияти хусусӣ вуҷуд надорад. Дар сурате ки дар гурӯҳҳои бузурги инсонӣ (ҷомеа) иродаи афроди санҷида, ҳисоб шудааст ва ҳар фард дар канори афроди дигар барои пешбурди манофеъ ва дастёбӣ ба муваффақияти бештари худаш талош мекунад, аз назари Тонис гароиши таҳаввул аз иҷтимоъ ба ҷомеа ва аз фарҳанг ба тамаддун аст [12].

Аз нуқтаи назари Маркс, баҳси ҳуввияти ҷамъӣ бо он чӣ ки дар адабиёти Тонис аст, андаке тафовут дорад. Аммо ҷанбаи умуияти онҳо бо ҳам дар рӯёрӯӣ ва тазоди дугунаи ҳуввият аст. Аз дидгоҳи Маркс ин тақобул як бор дар тазоди табақавӣ рух медиҳад. Дар байни табақаи баланд ва поён ва як бор ҳам замоне матраҳ мешавад, ки табақаи коргар ҳуввияти худро дар ҷараёни кор гум карда дучори бегонагӣ мешавад. Ба назари Маркс тарзи тавлид дар ҳар ҷомеа ба наҳве созмондиҳӣ шудааст, ки дар бораи қудратмандон, ки абзори тавлидро дар ихтиёр доранд, ногузир як табақаи дигар ташаккул меёбад, ки аз василаҳои истеҳсолот маҳрум аст.

Дар ҷомеашиносии Маркс равобити истеҳсолӣ ва то ҳадде, сохтори иҷтимоӣ, дар ҳукми фарҳанг ҷомеаро идора карда, интизориҳо ва меъёрҳои фарҳангиро дар афрод пайдо мекунонад ва дар ҳаёти пурраи зиндагии афрод онҳоро таҳти як қолиби хос дар сӯгириҳои шахсиятии мушобеҳ равона мекунанд. Аз назари Маркс сармоядор ба унвони як шахсияти ҳоким дорои вижагиҳои фарҳангӣ, арзишӣ, иҷтимоӣ ва идеологии хос аст. Ба ҳамин хотир, бо касоне ҳамманфиат ва ҳамсӯ ҳастанд, ки дар ин хусусиятҳо бо вай умумият доранд то як табақаро шакл диҳанд. Агарчи дар муқоиса бо табақаи муқобил дар ақаллият ҳастанд, бо вуҷуди умумияти онҳо бо ҳам ба тадриҷ эҳсоси муштараке байни онҳо эҷод мешавад, ки ин эҳсос ҳамон ҳуввияти ҷамъии онҳост [13].

Дюркгейм аввалин ҷомеашиносе аст, ки метавон дар таҳлилҳои асараш ҳуввияти ҷамъиро пайдо кард. Муҳимтарин мафҳуми асосӣ, ки дар андешаи ӯ бо ҳуввияти ҷамъӣ иртиботи танготангӣ доранд, виҷдони ҷамъӣ аст. "Виҷдони ҷангӣ аз назари ӯ шомили маҷмӯаи эътиқодот ва эҳсосоти муштарак дар миёни афроди як ҷомеаи воҳид аст, ки дастгоҳи муайянеро ташкил медиҳанд ва ҳаёти хоси худро доранд [14]. Аз сӯйи дигар, Дюркгейм аз ду навъи виҷдон ном мебарад. Яке виҷдони умумӣ ва дигаре виҷдони фардӣ аст. Гарчи виҷдони фардӣ падидаи асил аст, аммо ҷанбаи байнизеҳнӣ дорад ва бо виҷдони ҷамъӣ пайванди танготанг дорад. Дюркгейм муътақид аст, ки ҷомеаи пешазсаноатӣ, низоми иҷтимоӣ бар тақвияти виҷдони ҷамъӣ асос ёфтааст ва афрод таҳти ҳукми он қарор доранд. Аз ин рӯ, ҳуввияти ҷамъӣ аҳамият дорад. Аммо дар ҷомеаи саноатӣ, бо таваҷҷуҳ ба тақсими кор ва гароиш ба тахассус фард аз ҷамъ фарқ карда ҳуввияти фардӣ аҳамият пайдо мекунад. Дюркгейм муътақид аст, ки дар ин ҷо ба ҷойи таъкид бар шабоҳат дар эҳсосот ва афкори муштарак ва таҳлил бурдани виҷдонҳои фардӣ дар виҷдони ҷамъӣ бояд дар ҳамбастагии байни гурӯҳ ва тааҳудоти мутақобили касбӣ, ё роҳи равиши маданӣ таъкид шавад. Ба назари Дюркгейм, дар ин навъ ҳамбастагии органикӣ ҳуввияти ҷамъӣ аз байн намеравад, балки зимни тақвияти ҷанбаҳои фардии зиндагӣ ин ҳуввият умумият пайдо карда густариш меёбад, яъне аз вазъияти худ ба ҳуввияти ҷамъии калон майл мекунад. Бинобар ин, "он чӣ дар дидгоҳи Дюркгейм ҳанӯз ҳам аз эътибор ва арзиши илмӣ (албатта ба таври нисбӣ) бархурдор аст, ва имруз шояд то ҳадде як қатор далелҳо дошта бошад, ин аст ки бо тағйири назми иҷтимоӣ ҳуввияти ҷамъӣ низ тағйир мекунад [15]. Бо таваҷҷуҳ ба ин ки андешаи Дюркгейм таҳти таъсири дидгоҳҳои ба такомул гароишёфта қарор мегирад, ҳангоме ки ягонагии механикӣ ҷойи худро ба ягонагии органикӣ медиҳад, ҳуввияти ҷамъӣ низ аз навъи хурд ва маҳаллӣ ба калон тағйир меёбад [16].

Ҳамин тариқ, аз гуфатҳои боло аён мегардад, ки ҳуввияти ҷамъӣ ба василаи дарки созгор ва муштарак аз худи ҷамъӣ ташаккул меёбад.

Ҳуввияти ҷамъӣ, дарки мушарак, ҳаракати ҷамъӣ, вафодорӣ, меҳанпарастӣ ва суботи иҷтимоиро дар байни ҷомеаҳо мумкин месозад. Эҳсос ва дарки мушарак як сарнавишти ҷамъии афродро муҳайё месозад ва афрод дар як амали ҷамъии муштарак дар қолиби гурӯҳ ё иҷтимоъ бо миллат мепайвандад. Аз ин рӯ, ҳуввияти ҷамъӣ мавҷудияти худро аз фасли муштараки ҳуввиятҳои фардӣ ва гурӯҳӣ мегирад, вале дар асос аз онҳо фарқ мекунад. Бинобар ин, бар асоси он чӣ андешмандони ҷомеашинос мегӯянд, ҳуввияти ҷамъӣ падидаи ҷорӣ ва дар ҳоли тағйир аст.

**АДАБИЁТ**

1.Hekman S. Identity creses in / S Hekman // feminism identity and differenc frank press 1999
2.Ҷенкинс Ричард. Ҳуввияти иҷтимоӣ / Ричард Ҷенкинс; тарҷумаи Ёрмуҳаммадӣ. – Теҳрон, 2002.
3.Абдуллҳаӣ Муҳаммад. Буҳрони ҳуввият, динамизм ва механизми таҳаввули ҳуввияти ҷамъӣ дар Эрон / А. Муҳаммад // Номаи Анҷумани ҷомеашиносии Эрон. – Теҳрон, 2007.
4.Гулмуҳаммадӣ Аҳмад. Ҷаҳонишудани фарҳанг / Гулмуҳаммадӣ Аҳмад. – Теҳрон: Най, 2002.
5.Қосимӣ Ёрмуҳаммад. Ҳуввияти ҷамъӣ, вазъият ва раванди таҳаввули он дар Илам / Қ. Ёрмуҳаммад. рисолаи докторӣ, Донишгоҳи Теҳрон, 2003.
6.Botta more the black well dictionary of twentieth century social thought oxford black well pub, 1993.

7.Чалаби Масъуд. Назми иҷтимоӣ / Ч. Масъуд. – Теҳрон: Нашри Най, 1996.
8.Қосимӣ Ёрмуҳаммад. Ҳуввияти ҷамъӣ, вазъият ва раванди таҳаввули он дар Илам / Ё. Қосимӣ. рисолаи докторӣ, Донишгоҳи Теҳрон, 2003.
9.Snow David. Collective Identity and expresive forms university Coliforni / Snow David, 2001.
10.Snow David. Collective Identity and expresive forms university Coliforni / Snow David, 2001.
11.Abrams P. Historical sociology open book publishing itd / P. Abrams. England, 1982.
12.Додгарон Сайед Муҳаммад. Асосҳои иртибототи ҷамъӣ / Додгарон Сайед Муҳаммад. – Теҳрон: Интишороти Фируза, 2010. -Чопи 15.
13.Қосимӣ Ёрмуҳаммад. Ҳуввияти ҷамъӣ, вазъият ва раванди таҳаввули он дар Илам / Қ. Ёрмуҳаммад. /Рисолаи докторӣ, Донишгоҳи Теҳрон, 2003.
14.Дюркгейм Эмилӣ. Дар бораи тақсими кори иҷтимоӣ / Дюркгейм Эмилӣ; тарҷумаи Боқир Парҳам. – Теҳрон: Нашри Марказ, 2002.
15.Абдуллҳаӣ Муҳаммад. Буҳрони ҳуввият, динамизм ва механизми таҳаввули ҳуввияти ҷамъӣ дар Эрон / М. Абдуллҳаӣ. Номаи Анҷумани ҷомеашиносии Эрон. – Теҳрон, 2007.
16.Ҷенкинс Ричард. Ҳуввияти иҷтимоӣ / Р. Ҷенкинс; тарҷумаи Ёрмуҳаммадӣ. – Теҳрон, 2002.

### ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ СОЦИАЛЬНОГО МЕНТАЛИТЕТА И ЕГО ИСТОРИЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ

В статье рассматриваются теоретические основы социального менталитета и его исторического развития на основе мнений различных классических социологов и дается оценка коллективному менталитету. Особое внимание уделяется классификации менталитета и его особенностям. Подчеркивается, что коллективный менталитет является текущим и изменяющем явлением.

**Ключевые слова:** менталитет, национальный менталитет, социология, эволюция

### THEORETICAL BASES OF SOCIAL MENTALITY AND ITS HISTORICAL DEVELOPMENT

***Malekshahi Malek***
**Graduate student of the Institute of Philosophy, Political Science and Law after A. Bahouddinov, AS RT**

The article discusses the theoretical basis of social mentality and its historical development based on the views of various classical sociologists and assesses the collective mentality. Special attention is paid to the classification of mentality and its features. It is emphasized that the collective mentality is current and changing phenomena.

**Key words:** mentality, collective mentality, sociology, evolution

**Сведения об авторе:** ***Малекшахи Малек*** - аспирант Института философии, политологии и права АН РТ. Телефон: **919-99-49-14**

## ЗАРУРАТИ ТАЪЛИФИ НАЗАРИЯИ МУДИРИЯТИ БУМИИ КИШВАРҲОИ ДАР ҲОЛИ РУШД

***Муҳаммад Ризо Ҷалолинасаб***
**Пажухишгоҳи фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АИ ҶТ**

Яке аз воқеиятҳои асри бистум поёни даврони истеъмор ва пайдоиши бисёре аз кишварҳои мустақил дар минтақаҳои мухталифи ҷаҳон аз Африқо гирифта, то Осиё, Амрикои Лотинӣ ва Ховари Миёна мебошад. Ин кишварҳои мустақилшуда дар асри бистум ба унвони «кишварҳои дар ҳоли рушд» ном бурда мешаванд, ки дорои вижагиҳои умумие дар заминаҳои мухталиф, аз ҷумла идеологияи рушд, сиёсати рушд, системаи рақобати ҳизбӣ, мудохила ва назорати низомӣ бо ҳамдигар доранд, ки ҳамин вижагиҳо кишварҳои дар ҳоли рушдро аз кишварҳои тараққикарда фарқ мекунанд [1].

Аз сӯйи дигар, мудирият ба мафҳуми ихтисосии он, ки ба номи дониши мудирияти созмонҳо ва муассисаҳо такомул пайдо кардааст, марбут ба охирҳои асри нуздаҳ ва бештар асри бистум аст. Мутолиаи мухтасар дар тамаддунҳои бостон дар Шарқ ва Ғарб аз Чин ва Эрон гирифта, то Рум ва Миср, вуҷуди як навъи вижа аз мудирияти умумиро намоён месозад. Муҷаҳҳаз кардани артишҳои муназзам, идораи сарзаминҳои паҳновар ва империяҳои қудратманд ҳама ва ҳама нишон аз як назм ва созмони дақиқи ҳукуматӣ доранд. Вуҷуди сохтори муайян ва назму тартиб дар мудирият ва созмондиҳии дақиқи онҳо, муқарраароти хироҷ ва андозҳои саронаи ҳукуматҳо, вуҷуди ҳокимон ва раҳбарони қудратманд бо девонҳои молӣ ва лашкарӣ ба хубӣ мушаххас месозанд, ки таваллуди мудирият ҳанӯз асрҳои қадим ҳамроҳ бо таваллуди иҷтимоъ ва гурӯҳҳои инсонӣ сурат гирифтааст. Пайдоиши теъдоди зиёде аз донишмандон ва муҳаққиқон дар мамлакатҳои пешрафтаи аврупоӣ ва кишварҳое, ки собиқаи давлатдорӣ доранд, дурустии ин ақидаро қатъӣ месозанд, ки пешрафти

илму технология дар кишварҳое мумкин будааст, ки дорои ҳокимияти мустақил, сармоя ва имконоти кофӣ будаанд.

Ба ҳамин далел, бо зуҳури назарияи классикӣ дар арсаи мудирият дар Амрико, Мағрибзамин маркази аслӣ ва гаҳвораи мудирияти нав мешавад. Ва сипас зуҳури назарияҳои нав такмилкунандаи назарияҳои мавҷуда мегарданд. Мудирияти нав дар Ғарб, ки аз назарияҳои классикӣ оғоз ва ба назарияи рафторӣ ва назарияи неоклассикӣ ва саранҷом ба назарияҳои навини системҳо расидааст, як роҳ ва раванди табиии мутаносиб бо хостаҳо, ниёзҳо ва рушду тараққии низомҳои ҳоким бар Ғарбро тай намудааст ва ҳанӯз ҳам ин раванд по ба пойи эҳтиёҷоти ҷомеаи ғарбӣ рушд менамояд.

Кишварҳои ақибмонда, ки умуман, ё мустаъмираи давлатҳои қудратманд будаанд, ё ба наҳве таҳти нуфузи онон, пас аз дастёбӣ ба истиқлоли сиёсӣ раванди тараққиро шурӯъ намуданд, вале боз ҳам таъсирпазируфта аз фарҳанги кишварҳои истеъморӣ маҳкуми хостаҳо ва ниятҳои онон шуданд ва сармояҳо ва манбаъҳои ғании кишварашон тавассути кишварҳои бузург таҳти парчами кӯмак ба рушду тараққӣ аз ихтиёри худашон хориҷ ва шакли наве аз истеъмор чеҳраи худро нишон дод. Нуқтаи муштараки ҳамаи ин мамлакатҳои маҳкум ин будааст, ки ҳеҷ гоҳ дорои назарияи мудириятии мустақил ва бархоста аз ниёзҳои ҷомеаи худ набуда, истифода аз ҳадафҳо ва равишҳо ба сурати тазриқӣ ва бо назари истеъморгарони нав ва дар ҷиҳати манфиатҳои онон шакл гирифтааст. Дар воқеъ, он чи ба унвони ниҳодҳои идорӣ ва сиёсӣ дар кишварҳои ақибмонда вуҷуд доранд, ниҳодҳо ва созмонҳое ҳастанд, ки фориғ аз ниёзҳо ва эҳтиёҷоти бумии онҳо таъсис шудаанд ва танҳо ба сурати аҳромҳое дар ҷиҳати ба даст овардани ғорати манобеи онҳо ба василаи кишварҳои империалистӣ будааст. Бинобар ин, пас аз истиқлоли сиёсии воқеӣ дар ин кишварҳо бояд дигаргунӣ ва инқилобе дар низоми идории онҳо рӯй диҳад. Ва низ идораи умумӣ дар кишварҳои дар ҳоли рушд ба воситаи омилҳои гуногун ҳамвора ба таносуби рушди сареи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дигар ҳадафҳои миллӣ бунёд наёфтааст. Ба ҳамин хотир, мудирияти нав дар мамлакатҳои ҷаҳони сеюм натавонистааст раванди саҳеҳ ва мантиқии муносиби аҳволи худро биёбад.

Тағйироти бунёдӣ дар мудирияти ҳар кишваре, ки ба василаи инқилоб ё истиқлол ё сабабҳои дигаре рух медиҳад, ба ду шакл ба миён меояд:

Аввалин ва қатъитарини он, тағйири мудирон ва дастандаркорон ва кормандони марказҳои мухталифи мудириятӣ мебошад. Дастандаркорони нави ҳукуматӣ, бештар дар як халои қонунӣ дар ибтидо ҳам қонунгузор ҳастанд ва ҳам иҷрокунандаи қонун, ки агар раванди демократия марҳалаҳои худро тай кунад, аркони он низ дар ҷомеа истиқрор пайдо мекунад ва дар ғайри ин сурат роҳбарони пирӯз дар ҷараёни инқилоб ва ё истиқлол ё табаддулот ва ғайра кишварро ба шакли тоталитарӣ идора намуда, худкомагӣ дар он кишварҳо ривоҷ пайдо мекунад. Намунаҳои мухталифи он дар кишварҳои Ховари Миёна ва Африқо вуҷуд доранд, ки баъд аз истиқлол ҳеч гуна интихоботи озод дар онҳо сурат нагирифтааст. Аз ҷумлаи ин кишварҳо метавон ба Урдун, Сурия, кишварҳои Халиҷи Форс, Либия ва ғайра ишора кард.

Дуюмин шакли эъмоли тағйирот дар ин аркон ва идораи ин гуна кишварҳо истифодаи усулҳои мудирияти хориҷӣ дар назария ва амалияи мудириятӣ мебошад. Ба шакле, ки дар ибтидо дигаргунии сиёсии шаҳрвандии мудирони нави корҳо дар идораи кишвар аз салиқаҳои фардӣ ва гурӯҳӣ, ки бештар гирифта шуда аз рӯҳия ва рафторҳои инқилобӣ ва баъзан ифротӣ мебошад, истифода мебаранд, ки офати инқилобҳо ба шумор меравад. Вале аз он ҷое ки системаҳои сиёсӣ танҳо мутағайири ташреҳкунандаи тафовутҳои ҳукумат нест, метавон ба суннатҳои таърихии брюкратӣ, меросҳои истеъморӣ, танбалии ниҳодӣ ва фишорҳои воридшуда аз тарафи соири кишварҳо, созмонҳои байналмилалӣ ва ширкатҳои чандмилиятӣ низ ба унвони омилҳои мутафовитсоз ишора кард. Бо ин тавсиф, мудирони нав ё дар таълифи стратегияи идораи кишвар истиқлоли фикрӣ надоранд ва вобаста ба як қудрати дигар буда, аз тарафи онҳо пуштибонӣ мешаванд ва ё дар сурати истиқлоли фикрӣ дониш ва назарияи мушаххасе барои идораи кишвар надоранд. Ва аз тарафе, кишварҳои қудратманди истеъморӣ (чи кишвари ғолиби пешин ва чи қудратҳои дигар), ки дар пайи истилои худ ҳастанд, талош доранд, дубора ва ба шакли нав ҳавзаи нуфузи худро густариш дода, кишварро бар асоси мақсадҳои худ, вале бо истифода аз омилҳои дохилӣ ва афроди бумии таҳсилкарда дар кишварҳои ғарбӣ (технократҳо) идора кунанд, то ҳам муттаҳам ба истеъморгарӣ нашаванд ва ҳам манфиатҳои худро ҳифз кунанд. Ин методи истеъмори нав самараи доштани

стратегия ва назарияҳои мудириятӣ дар кишварҳои истеъморгар ва набудани он дар кишварҳои ҷаҳони сеюм мебошад.

Бар ҳамин асос, агар кишварҳои дар ҳоли рушд дар пайи ин ҳастанд, ки истиқлоли сиёсии худро ҳифз кунанд, мебоист дорои назарияи мудириятии бумии сарчашмагирифта аз арзишҳои идеологӣ ва воқеиятҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ, илмӣ, тавони дифоӣ ва боварҳои бумии худ бошанд ва барои амалӣ кардани он талош намоянд. Ҳарчанд ки кишварҳои истеъморӣ мумкин аст, мушкилоти фаровонеро барои онҳо ба вуҷуд оваранд, муқобила ва истодагӣ дар баробари онҳо ҳазинаи истиқлоли худашон мебошад.

Шояд ин суол дар зеҳн падид ояд, ки барои давлат оё зарурияти таҳияи силсилаи формулаҳои куллӣ ва моделҳое барои идораи кишвар зарур аст, дар ҳоле ки кишварҳои қудратманд дар ин замина таҷрибаи бештаре доранд ва онҳо қодиранд барои онҳо назария ва модели наве тарроҳӣ ва иҷро намояд ва ҳазинаи бештар ба кишвар таҳмил гардад.Дар ҷавоб бояд ишора кард, ки моделҳои ба вуҷуд овардаи кишварҳои қудратманд  танҳо ба хотири эҳтиёҷоти худи ин абарқудратҳо таҳия хоҳанд шуд ва на ба манофеи миллию инсонии давлатҳои дар ҳоли рушд буда. Аз ин рӯ, моделҳои сунъӣ таҳримшуда ба амнияти миллии давлатҳо хатарот ворид месозад. Ҳамаи инҳо нишондиҳандаи ин матлаб аст, ки ҳар кишваре мебояд бо таваҷҷуҳ ба шароити хоси худ назарияҳои мудириятии хоси худро дошта бошад. Албатта, ин амр сабаби он намешавад, ки аз илми рӯзи дунё ва таҷрибаҳои дигар кишварҳо баҳра набарад, балки аз ҳар шеваи мудириятӣ мебоист ҳамоҳанг бо шароит, ниёзҳо ва тавонмандии дохилӣ бошад.

Дар таълифи низоми мудириятии бумӣ чунин омилҳо ҳалкунандаанд:

**1. Арзишҳои ҳоким бар ҷомеа.** Ҳамон боварҳои асосиеанд, ки аз матни идеологияи ғолиби ҷомеа берун омада, дар он инсон дар фароянди мудирият ва идораи умур нақши меҳварӣ ва калидӣ дорад, чаро ки тарроҳ, ҳадафгузор, барномарез, иҷрокунанда, нозир ва баҳрабардори фароянди мудирият инсон аст. Аз тарафи дигар, идораи саҳеҳ ва мудирияти муфиди созмон, аз хурдтарин созмон ва ниҳоди иҷтимоӣ оила то созмонҳои калони миллӣ ва ҷаҳонӣ як хости мантиқӣ ва ақлонии ӯст. Аҳдофи мудириятӣ яке аз омилҳои ҷиҳатдиҳандаи арзишҳо мебошад. Масалан, пуркорӣ арзише аст, ки аҳдофи мудириятии онро тавҷеҳ мекунад. Пас, дар маҷмӯаи мудирият инсоне, ки пуркор бошад, арзишманд аст. Ва аз тарафи дигар, аҳдофи созмонҳо ва маҷмӯаҳои мудириятиро ҳам инсонҳо тарроҳӣ ва мушаххас мекунанд ва ин инсонҳо арзишмадор буда, аҳдофро бар асоси арзишҳои мавриди қабули худ тарроҳӣ мекунанд.

**2. Фарҳанги бумӣ ва тавонмандиҳои миллӣ.** Дар баҳси фарҳанг ва тавонмандиҳои бумӣ ду меҳвари асосӣ вуҷуд дорад: аввал таваҷҷуҳ ба таъсироти муҳит бар тадвини назарияҳои мудирияти бумӣ (бумшиносӣ), дуюм таъсири хислатҳои фарҳангӣ, боварҳои эътиқодӣ ва одобу суннати миллӣ бар тадвини назарияҳои мудирияти бумӣ.

Дар бораи меҳвари аввал бояд мутазаккир шуд, ки робитаи дутарафа байни мавҷуди зинда ва муҳит як асли собитшуда аст ва назарияҳои мудириятӣ барои идораи ҷомеаи инсонӣ таълиф мешаванд ва инсонҳо ҳамвора дар ҳоли робита бо муҳити зиндагии худ ҳастанд. Бинобар ин, таваҷҷуҳ ба бахшҳои мухталифи муҳитӣ (ҷуғрофиёи табиӣ, ҷуғрофиёи инсонӣ ва ғайра) дар таълифи усулҳои мудирият метавонад таъсиргузор бошад, аз тарафи дигар, эътиқодот, фарҳанг, суннат, одоб, расму ойинҳо ва хислатҳои миллии як кишварро агар дар таълифи назарияҳои мудириятии он ҷомеа мавриди таваҷҷуҳ қарор нагирад, дур шудан аз мақсади аслӣ, ки боиси дур шудан аз назарияи  мудирияти бумӣ мегардад.

**3. Истифода аз шакли бумишуда ва қобили қабули таҷрибаи дигар кишварҳо.** Таҳмил кардани тарҳҳои навишташуда ва аз пеш сохтаи Ғарб наметавонад қадами мусбате дар ҷиҳати пешрафти кишварҳои дар ҳоли рушди ҷаҳон бардорад ва мумкин аст аксуламалҳои гуногунро дар бар дошта бошад, чаро ки «равишҳои мудириятии Ғарб баргирифта аз ниёзмандиҳои онон ва қудрате аст, ки дар имконот ва шароити онон вуҷуд дорад ва ношӣ аз як таҷриба ва тамрини тӯлонӣ буда, мавлуди такомули тадриҷии низоми иҷтимоӣ ва иқтисодии онҳост» [2]. Пайгирии ҳадафҳои рушди минтақаҳои дар ҳоли рушд тавассути Ғарб ба далели сиёсӣ боиси пайдоиши риштаи фаръии мудирияти татбиқӣ ва рушд, ки гароише аз дониши мудирияти давлатӣ аст, гардид. Аммо имрӯз инқилобҳои мардумӣ ва дастовардҳои истиқлоли сиёсии баъзе аз мамлакатҳои дар ҳоли рушд бисёре аз соҳибназарони мудириятро ба равшан

кардани намунаи муносиб дар мудирият ва талош барои муаррифии назарияи бумӣ ва маҳаллии мудирият водоштааст.

**4. Парвариши манобеи инсонии коромад ва мустақил.** Як масъалаи дигаре, ки кишварҳои дар ҳоли рушд бо он рӯ ба рӯ ҳастанд ва мебоист ба он таваҷҷуҳи кофӣ дошта бошанд, мудирияти нерӯи инсонӣ аст. Дар гузашта, яъне пеш аз истиқлоли низоми фардии ин кишварҳо бар асоси системаҳои мудирияти ғарбӣ ё шарқӣ тадвин шуда буд. Бинобар ин, лозим аст, ки кишварҳои мазбур бо таваҷҷуҳ ба фарҳанги миллӣ, одоб ва русуми миллӣ, суннату шароит ва қобилияти фардии бумӣ низоми омӯзиш ва парвариши наве ҳамоҳанг бо ниёзҳо бунёд намоянд. Муҳимтарин вижагии назарияи бумии мудирият, ки фарқияти он бо назарияи татбиқӣ ва рушд низ ҳаст, ҳамоно ироаи он тавассути андешамандони (нерӯи инсонӣ) мамлакатҳои дар ҳоли рушд аст, ки бо модели қолабӣ ва пешсохтаи ғарбиҳо тафовут хоҳад дошт. Интизор меравад, аз он ҷо ки дигаргуниҳои сиёсии бархоста аз хостаҳо, ормонҳо ва шароити фарҳангӣ-иҷтимоии кишварҳои дар ҳоли рушд аст, роҳбарони ҷомеа бо баҳрагирӣ аз ибтикор, таҷриба, мутолиа ва таҳқиқ дар ҷиҳати рушду пешрафти ҷомеа, нерӯи инсонии коромад ва муассир дар идораи ин кишварҳоро тарбият кунад.

**5. Рушди баробар.** Ба таври куллӣ, агар тағйироти бунёдӣ дар даруни як ҷомеа сурат бигирад, ҳадди ақал чаҳор низоми аслии он ҷомеа, яъне низомҳои сиёсӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии он аз асос дигаргун мешаванд. Дар ҳар ҳол низоми мудирият сарфи назар аз ин ки то чӣ андоза дорои коройӣ бошад, ба унвони механизм ва гардунае аст, ки бояд ҳадафҳои ин чаҳор низомро, ки дар бисёре аз мавридҳо дорои вуҷӯҳи муштарак, равобит ва таъсири мутақобил ҳастанд, ба самар бирасонад [3]. Дар ин боб он низоми мудириятие муваффақ хоҳад буд, ки битавонад низомҳои мухталифи иҷтимоии зикршударо ба таври баробар густариш ва тараққӣ диҳад, чаро ки нақши низомҳои иҷтимоӣ монанди нақши аъзо ва рагҳои бадан дар инсон мебошад, ки ҳама бояд ба сурати ҳамоҳанг бузург шуда, аз кӯчакии ғайриҳамоҳанги як узв ва бузургии номаъмули узви дигар ҷилавгирӣ ба амал оварад, то тавозун, ки аз заруриёти аркони ҷомеа мебошад, ҳамвора барқарор бошад ва баробарии иҷтимоӣ аз байн наравад, зеро баробарӣ дар аркони ҷомеа аз асосҳои бақои он ҷомеа мебошад.

Натиҷа ин ки дар ин фазо бовар бар ин аст, ки мо аз роҳи тарҷума ва интиқоли равишҳои мудирияти Ғарб ба системаи омӯзишии худ наметавонем огоҳӣ ва дарке кофӣ аз ниёзмандиҳои воқеии ҷомеа ба даст оварем, магар он ки худ дар кори мудирият бо таваҷҷуҳ ба панҷ омили боло даст ба мутолиа ва таҳқиқ зада, бо истифода аз қоидаҳои таҳқиқи илмӣ ва робитаҳои куллӣ, ки илми мудирият ба даст медиҳад, аз тақлид ва иқтибоси калима ба калимаи равишҳои мудирият дар фарҳанги Ғарб худдорӣ кунем. Ҳамчунин мо метавонем бо мутолиа ва таҳқиқ дар кори мудирияти зарурати илмии тағйири асосии мазмун ва муҳтавои кори созмонҳо ва эҷоди равишҳои тозаи мудириятро барои тазмини ҳадди аксари суръати матлуби рушд ва пешрафт гӯшзад намоем ва вуҷуди ноҳамоҳангӣ байни шакли ғарбии мудирият ва мазмуни бумӣ ва маҳаллии онро аз роҳи баррасиҳои таҷриба ва амалия нишон диҳем. Дар ҳамин замина гурӯҳи таҳқиқи СММ дар тавсияҳои худ ба мамлакатҳои дар ҳоли рушд мегӯяд: «Дастгоҳҳои давлатӣ бояд дар хидмат ва мутааллиқ ба ҷомеа бошанд». Ба ибораи дигар, дар фарҳанги арзишҳо, мушкилот ва орзуҳои ҷомеа шарик бошанд, ҳатто ҳангоме ки машваратҳои коршиносӣ аз коршиносони хориҷӣ пазируфта мешавад, давлатҳо бояд ба ин иқдомот ва тавсияҳо ҷанбаи бумӣ бидиҳанд ва низ таъкид менамояд: «Агар дар як кишвари дар ҳоли рушд тамоюл ба рушди иқтисодӣ ва тағйироти сареи иҷтимоӣ вуҷуд дошта бошад, дастгоҳҳои давлатии он кишвар ногузиранд аз равишҳо ва марҳалаҳои идории гузашта халос шаванд» [4].

### АДАБИЁТ


1. Меъморзода Теҳрон. Мудирияти татбиқӣ / Меъморзода Теҳрон, Ғуломризо, Аҳмадӣ Масъуд. – Теҳрон: Андешаҳои гуҳарбор, 1386. –С. 168
2. Ҷамъе аз нависандагон. Мудирияти имрӯз. –Теҳрон: Маркази мудирияти давлатӣ. - №8. - соли 51. –С. 7.
3. Ҷамъе аз нависандагон. Назарияҳои мудирият. –Теҳрон: Маркази омӯзиши мудирияти давлатӣ, 1378. –С. 132.
4. Тоҳирӣ Абулқосим. Ҳукуматҳои маҳаллӣ ва адами тамаркуз / Тоҳирӣ Абулқосим. –Теҳрон: Қумис, 1378. –С. 15-16.
5. Аббосзодагон Сайид Аббос. Мабонӣ ва макотиби мудирият / Аббосзодагон Сайид Аббос. – Теҳрон: Ширкати саҳомии интишор, 1376. -С. 215.

6. Ҷосбӣ Абдуллоҳ. Усул ва мабонии мудирият / Ҷосбӣ Абдуллоҳ. –Теҳрон: Интишороти донишгоҳи озоди исломӣ, 1370.

**НЕОБХОДИМОСТЬ ФОРМИРОВАНИЯ СОБСТВЕННОЙ ТЕОРИИ УПРАВЛЕНИЯ В РАЗВИВАЮШИХСЯ СТРАНАХ**

Автор в данной статье пытается показать необходимость формирования собственной модели управления развивающихся стран, соотвествующий интересам их общества, учета национальной специфики и недопущения слепого подражания или дублирования западных моделей управления. Также автором доказывается недопуститмость принятия тех моделей управления, которые навязываются бывшими колониалистическими государствами, с целью дальнейшего порабошения народов и присвоения ресурсов развивающих стран.

**Ключевые слова:** управление, национальная модель управления, развивающиеся страны, национальная особенность, национальный приоритет, национальные обычаи и традиции.

**THE NECESSITY OF CONSTRUCTION OF LOCAL MANAGEMENT IN THE DEVELOPING COUNTRIES**

The author of this article tries to elaborate and expresses a point of view, that contemporary developing countries which at the second half of the last century became independent from the hegemony of the exploitative countries, in order to keep themselves save from falling down again under the domination of the others must find the new system of management that relevant to their values, ideas and ideals. Western systems of management first of all are relevant to their cultural values and believes, secondly, their were used as a tool to control others. Because of it we can learn them just as an experience.

**Key words**: local management, developing countries, local cultures, national values, western system of management, management of human energy.

**Сведения об авторе:** ***Мухаммад Ризо Джалолинасаб*** – соискатель Института философии, политологии и права АН РТ. **Телефон: 919-30-64-24**. E- mail: **Mrjn46@yahoo**

## П Е Д А Г О Г И К А

# ОСОБЕННОСТИ ПРИМЕНЕНИЯ ИННОВАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ НА УРОКАХ ИЗОБРАЗИТЕЛЬНОГО ИСКУССТВА ДЛЯ РАЗВИТИЯ ТВОРЧЕСКОГО ПОТЕНЦИАЛА УЧАЩИХСЯ НАЧАЛЬНЫХ КЛАССОВ

*Л.А.Тулепов*
**Институт развития образования Академии образования Таджикистана**

Урок всегда был и остаётся основной организационной формой передачи знаний, умений и навыков от учителя к ученикам. Уроки изобразительного искусства являются своеобразными по своему содержанию и организации. Поэтому учителю необходимо так организовать учебный процесс урока, чтобы ученик мог получить определенный уровень знаний, творчески реализоваться, используя своё творческое и креативное мышление, получить конечный результат. Условием эффективного формирования творческого потенциала школьников является стимулирование участников учебно-воспитательного процесса к занятиям по изобразительной деятельности.

Анализ интересов и мотивов всех участников учебно-воспитательного процесса приводит к пониманию стимулирования интереса как системы комплексных воздействий, осуществляемых учителем изобразительного искусства, на всех участников учебно-воспитательного процесса с целью создания положительного настроя к урокам изобразительного искусства и признания их значимости в формировании творческой личности. В диссертации описаны компоненты системы воздействий учителя, необходимых для формирования устойчивой мотивации учащихся к занятиям по изобразительному искусству, для обеспечения сотрудничества со стороны педагога и ученика.

Современная технология обучения творчеству через развитие художественных интересов в начальных классах включает структурно-содержательные (блочно-модульное построение содержания образования, а так же - его методическое обеспечение), процессуальные (формы, методы и средства образования, диагностика, планирование и коррекция образовательного процесса) аспекты. Особенностями такой технологии могут являться:

1.Учёт факторов развития художественных интересов. Последовательная актуализация этих факторов в образовательном процессе усиливает творческие тенденции в обучении, а так же - использование авторского личностно-ориентированного педагогического инструментария.

2. Тематическое планирование с вариантами блочных структур. Организация комфортной микросреды творческойдеяте .

3. Комплекс упражнений на развитие творчества.

4. Комбинированный метод обучения: творческие дискуссии, спонтанная импровизация, последовательное комментирование, репродуктивный способ и пр.

5. Педагогический мониторинг художественно-эстетического развития школьников, обеспечивающий современную коррекцию и стимулирования развития личности. Он строится на основе анализа зависимости уровня сформированности творческих способностей школьников, а также их художественного сознания от уровня развития художественных интересов по определившейся модели системного подхода в методике преподавания изобразительного искусства, которое включает параметры эмоциональной, интеллектуальной и волевой личностных сфер.

Проблема результативности обучения активно разрабатывается на базовой основе использования последних достижений психологии, теории управления познавательной деятельностью. Как показывает анализ педагогической практики, в современной школе за последние годы четко обозначился переход на гуманистическую концепцию обучения и воспитания детей. Поэтому определился целый ряд проблемных вопросов, требующих комплексного решения:

1) организованное переустройство всего учебного процесса с учётом психофизиологических особенностей учащихся;

2) совершенствование методических принципов, которые связаны с внедрением вариативного содержания обучения, индивидуализацией усвоения знаний, развитием познавательных интересов школьников, реализацией их творческого потенциала [2].

Разработка и внедрение новых педагогических технологий - является одним из важных направлений решения названных проблем. Основным их признаком считается степень активности всех элементов педагогической системы - цели, содержания, методов, средств и форм организации познавательной деятельности учащихся, прогноз соответствия результатов обучения требованиям современной школы [3].

Уроки творчества - это уроки психологического раскрепощения, снятие умственного напряжения. Поэтому их отличительной особенностью является игровая деятельность. В современном быстроразвивающемся мире заявлен запрос не просто на человека, но и на личность, которая должна обладать целым набором индивидуальных качеств:

1. Самостоятельность в принятии решений и в выборе.
2. Умение отвечать за свои решения.
3. Способность нести ответственность за себя и своих близких.
4. Готовность к действиям в нестандартных ситуациях.
5. Обладание набором компетенций, как ключевых, так и по различным отраслям знаний и т.д.

В связи с этим необходима смена парадигмы обучения. Традиционную парадигму условно можно представить в виде схемы «учитель-учебник-ученик», должна сменить принципиально иная - «ученик-учебник-учитель», где приоритетной является деятельность учения, а не преподавания. Решением данной проблемы могут стать инновационные технологии.

М.М.Поташник предлагает следующую трактовку термина «инновации». Инновация - это нововведение. Это изменение, имеющее определённую цель и вносящее в среду внедрения новые стабильные элементы. Любое нововведение связано с обновлением.

Однако не все новое дает везде и всегда положительный результат в силу следующих причин:

1) новое не всегда является средством решения актуальных для конкретной школы задач;

2) каждое новое средство рождается во вполне конкретных условиях и ориентировано на решение вполне определенных педагогических задач, которые могут не совпадать с личными вкусами и интересами руководителей школы;

3) увеличение числа тех, кто использует какое-то новшество, появление опыта его освоения обычно ужесточает набор условий, при которых новшество эффективно; по этой причине эффективность всякого новшества требует экспериментальной проверки;

4) Каждое новое педагогическое средство имеет технологию, которая связана со спецификой его использования. Она позволяет учителю школы путём проявления своих индивидуальных качеств повлиять на эффективность его освоения [8].

Инновация - это, прежде всего, процесс освоения новшества как средства. Инновационный процесс - это комплекс каких-либо действий, которые направлены на создание, разработку, освоение, а так же использование и распространение новшеств. Поэтому новизна любого положения относительна как во временном (историческом) плане, так и в личностном.

Н.И. Папин, А.Я. Пригожий, Б.В. Сазонов рассматривая микроструктуру инновационного процесса, выделяют этапы, которые можно различить по видам деятельности, обеспечивающим создание и исполнение новшества. В научной литературе сложилась определённая схема членения инновационного процесса на этапы:

1.Этап открытия, которое является результатом фундаментальных и прикладных научных исследований - это рождение новой идеи, а так же возникновения концепции этого новшества.

2.Изобретения, т.е. создания какого - либо новшества, которое воплощено в какой-либо объект, образец.

3.Нововведение, которое находит практическое отражение устойчивых эффектов.

В педагогической литературе можно выделить в области образования следующие типы инновационных процессов:

1.Инновации, которые происходят чаще всего стихийно, без точной привязки к самой порождающей потребности, или без полноты осознания всей системы условий и средств, а так же путей осуществления определенного инновационного процесса. Поэтому инновации такого рода не всегда бывают связаны с полнотой и обоснованностью научного подхода. Чаще они происходят под обязательным воздействием ситуативных

требований, т.е. на эмпирической основе. К ним можно отнести деятельность учителей новаторов, воспитателей, родителей и т.д.;

2.Инновации в системе образования, которое является продуктом осознанной, целенаправленной, а так же научно-культивируемой междисциплинарной деятельности. Инновационные технологи обучения здесь следует рассматривать как инструмент, с помощью которого новая образовательная парадигма может быть претворена в жизнь [9].

Разработка технологий может вестись по следующим принципам:

- принцип, представляющий дидактическую систему - целостность технологии;
- принцип, позволяющий воспроизводить технологии в конкретной педагогической среде для того, чтобы достичь поставленные педагогические цели;
- принцип, определяющий нелинейность педагогических структур, которые оказывают непосредственное влияние на самоорганизацию и саморегуляцию определённых педагогических систем;
- принцип, определяющий уровень адаптации процесса обучения не только к личности ученика, но и к его познавательным способностям;
- принцип, создающий оптимальные условия для формирования обобщённых знаний - уровень потенциальной избыточности.

По своему характеру цель технологий обучения - это воспитание личности с заданными свойствами. По содержанию цели технологии обучения ориентированы преимущественно на усвоение ЗУН (знаний, умений, навыков).

В современной массовой школе цели несколько видоизменились - исключена идеологизация, снят лозунг всестороннего гармонического развития, произошли изменения в характере нравственного воспитания, но парадигма представления цели в виде набора запланированных качеств (стандартов обучения) осталась прежней [7, 4].

Существует и другая типология, которая характеризует мировоззрение по содержанию и направленности: научное и ненаучное; материалистическое и идеалистическое; атеистическое и религиозное; революционное и реакционное. На наш взгляд, данная типология наиболее распространена и применима в учебно-воспитательном процессе.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Крутецкий В.А. Психология: учебник для студентов / В.А. Крутецкий. - М.: Просвещение, 1980. - 352 с.

2. Хрестоматия по возрастной психологии. учебное пособие для студентов // Сост. Л.М. Семенюк; под ред. Д.И. Фельдштейна. - Издание 2-е, дополненное. - М.: Институт практической психологии, 1996. - 304 с.
3. Хайруллин Ф.Г. Некоторые проблемы формирования профессиональных интересов молодежи. //Мотивация жизнедеятельности студента / Ф.Г. Хайруллин. - Таллин, 2000. - С. 69.
4. Горелик А.А. Воспитывая гражданина, формируя мировоззрение / А.А. Горелик. - М.: Педагогика, 1986. - 208 с.
5. Советский энциклопедический словарь. - М.: Советская энциклопедия, 1988. - 1599 с.

**ПСИХОЛОГО-ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ КОНЦЕПЦИИ И ПОДХОДЫ К ПРОЦЕССУ ФОРМИРОВАНИЯ НАУЧНОГО МИРОВОЗЗРЕНИЯ ПОДРАСТАЮЩЕГО ПОКОЛЕНИЯ**

В данной статье автором подвергнуты рассмотрению психолого-педагогические концепции и подходы к процессу формирования научного мировоззрения подрастающего поколения. Мировая педагогическая мысль всегда высоко оценивала значение формирования научного мировоззрения учащихся, выдвигала целый ряд интересных и практически ценных предложений, идей, концепций. В современной педагогической литературе сложились определённые подходы к определению понятия «научное мировоззрение», его структуры, типологии.

**Ключевые слова:** научное мировоззрение, структура и типология, формирование научного мировоззрения подрастающего поколения, психолого-педагогические концепции.

**PSYCHOLOGICAL-PEDAGOGICAL CONCEPTS AND APPROACHES TO THE PROCESS OF DEVELOPMENT OF A SCIENTIFIC WORLD OUTLOOK OF THE YOUNGER GENERATION**

In this article the author subjected to review the psychological-pedagogical concepts and approaches to the process of development of a scientific world Outlook of the younger generation. World pedagogical ideas has always highly valued the importance of forming a scientific Outlook of students, which put forward a number of interesting and useful ideas, suggestions, concepts. In modern pedagogical literature developed some of the approaches to the definition of «scientific Outlook», its structure and typology.

**Key words:** scientific world Outlook, structure and typology, formation of the scientific world Outlook of the younger generation, psychological-pedagogical concepts.

**Сведения об авторе:** ***И.Т.Касымова*** – кандидат педагогических наук, проректор по воспитательной работе ТГИЯ им.С.Улугзаде, Телефон: **918-50-63-19**

# ИЛМ - ЯРОҚЕСТ БАҲРИ КОМИЛ КАРДАНИ АҚЛ

***Т.Рашидов***
**Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

Бо саъю талошҳои Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъминоти соҳаи маорифу тандурустӣ бо таҷҳизоти техникӣ ва электронӣ хеле беҳбуд ёфта истодааст. Аз ҷумла, чуноне ки аз Паёми Президент ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2013 бармеояд, музди меҳнати муаллимон ва духтурон солҳои 1992-1995 3-5 сомонӣ ва хизматчиёни давлатӣ 17- 25 сомониро ташкил медод, айни ҳол бошад он то 85 маротиба зиёд шудааст.

Имрӯз дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишварамон аз 28 мамлакати ҷаҳон қариб 3500 нафар донишҷӯёни хориҷӣ таҳсил менамоянд. Танҳо соли 2010, дар қаламрави кишвар зиёда аз 200 мактаб барои 40000 ҷойи нишаст ва соли 2011, 211 мактаб барои 33841 ҷойи нишаст сохта, ба истифода дода шуд.

Соли 1991 ҳамагӣ 139 адад рӯзномаву маҷалла вуҷуд дошт, ки фақат чортои он хусусӣ буд. Имрӯз 404 рӯзномаву маҷалла ба табъ мерасад, ки аз ин теъдод 250-тои он хусусӣ мебошад. Ҳоло дар мамлакат 44 шабакаи радиотелевизионӣ амал мекунад, ки 28-тои он хусусӣ мебошад.

Тайи солҳои 1997-2010 тибқи квотаи президентӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар зиёда аз 10000 ҷавонон ба таҳсил фаро гирифта шудаанд, ки аз ин теъдод 7500 нафарашон духтарҳо аз ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон мебошанд.

Бо вуҷуди ҳамаи пешравиҳои зикргардида, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки таваҷҷуҳ ва муҳаббати ҷавонон ба омӯзиши илму адаб кам шудааст. Дар кӯчаю бозорҳо, нақлиёт ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ костагии одоби ҷавонон чашмрас мебошад. Шумораи ҷиноятҳо аз ҳисоби талабаҳо ва донишҷӯён афзуда истодааст. Ин худ шаҳодати он аст, ки талаботи Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» на дар ҳама ҷо риоя мешавад. Аз тарафи дигар, сатҳи таълиму тарбия дар оила, миёни ҷомеа ва муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, олӣ ва олии касбӣ ба талабот ҷавобгӯ нест. Камбудиҳои номбурда сабаби он шуда истодааст, ки имрӯз ҷомеаи моро падидаҳои нанговару зишт фаро гирифтааст. Аз ҷумла:

1. Афзоиши шеъру сурудҳои бефоида (пуч) миёни ҷомеа.
2. Сол ба сол зиёд шудани истифодаи сигору носу шароб.
3. Хушунат дар оила, риоя нагардидани ҳуқуқи зан.
4. Бетаваҷҷуҳии ҷавонон ба илмандӯзӣ.
5. Зиёд шудани худкушӣ миёни ҷавонон.
6. Риоя нашудани тозагӣ ва нигаҳдории саломатӣ.
7. Рӯз аз рӯз бад шудани муносибати ҷавонон нисбати муҳити зист (инсонҳо, ҳайвонот, олами наботот ва ғайра).

Банда сабаби пайдо шудани камбудиҳои зикргардидаро аз назари дини мубини ислом то андозае шарҳ доданӣ ҳастам. Ҳоло 97 фоизи мардуми Ҷумҳурии Тоҷикистон пайрави дини мубини ислом мебошанд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи умумиҷумҳуриявӣ доир ба танзими расму ойинҳои миллӣ ва анъанаву маросимҳои диннӣ, ки 24 майи соли 2007 барпо шуда буд, чунин ибрози назар кард: *«Дин дар ҳаёти ҷомеаи башарӣ яке аз рукнҳои асосии маънавиёту фарҳанги гузаштаву имрӯза, нерӯи тавоно ва мафкураи оммавӣ маҳсуб меёбад. Ҳамзамон, дин бонуфузтарин шакли шуури ҷамъиятӣ мебошад. Аз ин рӯ, мо ки ҳоло эъмори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявиро пеш гирифтаем, нисбат ба чигунагии шуур ва сатҳи маърифати динии шаҳрвандони кишвари худ бетараф буда наметавонем. Зеро таҳлилу мушоҳидаҳо собит месозанд, ки бо сабаби дар сатҳи паст қарор доштани маърифати динии мардуми мо ба зиёдаравиҳо роҳ дода, бо ин рафторашон дар зиндагии худ душвориву мушкилоти сунъӣ эҷод менамоянд».*

Инсон махлуқи шарифи Худост, ки аз рӯҳу ҷасад иборат буда, ҳар яке ба камбудиҳои хос мувоҷеҳанд. Ҷасад то он даме, ки рӯҳ дар ӯст махлуқи зинда аст ва чун рӯҳ аз ӯ ҷудо гардад, беҷону мурда ҳисобида мешавад.

Бояд қайд кард, ки тибқи фармудаи **ояи… сураи…** ***«Қул куллу яъмал ало шокилатиҳи» яъне….*** аз ин чунин бармеояд, ки теъдоди фикру андешаи инсон дар рӯйи замин баробари миқдори бандаҳоест, ки дар кураи замин зиндагӣ мекунанд.

Худо дар «Қуръон»-и азимушшаън фармудааст, ки: ***«Фаизо саввайтуҳу ва нафахту фиҳӣ мин руҳӣ фақаъу лаҳу соҷидин»,*** яъне ҳақиқати инсон пас аз дамидани рӯҳ комил мешавад ва мо медонем, ки тафаккуру андеша аз рӯҳ сарчашма мегирад. Аз ин рӯ, қисмати асосии инсон ин ҳамон рӯҳ аст, ки маншаи андешаю фикру тааққулу тадаббур мебошад ва ҳамин хосиятҳост, ки инсонро аз дигар ҳайвонот ҷудо месозад ва ӯро бартар аз фариштаҳо ва масҷуди онҳо гардонидааст.

Дар бораи ҷойгоҳи фикру эҳсос ва андешаи инсон Мавлоно Румӣ мефармояд:

***Эй бародар ту ҳамон андешаӣ,***
***Мо бақо худ устухону решаӣ.***
*Ва ё ҷойи дигар омадааст:*
***Ҳис асири ақл бошад, эй фалон,***
***Ақл асири рӯҳ бошад, ҳам бидон.***

Фармудаҳои ояту ҳадисҳо ва гуфтаи Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ маънои онро доранд, ки андеша, тааққул, тафаккур, тадаббур, тамиз, тааммул, сабр, фаросат, ки манбаи онҳо ақл аст, аз рӯҳи Худо дамида сарчашма мегирад ва бо омӯхтани илм комил мегардад.

Чуноне ки Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониашон гуфтаанд: **«Ислом дар таълимоти худ ба илму маориф ихтилоф наметварзад, баръакс маҷмӯи оятҳои «Қуръон» ва ҳадисҳои Пайғамбар (с) мусулмононро ба омӯхтани илму фарҳанг даъват менамояд. Зеро диндорие, ки бар илму маърифат устувор нест, ҳосили он хурофоту таассуб ва ҷаҳлу нодонӣ мебошад»** *(Эмомалӣ Раҳмон, 24 майи соли 2007 ҷаласаи умумиҷумҳуриявӣ доир ба танзими расму ойинҳои миллӣ ва анъанаву маросимҳои динӣ.)*

Дар мавриди офариниши ақл, Расули акрам (с) фармудаанд:
***«Инна аввала мо халақаллоҳу ал- ақл»,*** яъне Худо аввал ақлро офарид.
Ишора ба ин фармуда, Мавлоно Румӣ чунин гуфтаанд:

***Некӣ аввал дасти Яздони маҷид,***
***Аз ду олам пештар ақл офарид.***

Чи тавре ки шайх Саъдӣ фармудаанд:

***Ақл дар тан ҳокими эмон бувад,***
***Чун зи бимаш нафс дар зиндон бувад.***

Аммо мардуми мо баъзан ақлро комил накарда, аз бесаводӣ ва бадахлоқӣ, рӯҳашонро зери тасарруфи танашон қарор медиҳанд, ки ба ҳамин сабаб бандаи нафсу васвасаи шайтон гардида, ба корҳои шар даст мезананд, ки сабаби зиёд шудани амалҳои зишт дар миёни ҷомеа мегардад.

Баҳри комил кардани ақл Пайғамбар (с) фармудаанд: **«Ал илму силоҳун » яъне, илм яроқест барои комил кардани ақл.**

Аз ин рӯ гуфтан мумкин аст, ки ҷое илмомӯзи нест, он ҷо ақлҳо комил набуда, амалҳои бад ҳукумфармост.

Дар ин маврид Афлотун гуфтааст: **«Дар давлате, ки ахлоқ нест, қонун коре карда наметавонад».**

Ҳар фарди ҷомеае, ки худро мусулмон мешуморад, фармудаҳои Худою Пайғамбарро (с) ба миқдори тавоноиаш бояд амалӣ кунад. Дар ин маврид Худо дар «Қуръони маҷид» фармудааст: ***«Ло юкалифуллоҳу нафсан ило вусъаҳо»*** яъне Худо аз ҳар кас ба андозаи қудрату тавоноиаш талаб мекунад. Дар ин маврид дар «Қуръони маҷид» омадааст: ***«Ва ҳадайноҳун наждайни»... ё ки «Фа алҳамаҳо фуҷураҳо ва тақвоҳо»...*** яъне барои инсон ду роҳро пешниҳод кардам: яъне яке роҳи хайр, ки ҷонибдораш Худо(ҷҷ), дигараш роҳи шар, ки пуштибонаш шайтон мебошад.

Аз ин хотир инсон миёни ин ду роҳ қарор дошта, ихтиёр ба худаш ҳаст, ки кадоме аз ин роҳҳоро интихоб намояд. Барои инсон нуктаи ҳассос ва нозук ин аст, ки аз ҷониби Худо ин ихтиёрро дар даст дошта, ба воситаи он имтиҳон мешавад.

Дар ин маврид Мавлоно Ҷалолуддин фармудаанд:

***Он ки гӯйи ин кунам ё он кунам,***
***Худ нишони ихтиёр аст эй санам.***

Аз ин фармудаҳо бармеояд, ки ҳамаи амалҳои баде, ки дар боло зикр кардем, ба гурӯҳи амалҳои шар дохил шуда, дар васвасаи нафс ва шайтон қарор доштани одамро далолат мекунад.

Саволе ба миён меояд, ки мо чӣ гуна мусулмон ҳастем, ки бештар дар риояи фармудаҳои шайтон қарор дорем?

Барои мисол, бештари вақтҳои холии ҷавонон, хизматчиёни давлатӣ, зиёиён бо гуфтору суханҳои пуч ва бефоида мегузарад, ки ин худ аз хислатҳои бади инсонӣ маҳсуб меёбад.

Аз тарафи дигар баъзе шеърҳое, ки аз ҷониби шоирон навишта мешаванд ва бештари сурудҳое, ки сарояндагон дар телевизиону радио ва тӯю маъракаҳо месароянд, мантиқу муҳтавои пуч ва хасакӣ дошта, зеҳният ва маърифати ҷомеаро хароб мекунанд.

Ҳамзамон заъфи фаҳми роҳбарони телевизиону радио боиси он мегардад, ки то 80 фоизи барномаҳои пахшгардида аз гуфтору рақсу сурудҳои пуч иборатанд.

Бинобар он, Худо дар «Қуръони маҷид» фармудааст: ***«Ё аюҳаллазина оманутаққуллоҳа ва қулу қавлан садидо»,*** яъне онҳое, ки имон овардед ва аз Худо метарсед, суханҳои пуч нагӯед. Дар ин маврид Пайғамбар (с) фармудаанд: ***«Аузу бика мин имлмин ло янфаъу»,*** яъне эй Худо ба ту паноҳ мебарам аз илмҳои бефоида.

Ишора ба ин фармудаҳо Мавлоно Румӣ гуфтаанд:

***Одамӣ махфист дар зери забон,***
***Ин забон пардаест дар даргоҳи ҷон.***

Ишора ба ин фармудаҳо Шайх Саъдӣ меафзояд:

***Забон дар даҳон эй хирадманд чист,***
***Калиди дари ганҷи соҳибҳунар.***
***Чу дар баста бошад, чи донад кассе,***
***Ки гавҳарфурӯш аст, ё пилавар.***

Ва ё дар бораи илме, ки амали худро наёфта, ба ҷомеа фоидае наовардааст, Ҳаким Саноӣ ишора ба ҳадиси зикргардида фармудаанд:

***То ту дар илм ба амал нарасӣ,***
***Олими фозилӣ, вале нокасӣ.***

Доир ба шоироне, ки маъно ва муҳтавои шеърашон паст аст, Худо дар «Қуръони» маҷид сураи Шуаро ояи 224 ва 225 фармудааст: ***«Ваш шуароу яктабиуҳумул говун алам тара аннаҳум фи кулли водин яҳимун»,*** яъне гумроҳон аз пайи шоирон мераванд, оё надидед, ки шоирон дар ҳар водие саргардонанд.

Баъд аз нузули ояҳои зикргардида саҳобаҳо аз Расули Акрам (с) пурсиданд, ки оё ҳамаи шоирон тибқи ояти фармуда гумроҳанд? Дар ҷавоб Расули Акрам (с) фармуданд, ҳар шоире, ки маъно ва мӯҳтавои шеъраш аз ойинномаи одамӣ, яъне аз

фармудаҳои Худою Пайғамбар (с) бармеояд ва он дар роҳи хайру ҳидояти мардум равона шуда бошад, ин гуна шоирон пайравони пайғамбарон мебошанд.

Дар ин маврид аллома Иқбол фармуданд:

***Шеърро мақсуд агар одмагарист,***
***Шоирӣ ҳам ворисӣ пайгамбарист.***

Агар ба мантиқи ин фармудаҳо аҳамият диҳед, мебинед, ки баъзе нависандагони муосир аксари эҷодашон ба ҷуз аз ситоишу таърифи бобою бобокалону хешу табору ҷӯраҳояшон чизи дигар нест.

Мардуми мо, хусусан баъзе ходимони дин гумон мекунанд, ки аз як миқдор ояҳои «Қуръони маҷид» бархурдор будан, истифодаи ришу салаю ҷелак ва намозу рӯзаю ҳаҷ доштан, ки барои анҷоми онҳо умри зиёди инсон сарф намешавад, иктифо карда, бо амалҳои зоҳирпарастона худнамоӣ мекунанд.

Ва баъзан бо андешаҳое, ки зоҳиран зебою ботинан муғризона аст, аз номи ҳизбу гурӯҳҳо ва ҷомеаҳо баромад карда, мехоҳанд мафкураи як гурӯҳ мардуми нодонро ба сиёсатҳои манфиатҷӯёнаи худ гирифтор созанд.

Дар баъзе маврид кор ба дараҷае расидааст, ки намояндаи баъзе ҳизбҳои шинохтаи ҷомеа дар ҳубби дунё ғарқ шуда, бо ҳар гуна суханҳои пуч ва риёкорӣ меҳри модарро бо мақому мансаб иваз мекунанд.

Шаҳрвандони ҷумҳурӣ талаботи Конститутсияро хуб медонанд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати дунявӣ эълон шуда *«дар Тоҷикистон ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ инкишоф меёбад. Мафкураи ҳеҷ як ҳизб, иттиҳодияи ҷамъиятӣ, динӣ ҳаракат ва гурӯҳе наметавонад ба ҳайси мафкураи давлатӣ эътироф шавад. Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ дар доираи Конститутсия ва қонунҳо таъсис меёбанд ва амал мекунанд»* (Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 8, с 9)

Аммо аз дидгоҳи шариат дар асл Худо бандаро дар ҳар лаҳзаи умраш назорат мекунад ва дар ҳар лаҳза ба ӯ баҳои сазовор доданро ваъда додааст.

Чуноне ки дар ояи 7 ва 8 сураи «Зил-зол» фармудааст: *«Фа ман яъмал мисқола зарратин хайран яраҳ ва ман яъмал мисқоло зарратин шарран яраҳ»,* яъне ҳар зарра амали неке, ки анҷом медиҳӣ ва ҳар зарра амали баде, ки мекунӣ подошашро мегирӣ.

Дар ин маврид гуфтан мумкин аст, ки инсон дар як шабонарӯз, ки аз 24-соат иборат аст, агар панҷ вақт намозро 5-7 дақиқагӣ анҷом диҳад, ҳамагӣ 35-дақиқаро ташкил медиҳад. Дар тӯли умр як бор ҳаҷи фарзиро адо кунад, ҳамагӣ 30-рӯз вақт сарф мекунад. Дар тӯли бақияи умр, Худо (ҷ) инсонро таъкид кардааст, ки дар истифодааш ҳушёру зираку чолок буда, шукргузорӣ кунад.

Хусусан Худо дар бораи ба банда ато кардани чашму гӯшу забон дар «Қуръони маҷид» фармудааст: *«Ваҷаално самъа вал абсора вал афидата лалаку ташкурун»,* яъне чашму гӯшу забон, ки ба ту додам аз истифодааш шукргузор бош, эй банда. Аз ин фармудаҳо бармеояд ки, агар инсон намозу рӯзаю ҳаҷу закоти худро дар муҳлатҳои ночизи умри худ иҷро кунаду боқимонда вақтро бо амалҳои пуч, яъне дидани чизҳои мамнӯъ бо чашм, шунидани суханҳои нолозим бо гӯш ва гуфтани суханҳои пуч бо забон сарф кунад, ӯро бадкирдор гуфтан мумкин аст.

Дар ин маврид, Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ фармудаанд:

***Се поси ту чашм асту гӯшу забон,***
***К-з ин се расад неку бад бегумон.***

Аммо барои нафароне, ки дар фармудаҳои Худо зоҳирпарастона амалӣ мекунанду аз аслии фармудаҳои «Қуръони маҷид» дар истифодаи узвҳои тани худ бетафовутӣ мекунанд, Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ мефармоянд:

***Мо зи «Қуръон» магзро бардоштем,***
***Зоҳирашро бар харон бигзоштем.***

Имрӯзҳо, ки мардуми мо барои рӯза доштани моҳи шарифи рамазон омодагӣ доранд, аксаран хаёл мекунанд, ки фақат аз субҳи содиқ то намози шом нахӯрдану наошомидан рӯзадорӣ бошад, ки ин албатта, хатост.

Тибқи фармудаҳои Худою Пайғамбар (с) барпо доштани моҳи шарифи рамазон аввало дар парҳез омода кардани забону гӯшу чашм ва баъдан аз нахӯрдану наошомидан иборат аст.

Хулоса, гуфтан мумкин аст, ки суханҳо ва шеъру сурудҳои пучу бемантиқу бемаънӣ ба он марбут аст, ки ҷомеаро камбудиҳо фаро гирифтаанд.

Дар мавриди дигар бояд зикр кард, ки зиёда аз 40 фоизи мардуми Тоҷикистон камбизоат мебошанд. Яъне, имрӯз баъзе оилаҳои бемор ҳастанд, ки муҳтоҷ ба маблағи доруву дармон мебошанд.

Ва ё имрӯз бисёр мактабу масҷиду кӯпруку роҳҳо эҳтиёҷ ба таъмир доранд. Аммо баъзе ашхос ин эҳтиёҷотро дидаву дониста ба ҷойи кори хайр рӯ ба корҳои шар меоранд, дар ҳоле ки онҳо ҳам даъвои мусулмонӣ мекунанд.

Барои мисол, тибқи оморҳо дар ҷумҳурӣ ба ҳисоби миёна ҳар сол на кам аз 30 миллион доллар барои сигор, зиёда аз 32 миллион доллар барои нӯшокиҳои спиртӣ ва зиёда аз 10 миллион доллар барои нос харҷ карда мешавад, ки ин худ аз назари дини мубини ислом амалӣ зишту нораво маҳсуб меёбад.

Гарчи аз ҳисоби фурӯши сигору шаробу нос як миқдор маблағ ба буҷети давлат ворид шавад ҳам, аммо мутахассисони соҳаи тибби муосир, истифодаи маводҳои номбурдаро зиёновар дониста, собит мекунанд, ки истифодаи онҳо мунҷар ба бемориҳои ҷиддӣ шудани инсонҳо мегарданд.

Дар ниҳоят гуфтан мумкин аст, ки истифодаи сигору носу шароб инсонро гирифтори беморӣ гардонда, буҷети оилавии шаҳрвандонро хароб мекунад. Аз ин лиҳоз, агар мо Ватану миллатамонро дӯст дорем, агар ободиву осудагии хонадонамонро бихоҳем, бояд қарору қонунҳои давлат ва фармудаҳои дини мубини исломро риоя намоем ва аз гуфтану шунидани носазо, навиштану хондани суруди пучу бемаънӣ ва истифодаи сигору носу шароб даст кашем.

Ин худ далели бо илм комил кардани ақл, тибқи фармудаҳои шариат ва нишонаи дӯстдории миллату Ватан мебошад.


**НАУКА - ОРУЖИЕ ДЛЯ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ ИНТЕЛЛЕКТА**

Важной задачей системы образования является подготовка высококвалифицированных специалистов. Основные требования современного мира состоят из получения профессиональных знаний, умений и навыков и совершенствования учебно-интеллектуальных умений. Изучение науки достигается путем последовательного обучения, а воспитание является основной деятельностью педагога и общества в целом. Этическое воспитание человека должно начинаться с детства, в школе, потому что в этом возрасте легче накопить знания и освоить профессию, о чем свидеьельствует данная статья.



**Ключевые слова:** наука, интеллект, совершенствование интеллекта, интеллектуальные богатства, знания, умения и навыки.



**SCIENCE AS A WEAPON TO IMPROVE INTELLIGENCE**

An important task of the education system is to prepare highly qualified specialists. The basic requirements of the modern world consist of gaining professional knowledge and skills, and improving the educational and intellectual skills. The study of science is achieved through the consistent training and education is the main activity of the teacher and the society in General. Ethical education of human must begin with the childhood, in school, because at this age it is easier to gain knowledge and learn a profession, what свидеьельствует this article.



**Key words:** science, intellect, improvement of intelligence, intellectual wealth, knowledge and skills..



**Сведения об авторе:** ***Т. Рашидов*** – соискатель Института развития образования Академии образования Таджикистана. Телефон:**904-01-20-23**


## АХЛОҚИ ҲАМИДА-ВОСИТАИ МУҲИММИ ТАШАККУЛИ ШАХСИЯТ


***М.Х.Давлатова***

**Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ**


Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати мустақили тозаистиқлол дар марҳилаи ташаккули давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона қарор дорад. Рушди минбаъдаи он ба тарбияи шахсиятҳои сатҳи баланди ахлоқӣ, дунёи пурғановати маънавӣ, фикру ҷисми солим, эҳсоси баланди ватандӯстӣ ва худогоҳии миллӣ дошта, риоягари қонунҳо, озодиҳо, заҳматписанду зебопараст, сарфаю сариштакор, ботаҳаммулу тоқатпазир, масъулиятшиносу фаъол ва созандаю эҷодкор вобаста аст. Тарбияи чунин шаҳрвандон вазифаи давлат, ҷомеа ва оила аст.

Тарбияи ахлоқӣ дар асоси арзишҳои миллӣ, маънавӣ ва умумибашарӣ ба амал бароварда мешавад. Мазмунан вай пурғановат ва бой хоҳад гашт, зеро арзишҳои номбурда ҳамаи тарафҳои тарбияи ахлоқиро дар бар мегирад.

Вазифаҳои тарбияи ахлоқӣ аз он иборат аст, ки муносибати неки одамро ба ҷамъият ташаккул диҳад, ба иллату камбудиҳои ахлоқӣ нафрат пайдо кунонад, интизоми бошуурона тарбия намояд, барои инкишофи ҳаматарафаи шахсият мусоидат кунад. Адлу инсоф, инсондӯстӣ, ватандӯстӣ, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ,

ба хоку обу ҳавои Ватан аз қабили хислату хусусиятҳое мебошанд, ки барои бунёди давлати ҳуқуқбунёду демократӣ заруранд.

Аз ҳамин лиҳоз ба омӯзгор лозим аст, ки дар тарбияи шаҳрванд (хонандагон) дар замири онҳо ҷой кардани масъулиятшиносӣ ба манфиати халқ ва ҷамъият меҳнат кардану мубориза бурданро ҷой намояд.

Камбудиҳои ахлоқи бачагон пеш аз ҳама дар мактаб ва оила ба назар менамоянд. Пешгирию бартараф сохтани онҳо худ аз худ ба вуҷуд намеояд. Зидди камбудиҳо муборизаи дастаҷаъмона бояд бурд.

Таҷриба собит намуд, ки кори якҷояи мактабу оила ба он бояд равона гардад, ки дар фарзандон, наврасон самимият, ташаббускорӣ, фаъолиятнокӣ, меҳнатдӯстӣ барин сифатҳои хуби ахлоқиро парвариш намоянд.

Одамизод ва ахлоқ бе ҳамдигар вуҷуд дошта наметавонанд. Ахлоқ яке аз шаклҳои шуури чамъиятӣ мебошад, ки дар ҳар ҷомеа одамон аз рӯйи қоидаҳои мавҷудаи он амал ва зиндагонӣ мекунанд. Қонунҳоро риоя менамоянд. Одобу рафторро ахлоқ муайян карда, муносибати байниҳамдигарии одамон, муносибаташонро ба давлат, моликият, оила ва воситаҳои истеҳсолӣ, ба маҳсули меҳнат ва ғайраҳо нишон медиҳад.

Ахлоқ рафтору амали одамонро ба танзим медарорад. Ахлоқу одобро чи тафовутест? Ахлоқ чаҳонбинӣ бо амали ботинии инсон алоқаманд аст. Одоб бошад рафторест, ки дар ҳаракату муносибатҳои ҳар кас ба чашм мерасад ва падидор мегардад.

Аз замонҳои қадим ба тарбияи ахлоқӣ аҳамияти махсус дода мешуд, имрӯз ҳам дар оила ва фаъолияти мактаб ба ин масъала эътиборӣ бузург дода мешавад. Мавқеи он дар байни шаклҳои дигари тарбия торафт маҳкамтару устувортар мешавад, чунки тақозои даври гузариш ба иқтисоди бозаргонӣ чунин аст.

Мушоҳидаҳои мо нишон дод, ки ахлоқ як хел намеистад, дар ҳар давраи тараққиёти чамъият дигаргун мешавад. Маълум аст, ки баробари пешрафти иқтисоди ҷамъият тасаввуроти одамон дар бораи одоби хуб ва бад, кори хайр ва шар, адлу инсоф ва баадолатӣ тағйир меёфт.

Тарбияи ахлоқии хонандагон аз вазифаҳои муҳимтарини мо омӯзгорон ва мактабҳост. Моҳияти он ба ташаккули шуури ахлоқӣ, ҳисси ахлоқӣ, маҳорату малакаҳои рафтори зебо хизмат мекунад, ки онҳо дар ягонагӣ зуҳур меёбанд. Пешрафти ахлоқии шахсият дар вақти фаъолият ҷиҳати ахлоқиро дорост. Ҳангоми фаъолият ба ҳамдигар хонандагон равобити ахлоқӣ доранд, ки ба қоидаҳову меъёрҳои азхудкардаашон асос ёфта, ба усулҳои ахлоқӣ мувофиқ мебошанд. Муносибатҳои ахлоқии онҳо ҳангоми иҷрои фаъолият дараҷаи тарбияи ахлоқиашонро ҳувайдо месозад.

Волидайн ва омӯзгорон дар бораи ҳар хонанда, фаъолияти ӯ ба кадом шуғл мароқ варзиданашро дида баҳо медиҳанду андеша мекунанд, ки фаъолияташ мувофиқи талаботи ахлоқ, талаботи ҳаёт, қоидаҳои мактаб ё хилофи онҳост.

Ахлоқ оид ба тафовути нек ва бад баҳс намуда, роҳи хушахлоқ шудани хонандагонро мунаввар менамояд.

Дар урфият ҳар хонандаро як ҷаҳон мегӯянд, ахлоқашро низ олами дигари мураккаб номанд, хато нахоҳад шуд, чунки ҷаҳони ҳозира ва ботинии инсон, дили ӯро омӯхтан, донистану таҳлил кардан басо душвор аст. Одами хушахлоқ хислатҳои ҳамида, меҳру вафо, шавқат, адлу инсоф, шарму ҳаё, ҳимматбаландию саховатпешагӣ, эътиқодро муҷассам месозад, шахси бадахлоқ бошад, баръакс таҷасумгари хислатҳои бад аст.

Ҳар халқу миллат бо фарзандони шӯҳратманди худ, ки хислатҳову сифатҳои беҳтарин доштанд, ифтихор мекунад.

Таърих гувоҳ аст, ки аз қадимулайём мардуми соҳибтамаддуни мо ба тарбияи фарзанд аҳамияти хоса зоҳир намуда, барои дар рӯҳияи ватандӯстиву хештаншиносӣ, донишандӯзиву маърифатпарварӣ, ҷавонмардиву ахлоқи ҳамида ба воя расонидани фарздони худ ҳамеша кӯшиш мекарданд.

Доир ба ин мавзӯъ асарҳо, панду насиҳатҳо, ҳикояту ривоятҳо таълиф шуданд, ки имрӯз ҳам барои тарбияи ахлоқӣ қадру қимати беандоза доранд. Ба монанди: «Қобуснома»-и Унсуралмаолии Кайковус, «Насиҳатнома»-и Имоми Аъзам, «Ахлоқи Носирӣ»-и Носируддини Тусӣ, «Кимиёи саодат»-и Ғазолӣ, «Ахлоқи Муҳсинӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ, «Ахлоқи Ҷалолӣ»-и Давонӣ ва ғайраҳо

Муссалам аст, ки дар Қуръони маҷид қариб кулли масъалаҳои ахлоқи ҳамидаи инсонӣ ифода ёфтааст. Дар сураҳои Қуръон ва ҳадисҳои Паёмбар Муҳаммад (алайҳиссалом) аҳамияти амали нек, зарари рафтору одатҳои бад баён гардидаанд. Гузаштагонамон дар асоси ҳамин офаридаҳо тарбия гирифтаанд.

Таҷрибаи педагогӣ нишон дод, бояд кӯдакро сараввал аз оила ва баъдан аз рӯзҳои аввали ба мактаб омаданаш оид ба поктинативу зебоипарастӣ, башардӯстиву инсонпарварӣ ва заҳматкашиву ободкорӣ тарбия дода, дар рӯҳияи ифтихори ватандорӣ ба камол расонем.

Таълиму тарбия дар пайвастагии мутақобилаи се ниҳоди иҷтимоӣ: оила, мактаб ва ҷомеа рӯҳи равони воқеӣ пайдо мекунад. Ба ин се ниҳод муҳити атроф ва фазои иттилоотӣ, ки дар натиҷаи раванди ҷаҳонишавӣ вусъати азиме пайдо кардааст, таъсири зиёд мерасонад.

Тарбияи ахлоқӣ муносибати хонандаро ба ҷамъият бояд як зина баландтар бардорад ва ривоҷу равнақ бахшад.

Мушоҳидаҳои мо нишон дод, ки омӯзгор дар дарсҳо ва берун аз онҳо ба хонандагон маънои ваҳдат, дӯстӣ, ҳамкорӣ ба ҳамдигар ёрирасонӣ ва хислатҳои муҳими ташаккули шахсиятро мефаҳмонад. Ин дар маҷмӯъ пешрафти иқтисодӣ, сиёсии ҷамъиятро таъмин менамояд. Бо ҳамин роҳ ба наврасоне, ки дар Тоҷикистон мехонанд ва зиндагонӣ мекунанд, ҳидоят карда мешавад, ки оянда соҳибони ҳақиқии Ватан  шуда ба воя расанд ва баҳри ободиву сарсабзии кишвар ғамхорӣ намоянд, то комёбиҳо бештар афзудан гиранд.

Яке аз вазифаҳои тарбияи ахлоқӣ пайдо кунонидани интизоми бошуурона дар хонандагон мебошад, ки чунин интизом дар фаъолияти ҳаррӯза, рафтору кирдор, дар муомила бо дигарон, яъне дар ҷаҳонбинии шахс падидор мегардад.

Барои тарбияи ахлоқӣ дар мактаб қоидаҳо барои хонандагон, чун барномаи тарбияи ахлоқӣ сармашқи кор шуда хизмат мекунад. Ин барнома хеле васеъ буда, муносибатҳои гуногуни ахлоқиро дар бар мегирад ва дар ҳамин муносибатҳо сифату хислатҳои шахсияти хонанда ба назар падид меояд.

Ба инобатгирии хусусиятҳои синнусолӣ ва фардӣ дар тарбияи ахлоқӣ шарти муҳими пешрафти кор мебошад. Агар муаллим, роҳбари синф хусусиятҳои хонандагонро донад, нақшаи кор ва силсилаи чорабиниҳоро мувофиқи талабот ба роҳ мемонад, самарабахши чораҷӯиҳо зери роҳбарии ӯ меафзояд.

Дар мактаб тарбияи ахлоқӣ, ки аз оила оғоз шуда буд, идома меёбад, акнун муаллим тасаввуроту одатҳои хуби ахлоқиро, ки дар оила хонандаи хурдсол пайдо кардааст, васеътар ва бойтар мекунад, ба рафтори шарикдарсҳо баҳои дуруст доданро оҳиста- оҳиста, қадам ба қадам ва ҳар рӯз ёд медиҳад.

Як хусусияти хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар он аст, ки онҳо ба калонсолон бовар мекунанд. Агар калонсолон ягон қоидаи одобу рафторро ҳаяҷонбахш, бо мисоли ҳаётӣ фаҳмонанд, онро бечуну чаро риоя мекунанд.

Мушоҳидаҳои мо собит намуд, ки қоидаҳо барои талабагон, қоидаи созмони «Ахтарон» дар ташкили корҳо доир ба тарбияи ахлоқӣ аҳамиятнок мебошанд вале бояд дар хотир дошт, ки худи бачагон талаботи қоидаҳои зикршударо ба пуррагӣ сарфаҳм намераванд. Аз ҳамин сабаб барои дуруст фаҳмонидани қоидаҳо махсус кор бурдан лозим аст. Фаъолияти гуногуни кӯдаконро ташкил намуда, муаллим дар рафти фаъолият ягон талаботро оиди меъёри рафтор шарҳ диҳад, хонанда дуруст фаҳмида мегирад.

Дар натиҷаи кори мураккабу тӯлонӣ насли наврас қоидаву талаботи ахлоқиро аз худ карда метавонад вале донистани қоидаҳо фақат як тарафи масъала аст. Одами аз ҷиҳати ахлоқӣ тарбиягирифта шахсест, ки на танҳо донишҳои ахлоқиро аз бар намудааст, балки дар вазъияти ғайриоддӣ чи тавр рафтори дуруст карданро медонад.

Баъзан чунин ҳам мешавад, ки дониши қоидаву қонунҳои ахлоқ ба одобу рафтори хонанда таъсир намерасонад. Масалан, сухани хонанда аз амалаш фарқ мекунад, яъне шуур ва рафтори ӯ мувофиқат надорад. Хонанда медонад, ки бояд хубу аъло хонад, ин қарзи ӯст, аммо бад мехонад, ба дарсҳо бетайёрӣ меояд.

Вазифаи мактаб дар чунин ҳолат аз он иборат аст, ки мактабиён қоидаву меъёрҳои ахлоқиро бошуурона аз худ намоянд. Онҳоро дар ҳаёт дастури амалиёти хеш гардонанд. Барои ин зарур аст, ки донишашон ба эътиқод мубаддал шавад ва олатҳои ахлоқӣ ба вуҷуд ояд.

Ҳамин тавр, тарбияи ахлоқии хонандагон бо назардошти хусусиятҳои сину сол ва фардии онҳо бояд ба роҳ монда шавад.

Тарбияи хислату сифатҳои ахлоқӣ бидуни таъсиррасонӣ ба шуур, ҳиссиёт ва рафтору одоби хонанда имконнопазир аст. Барои таъсиррасонӣ ба онҳо шаклҳо ва услубҳои тарбияи ахлоқӣ ба вуҷуд омадааст, ки шаклу услубҳо ба ду гурӯҳ ҷудо карда мешавад. Ба гурӯҳи якум услубҳое шомиланд, ки бо ёрии онҳо шуури ахлоқӣ, муҳокимаҳо, баҳодиҳӣ, мафҳумҳо, эътиқод ташаккул меёбад. Суҳбати ахлоқӣ, нақлҳо оид ба мавзӯъҳои ахлоқу одоб, лексияҳо, мубоҳисаву конфронсҳо бахшида ба масъалаҳои ахлоқӣ, экскурсия ба ҳамин гурӯҳ дохил мешаванд. Гурӯҳи дуюми услубҳо ба ташкили ҳаёт ва фаъолияти хонандагон нигаронида шуда, ба пайдо кунонидани таҷрибаи муносибативу рафтори ҷамъиятӣ хизмат мекунад. Ба ин гурӯҳи шаклу услубҳои тарбияи ахлоқӣ машқ ва одаткунонӣ мутаасил бояд бошад.

**Суҳбати ахлоқӣ бо хонандагони синну соли** гуногун гузаронида мешавад. Тавассути суҳбат рафтору кирдори ҷудогонаи хонандагонро муҳокимаву таҳлил карда, баҳо дода хоҳад шуд. Инчунин суҳбат нишон медиҳад, ки ба хонандагон қоидаҳои одобро фаҳмонему тасаввурот ва мафҳумҳои ахлоқӣ пайдо кунонем. Дар рафти суҳбати ахлоқӣ хонандагон донишҳои ахлоқӣ мегиранд, ба масъалаҳои ахлоқӣ мароқ зоҳир мекардагӣ ва ба рафтори рафиқонашон баҳо медодагӣ мешаванд. Тадриҷан дар асоси донишҳо ақидаҳои ахлоқӣ ҳосил менамоянд ва ҳодисаҳоро муҳокима мекунанд. Ба он муяссар бояд гашт, ки дар муҳокимаи масъалаҳои ахлоқӣ хонандагон фаъолона иштирок намуда, ҳар кадомашон хулосаҳо бароранд, нуқтаи назари худро баён кунанд. Ягон далел ё ҳодиса, мисол аз адабиёти бадеӣ, матбуот ва намоишномаҳо мавзӯи сӯҳбати ахлоқӣ шуда метавонад. Мисол: муаллимони синфҳои гуногун ҳикояти зерини «Гулистон»-и Саъдиро вақти суҳбати ахлоқӣ моҳирона истифода мебаранд:

*Луқмонро гуфтам: Адаб аз,кӣ омӯхтӣ? Гуфт: Аз беадабон, ҳар чӣ аз эшон дар назарам нописанд омад, аз он парҳез кардам.*

Суҳбат набояд фақат насиҳатгӯйи аз тарафи муаллим бошад. Бигзор, ҳар кас фикрашро оид ба рафтору одоби яке иброз намояд. Интихоби мавзӯъ ба хусусиятҳои синнусолии хонандагон марбут аст. Омӯзгор хоҳиши хонандагонро ҳангоми интихоби мавзӯи суҳбат бояд ба инобат гирад.

Нақли ахлоқӣ дар мактабҳо аз тарафи муаллимон чун шакли услуби тарбияи ахлоқӣ васеъ кор фармуда мешавад. Вай равшану ҳаяҷонбахш баён намудани далелҳои мушаххас мебошад. Нақли ахлоқиро мактаббачагон шунида, дар бораи мафҳумҳои ахлоқӣ донишҳои иловагӣ мегиранд, аз таҷрибаи рафтори қаҳрамони нақл баҳраманд мегарданд ва ба рафтори худ, аҳли синфашон аз рӯйи донишу фаҳмиши нав баҳо медиҳанд. Нақли ахлоқӣ ба ҳиссиёти кӯдак бештар таъсир расонида, ӯро шарики шодиву хурсандии қаҳрамон менамояд, ҳамроҳу ғамгусораш месозад.

Саёҳат (экскурсия) низ барои тарбияи ахлоқии хонандагон аҳамиятнок аст. Вай дар алоқамандӣ ба хониш ташкил ва гузаронида мешавад. Ба экскурсия омодагӣ лозим аст, то натиҷаи дилхоҳ бахшад. Хонандагон вазифаҳои худро ҳангоми экскурсия донанд, мавзӯъ ва ҳадафи экскурсия қаблан муайян карда мешавад. Кӯдаконро ба осорхонаи мактаб, корхонаҳои истеҳсолӣ бурдан мумкин аст. Дар рафти экскурсия хонандагон дар хусуси меҳнат, корнамоиҳои халқ таасурот ва тасаввурот ҳосил мекунанд.

Мушоҳидаҳои мо собит намуд, ки экскурсия ба табиат барои хонандагони хурдсол диққатҷалбкунанда мебошад. Вай ҳифз намудани табиати зебо ва хушманзараи Ватанро ёд медиҳад, кӯмак мерасонад, ки баъзе мафҳумҳои ахлоқии вобаста ба табиатро сарфаҳм раванд.

Машқ ва одаткунонӣ ба ташаккули таҷрибаи одобу рафтори хонандагон мадад мерасонад. Аз тарафи муаллимон вазъи махсуси тарбиявӣ ба вуҷуд оварда мешавад, то ки хонанда шакли ба вазъ муносиби рафторро интихоб кунад. Фаҳмонидан лозим аст, ки худи хонанда фикр карда, шакли дурусти рафторро бошуурона интихоб намояд. Ин аст натиҷаи тарбияи ахлоқӣ, ки бе машқу такрори рафтори зарурӣ вуҷуд дошта наметавонад.

Дертар бо шарофати машқ одати ахлоқӣ ба вуҷуд меояд. Одати ахлоқӣ гуфта, шакли устувори рафторро меноманд, ки дар ҳар вазъияту ҳолат чун талаботи шахсият зуҳур мекунад, яъне амал бе ягон назорат иҷро карда мешавад.

Одатҳои ахлоқӣ мусбат ва манфӣ шуда метавонад. Барҳам додани одати бад дурудароз давом мекунад ва душвориҳо дорад. Дар аввал сабабҳои пайдоиши одатҳои бадро муайян карда, пешгирӣ менамоянд ва баъд одатҳои мусбатро тарбиякунон одати манфиро нест мекунанд. Худи хонанда дар ин ҳолат бояд фаҳмад, ки одати бад чӣ гуна зарар ва одати хуб чӣ афзалият дорад.

Мушоҳидаҳои мо нишон дод, ки муаллимони таҷрибанок ҳанӯз дар синфи ибтидоӣ барои пешгирӣ намудани одатҳои бад - дурӯғгӯйи, дӯздӣ, тамошои филмҳои аз синну сол берун, аз ҳад зиёд ба бозиҳои  компютери банд шудан, истеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ кори муайянро анҷом мебахшанд, ки қобили қабули дигарон аст.

Ҳамин тавр, агар хонанда дар одобу рафтор мақсаду омилҳои дурусти ахлоқиро дастурамали худ созад, метавон гуфт, ки инсони ҳақиқатан хушахлоқро ташаккул додем. Мо омӯзгорон мақсади ягона дорем, ки шогирдонро ба роҳи дуруст, анҷоми амалҳои хайру савоб, омӯзиши илму ҳунар ва азхуднамоии техникаву технологияҳои муосир, ширкати фаъолона дар корҳои ҷамъиятӣ ва ободониву созандагии Ватани азизамон - Тоҷикистон, ҳидоят намоем.

**АДАБИЁТ**


1. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. 3-марти 2006. -№94.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «Масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», 14.12.2010.
3. Макаренко А.С. Маърӯзаҳо оид ба тарбияи бачагон / А.С.Макаренко. -Душанбе: Маориф, 1980.
4. Нуров А. Кори  якҷояи оила ва мактаб дар тарбияи ахлоқии хонандагон / А.Нуров. –Душанбе: Маориф, 1989.
5. Лутфуллоев М. Забони модарӣ, синфи 4 / М. Лутфуллоев, Ф. Шарифов, И. Абдуллоев. -Душанбе, 2005.


**ХОРОШЕЕ ПОВЕДЕНИЕ – ВАЖНЫЙ СПОСОБ ФОРМИРОВАНИЯ ЛИЧНОСТИ**


Эстетическое воспитание играет важную роль в формировании личности, а так же в развитии хорошего вкуса и культуры поведения. Эстетическое воспитание – это чувство красоты, развитие способности воспринимать, чувствовать и понимать красоту в общественной жизни, природе и искусстве. В данной статье автор рассматривает правила хорошего поведения как важный способ формирования личности. Культура поведения является неотъемлемой частью культуры общества и для достижения максимального результата и становления воспитанного человека следует постоянно работать над собой и много учиться.



**Ключевые слова:** хорошее поведение, эстетическое воспитание, соблюдение правил приличия, культура поведения, правила хорошего тона, воспитанный человек, внешняя привлекательность.


**GOOD BEHAVIOUR IS AN IMPORTANT WAY OF FORMATION OF THE PERSONALITY**


Aesthetic education plays an important role in the formation of personality, and also in the development of good taste and culture of behavior. Aesthetic education is a sense of beauty, the development of the ability to perceive, feel and understand the beauty in public life, nature and art. In this paper the author examines the rules of good behaviour as an important way of formation of the personality. The culture of behavior is an integral part of culture of a society and achieve maximum results and becoming educated man should constantly work on myself and learn many things.



**Key words:** good behaviour, aesthetic education, observance of rules of decency, culture of behavior, good manners, educated man, external appeal.



**Сведения об авторе:** ***Давлатова М.Х***. – аспирантка Кулябского государственного университета им.А.Рудаки. Телефон:**918-84-63-44**

## ШАХСИЯТИ ИНСОН ВА НАҲВИ АРЗЁБИИ ОН

*Мино Тоҷмеҳр*
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Ин ки ҳар фард як мавқеиятро чи гуна арзёбӣ мекунад ва чӣ вокунише нисбат ба он рӯйдод дорад, ба тафовутҳои фардӣ ва вижагиҳои шахсиятии ӯ вобастагӣ дорад. Муқовимат ва сустии ҳар фард дар баробари падидаҳо мутаассир аз вижагиҳо, сифоти шахсиятӣ ва фитрии вай мебошад, ки дар шахсе ба шахси дигаре мутафовут аст. Дар воқеъ, шахсияти ҳар фард гароишҳои дерпои сириштии ӯ ва он воқеияти бунёдиест, ки заминасози тафовутҳои фардии муҳим дар рафтор маҳсуб мешавад. (Гилман, 1995).

Ба ҳамон нисбат, ки фаъолиятҳои афрод бо ҳам мутафовут аст, вижагиҳои шахсиятии афрод низ аз ҳам тафовут дорад. Чунончи, ҳатто, мизони вуқӯи ҳодисотдар зиндагии афродро метавон бо вижагиҳои шахсиятии онҳо пайванд дод. Ин ки афрод аз лиҳози ҳаяҷонӣ то чӣ андоза ба рӯйдодҳо вокуниш нишон медиҳанд, ё ин ки ба кадом вокуниш гароиш доранд, бо вижагиҳои шахсиятии онҳо бисёр муртабат аст. Бад ин тартиб, дур аз интизор нест, ки бо шиносоии вижагиҳои шахсиятии афрод, битавон каму беш ба пешбинии рафторҳо ва аксуламалҳои онҳо дар баробари як руйдод даст ёзид ва ба дунболи он ба назорати рафторҳое, ки саломати равонии афродро ба мухотира (хатар) меафканад, ноил шуд.

*Таърифи шахсият.* Дар ҳоли ҳозир, таърифи воҳиде аз шахсият, ки мавриди тавофиқи ҳамагон бошад, вуҷуд надорад. Баъзе аз равоншиносон шахсияти ҷанбаҳои биокимиёӣ ва физиологии куниши (амал) инсонро мутолиа мекунанд, баъзе дигар шахсиятро бо таваҷҷӯҳ ба вижагиҳое чун фарояндҳои ноҳушёр таъриф мекунанд, ки ба таври мустақим қобили мушоҳида нест ва бояд аз рафтор истинбот шавад ва саранҷом, баъзе аз равоншиносон шахсиятро танҳо аз тариқи иртиботи мутақобили афрод бо якдигар ва ё нақшаҳое, ки дар ҷомеа бозӣ мекунанд, таъриф кардаанд.

Бинобар ин, доманаи таорифи мавҷуд ва эҳтимолии шахсият аз фарояндҳои дарунии организм то рафторҳои шуҳуд, ношӣ аз таомили афрод дар навсон аст.

Таърифи илмӣ дар мавриди моҳияти шахсияти инсон бо таваҷҷуҳ ба чанд фарзи зер унвон шудааст:

1. Организми инсон бо соири гунаҳо мутафовут аст ва ин тафовутҳо дар мутолиаи шахсият аҳамияти хос пайдо мекунад. Инсон метавонад ба ин таҷриба биандешад. Рафтори инсон печида аст ва илали гуногун дорад. Метавонад аз фарде ба фарде тағйир кунад. Рафтор ҳамеша он нест, ки ба назар меояд, байни як рафтор ва илали он робитаи собите вуҷуд надорад.

2. Ҳамеша аз авомиле, ки рафтори моро таъин мекунад, огоҳ нестем ва ё онҳоро таҳти назорат надорем.

Сифати ёдгирӣ ва ё хасиса, маъмулан, ба анвои вижагиҳои айнӣ ва ё воқеии пиромунӣ (музофотӣ) гуфта мешавад, ки рафторҳои одатӣ ё одии бидуни андешаро ба вуҷуд оварад, ки аҳамияти ангезиши мусаллами он кам ё ҳеҷ аст.

Ин нуктаро бояд дар назар дошт, ки ҳама афрод дорои шахсият ҳастанд, вале ин шахсиятро ба эътибори хусусияте, ки дар ҳар фарде пайдо мекунад ва ба вазъу ҳоли махсус медиҳад, аз дигарон мумтозаш мекунад, ман ё шахсият гуфта мешавад. Бинобар ин, ман ҳамон шахсият аст, ки мунтаҳо ба эътибори мавзӯи он равоншиносони мухталиф ба гунаҳои мутафовутӣ таъриф кардаанд. Аз ҷумла, ба назари Алберт ӯ, шахсият созмони пӯёӣ аз системаҳои равони тании фард аст ва рафторҳову афкори хоси ӯро таъин мекунад (Сиёсӣ, 1377).

*Сифоти шахсият.* Он чи вижагии улгӯҳои рафтории шахсро тавсиф мекунад, сифати шахсият номида мешавад. Санҷиши шахсият ва тавсифи хасоиси шахсиятӣ аз дер боз мавриди таваҷҷуҳи равоншиносон будааст. Дар асри кунунӣ шинохти вижагиҳои шахсиятии афрод дар бисёре аз мавқеиятҳои зиндагӣ зарурат пайдо мекунад.

Муаллимону пажӯҳишгарон барои шинохти беҳтари донишомӯзон ниёз доранд, вижагиҳои шахсиятии онанро мавриди санҷиш қарор диҳанд, то битавонанд барномаи варзишии тарбиятии худро бо ин вижагиҳо ва ниёзҳои онон ҳамоҳанг кунанд. Мушовирону дармонгарон барои роҳнамоӣ ва кӯмак ба муроҷеону дармонҷӯён лозим аст, вижагиҳои шахсиятии онанро маврид арзёбӣ қарор диҳанд. Санҷиши хасоиси шахсият барои бисёре аз ҳадафҳо амри асосист, зеро мавқеияти

фард дар ҳар як аз заминаҳо, монанди таҳсилу дармон ва мавқеиятҳои зиндагӣ бо хасоиси шахсиятии ӯ робита дорад.

Тарафдорони мактаби сифоти шахсият эътиқод доранд, ки ҳар фард таркиби ваҳдатёфтае аз сифоти баданӣ ва равонист. Онон зимни таъкид бар тафовутҳои фардӣ дар сифоти шахсият ба табақабандии афрод бар асоси бархе аз сифоти муштарак муътақиданд. Ба назари ин даста равоншиносон ҳарчанд улгӯи сифоти шахсияти ҳар фард аз дигарон мутамоиз аст, дар айни ҳол вуҷӯҳи иштироки муқоисапазир дар афрод вуҷуд дорад. Бинобар ин, тафовутҳои фардиро метавон ба унвони парокандагӣ ё тағйирпазирии сифоту хасоиси асосии шахсият талаққӣ кард.

*Назарияҳои шахсият.* Назарияҳои шахсиятро метавон ба чанд даста тақсим кард:

- назарияҳои таҳлилӣ, ки метавон Фруид Юнгро дар ин даста қарор дод;
- назарияҳои равонии иҷтимоӣ: Адлер, Хорни;
- назарияҳои зисти иҷтимоӣ: Форум, Олпорт, Саливан, Роҷерс;
- назарияҳои мубтанӣ бар таҳлили авомил: Кеттел, Айзенк;
- назарияҳои шинохтӣ: Ҷорҷ Келлӣ;
- назарияҳои ёдгирӣ-иҷтимоӣ: Раттер.

*Назарияи Юнг.* Яке дигар аз равоншиносоне, ки дар мавриди типҳои шахсият баҳс кардааст, Карл Густо Юнг (C.G. Jung) (1875-1961) аст**.** Юнг, ибтидои афродро ба ду тип: дарунгаро ва берунгаро тақсим кард. Ба назари вай, касе ки чунон зиндагӣ кунад, ки бо шароити айнӣ иртиботи мустақим дошта бошад, берунгаро аст. Ҳама зиндагии ӯ ошкоро нишон медиҳад, ки дар зеҳни ҳушёри ӯ бештар омили айнӣ, на омили зеҳнӣ нақши қотеъ ва таъинкунанда дорад. Ба ибораи дигар афроди берунгаро алоқаи худро ба берун аз худ ва дарунгаро онро ба даруни худ мутаваҷҷеҳ мекунанд. Берунгаро айнӣ меандешад ва дарунгаро зеҳнӣ. Берунгаро бо атрофиёни худ пайваста дар тамоси наздик аст ва дарунгаро пардаи шахсияти худро миёни худ ва воқеият қарор медиҳад (Ален Клифорд, 1366).

Юнг ҳар як аз ин ду типро бо чаҳор типи фаръӣ табақабандӣ мекунад. Бинобар ин ба назари Юнг, афродро метавон ба ҳашт типи шахсият табақабандӣ кард. Ин ҳашт тип иборатанд аз: дарунгароии андешагӣ, берунгароии андешагӣ, дарунгароии отифӣ, берунгароии отифӣ, дарунгароии бинишӣ, берунгароии бинишӣ, дарунгароии эҳсосӣ ва берунгароии эҳсосӣ (Сиёсӣ, 1357).

Вижагиҳои ин ҳашт тип иборатанд аз:

- берунгароии андешагӣ: бештар ба умури хориҷӣ ва воқеӣ, ки қобили дарканд, таваҷҷуҳ доранд, аммо дар айни ҳол дар бораи он чи ки ҳис мекунанд, ба интизоъ низ мепардозанд ва аз умури ҷузъӣ ба кашфи усули куллӣ ноил мешаванд;
- дарунгароии андешагӣ: ба маълумоти шахс ва назарияҳое, ки пазируфтаанд, бештар аҳамият медиҳанд (то ба умури воқеӣ ва хориҷӣ). Аглаби таваҷҷуҳи онҳо ба умури хориҷӣ бад-ин манзур анҷом мегирад, ки бар асоси шавоҳиди хориҷӣ, назариёти худро исбот мекунанд;
- берунгароёни отифӣ: ба осонӣ худро бо авзоъ ва аҳвол мунтабиқ месозанд;
- дарунгароёни отифӣ: бештар дар худ фурӯ рафта, эҳсосоти отифии онҳо амиқ ва шадид аст, ба он ки намоиши хориҷӣ дошта бошад. Онҳо ба зоҳир афроди беэътино ва сард ҳастанд. Аз ин рӯ, шинохтан ва пеш бурдан ба афкор ва эҳсосоташон душвор аст;
- берунгароёни бинишӣ: аглаб умуреро, ки дар шариф огоз ё таквин ҳастанд, ҳадас мезананд ва бархе рӯйдодҳоро пешбинӣ мекунанд;
- дарунгароёни бинишӣ: афроде ҳастанд, ки бештар ба жарфои (умқ) худ ва рӯёҳояшон таваҷҷуҳ доранд;
- берунгароёни эҳсосӣ: афроди воқеъбин буда, ба умури махсус таваҷҷуҳ доранд ва аглаб, афроде ҳастанд, ки дониш ва иттилооташон нисбат ба муҳит сатҳист;
- дарунгароёни эҳсосӣ: умурро чунон ки ҳаст, мушоҳида намекунанд, балки чунон ки хаёл мекунанд, ҳаст мебинанд ё мавриди таъбир ва тафсир қарор медиҳанд (Сиёсӣ, 1377).

*Назарияи Айзенк.* Айзенк равоншиноси муосири инглис дар табақабандии шахсият бо истифода аз назарияи Юнг ва назарияи қадимии Ҷолинус ва бо таваҷҷуҳ ба буъди ҳаяҷонӣ будани рафтори одамӣ, табақабандии ҷадидеро ироа кардааст. Бар асоси назарияи вай, инсон аз як назар метавонад дар бахши берунгароӣ ва ё дарунгароии ин табақабандӣ қарор гирад ва аз сӯйи дигар, шахс мумкин аст аз лиҳози ҳаяҷонӣ устувор ва ё ноустувор бошад. Бад ин тартиб, дар тарҳи Айзенк метавон доираеро бо ду қутри (диагонал) амуд бар ҳам тасаввур намуд, ки бар асоси яке аз қутрҳо ду гурӯҳ - берунгаро ва дарунгаро ва бар асоси қутри дигар ду гурӯҳ –

устувор ва ноустувор эҷод мешавад. Бинобар ин, ҳар фард мумкин аст дар нуқтае аз як рабъи доира қарор гирад:

- берунгарой навъи фарди иҷтимоист, аз ширкат дар маҷолиси шулуғ лаззат мебарад, толиби ҳаяҷон аст ва куллан фарди таконишӣ аст. Вай базлагӯ, саҳлгир, беэҳтиёт ва хушбин аст. Тамоюл ба пурхошгарӣ (агрессия) дорад ва ҳамеша он фард қобили эътимод нест.

- дарунгарой навъи фарди сокит ва гӯшагир аст. Ба ҷойи сӯҳбат бо мардум дӯстдори китоб аст. Вай аз ҳаяҷон хушаш намеояд ва зиндагии мураттаб ва муназзамро дӯст дорад, ба осонӣ аз курра дур намеравад. Қобили эътимод ва то ҳудуде бадбин аст.

Яке аз ҳавзаҳои аслии равоншиносӣ арзёбии шахсият аст. Арзёбии шахсият равоншиносони омӯзишгоҳиро ёрӣ мекунад, то битавонанд ба илали носозгорӣ ва мушкилоти ёдгирии кӯдакон дар мадорис пай баранд. Равоншиносони созмон ва санъатӣ ба кӯмаки арзёбии шахсият беҳтарин афродро барои шуғлҳои ҳассос интихоб мекунанд.

Равоншиносони мушовира низ барои роҳнамоии афрод дар касби шуғл муносиби онҳо мекӯшанд, ки бо равишҳои арзёбии шахсият ба алоиқ ва ниёзҳои ашхос пай бибаранд. Равоншиносони пажӯҳишӣ барои тавҷеҳи рафтори озмуданҳо бо пайдо кардани робита байни вижагиҳои шахсияти аксари афрод дар тайи даврони таҳсил ё шуғли расмӣ аз тариқи озмунҳои шахсият ва мусоҳибаҳое, тавассути мушовирон ва марокизи истихдомӣ (ҷалбкунӣ) ба таври ғайрирасмӣ, ба василаи дӯстон ва ошноён арзёбӣ мешаванд.

Баъзе аз равишҳои арзёбии шахсияти айнӣ, бархе комилан зеҳнӣ ҳастанд ва мумкин аст, ки сӯгириҳои шахсиро ба дунбол дошта бошанд. Пас, барои аз байн бурдани ин сӯгириҳо ҳар равиши арзёбии шахсият бояд дорои 3 шарт: *поёӣ, эътиборӣ, ҳинҷорёбӣ* бошад (Шултс, 1378).

*Савобиқи таърихии санҷиши шахсият.* Кӯшиши донишмандон барои тавсиф ва табақабандии табиати одамиро метавон дар Юнони Бостон дарёб кард. Дар аҳди бостон тафовути афрод аз назми халқ ва мизоҷ ба ғалаба яке аз хилтҳои чаҳоргона (хун, сафро, балғаму сафро) нисбат медиҳанд. Бар ин асос, афрод бо чаҳор син ё тип табақабандӣ мекарданд. Ақоиди Буқрот метавонад аввалин талош дар заминаи таҳлили авомил дар щахсият маҳсуб шавад ва то қарни XIX идома дошт.

Мутолиаи аввалин шахсият аз назари равоншиносӣ, бо осебшиносии равонӣ пайванд дошт. Бар асоси табақабандии қадимии Крачмар шахсият рӯйи пайвасторе, ки дар як қутби он бемورони искезофрунӣ (шизофрения) ва дар қутби дигар беморони моник-депресия (шайдо-афсурда) қарор мегирифт, тавсиф мешуд (Айзинг,1969). Пайванд байни санҷиши шахсият ва арзёбии бемориҳои равонӣ дар тӯли таърих устувор мондааст. Бо ҷудо шудани равоншиносӣ аз фалсафа ва тиб ва пас аз он ки равоншиносӣ ба сурати як илм даромад, назарияи шахсият бештар ба мутолиаи сохт ва рафтори рӯзмарраи як инсон маътуф шуд.

Бад ин сон, дар солҳои даҳаи 1930-юм, пажӯҳиш дар бораи шахсият аз мутолиаи рафтори нобаҳинҷор фаротар рафт ва ба мушкили куллии тавсиф ва табақабандии анвои шахсият пардохт. Дар авохири ҷанги якуми ҷаҳонӣ аввал равоншиносон ба ин натиҷа расиданд, ки бо санҷиши равонӣ мумкин аст афроде, ки мустаъиди наврӯзи ҷанг ҳастанд, шиносо шаванд. Овдорес барои ин манзур, пурсишномае ба ном барги иттилооти фардиро тадвин кард ва бо истифода аз он ба афроди мустаъиди ҷанг шинос мешуданд. Аз он пас, ин озмун ба унвони нахустин озмуни шахсиятӣ роҳро барои тадвини озмунҳои баъдии барои санҷиши хасоис ҳамвор сохт. Дар авохири даҳаи 1930-юм озмуни MMPI ё пурсишномаи чандваҷҳии шахсиятии Миннесота ба унвони як абзори айнӣ барои шахсияти беморони равонӣ тадвин шуд.

Дар тӯли 10 сол пас аз ҷанги ҷаҳонӣ чанд озмуни фардфканӣ ба вуҷуд омад. Маъруфтарини онҳо озмуни Роршах аст, ки дар соли 1921 тавассути гармони Роршах тадвин шуд. Аз дигар, озмунҳои TAT, CAT ва озмуни нақошии кӯдакон ба шумор меравад. Равоншиносони дигаре, монанди Гелфорд Айзенк ва Кеттел бо истифода аз равиши таҳлил омиле ба сохтани озмунҳои айнии шахсият пардохтанд, ки бар асоси он абъоди чандгона ва авомили мухталифи созанда, хусусияти шахсиятӣ мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор мегирад.

*Озмунҳои айнии шахсият.* Озмунҳои айнии шахсият ба сурати пурсишнома бо иборатҳои баста таҳия мешаввад, ки озмуданӣ посухи худро ба сурати «оре» ё «на» мушаххас мекунад. Дар сохтани пурсишномаҳои шахсиятӣ ё озмунҳои айнии шахсият фарз мешавад, ки аввалан, шахсияти одамӣ муташаккил аз маҷмӯа ё хасоис

аст, ки шиддат ва андозаи ин хасоис дар афроди мухталиф мутафовут аст. Сониян, посуххои озмуданӣ ба пурсишҳои озмун баёнгари сифот ва хасоиси воқеии онҳост.

Барои сохтани пурсишномаҳои шахсиятӣ ду роҳбурд вуҷуд дорад, ки онҳо ба равишҳои фаръӣ тақсим мешаванд ва иборатанд аз роҳбурди қиёсӣ ва роҳбурди таҷрибӣ. Дар роҳбурди қиёсӣ барои таъини маънои посухи озмуданӣ ба пурсишҳо аз мантиқи қиёсӣ истифода мешавад ва пурсишҳо бар асоси назарияҳои муайяни равоншиносӣ сохта мешавад. Бар асоси ду рӯйкарди мантиқӣ - мӯҳтавоӣ ва рӯйкарди назария тақсим мешавад. Дар роҳбурди таҷрибӣ аз равишҳои оморӣ ва озмоишӣ истифода мешавад ва ба равиши гурӯҳи малок ва рӯйкарди таҳлили омилӣ тақсим мешавад.

